ҒАФФОР МИРЗО

# ФОЛИ ҚИСМАТ

Душанбе
«Адиб»
2009

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ББК Тоҷик 7- 4

М - 49

Мураттиб ***Абдулҳамид Самад***

Муҳаррир ***Гурез Сафар***

М 49 **Ғаффор Мирзо. Фоли қисмат** (ҳикояҳо). –
– Душанбе, «Адиб», 2009, 192 саҳ.

*Шоири Халқии Тоҷикистон Ғаффор Мирзо бо китобҳои зиёди шеъру достонҳои ҷолибаш байни хонандагон маҳбубият дорад. Вале дар ин китоб, ки баъди сари вай чоп мешавад, ҳикояҳои адиб гирд омадаанд. Ҳикояҳо бо тозагии мавзӯъ, сабки нигориш, ҷузъиёту бинишии шоиронаи муаллиф басо хотирмону омӯзонандаанд.*

ISBN 978-99947-64-04-4

© Нашриёти «Адиб», 2009

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## САРНАВИШТ

Инсонҳои баҳунар дар ҳама давру айём аз рӯи сарнавишт, хӯву хислат, ирода ва заминаи тарбия ва ё ихлосу эътиқоди сахт ба ғояҳои замон, ростгӯиву адолатпарварӣ ва муросо накардан ба каҷравон, ҳаромхӯрон рӯзгори пурмоҷаро ва талху азиятоваре пушти сар мекунанд. Аз рӯи мушоҳида дар қарни бист ин сарнавишти печида ва пур аз муборизаву талош, бо гуфтору кирдори хеш барои худ пайваста мушкилӣ эҷод кардан бештар хоси онҳое будааст, ки дастпарвари хонаи бачаҳо ё ба таъбири шоир Ғаффор Мирзо «Фарзанди Ҳукумат» будаанд. Шоир Ғаффор Мирзо низ яке аз онҳост. Ва ҷавонони солҳои панҷоҳуму шастум ва ҳафтодуму ҳаштодум устодро на танҳо бо шеъру достонҳои гуногунмавзӯъ ва пуршӯру аҷоибаш, балки бо очерк ва мақолаҳои публисистии пурмӯҳтавою тезу тундаш дар хотир доранд. Шоир баъди сафару дидани користони сохтмонҳои азими ҷумҳурӣ, вазъи заминкушоӣ, сабзонидани боғу ҳифзи ҷангалҳо дар кӯҳистон, шиносоӣ ва сӯҳбат бо инсонҳои заҳматкашу бунёдкор, дар ин замина аз ҳисси ифтихори ватандориву масъулияти инсонӣ ва ё мушоҳидаи масъалаҳои ташвишовари зиндагӣ, аз ҷониби худсарону пулмастҳо ба дараҷаи ифрот расонидани расму русум хомӯш наменишаст, бо сабку лаҳни ғаффорона, бо муҳаббату самимият меситоид созандагону қаҳрамонони замонро, бо хашму нешу истеҳзо мазаммат мекард падидаҳои номатлуб ва ашхоси каҷрафтор, қонуншикану аз худ рафтаро. Чанде аз ин навиштаҳои Ғаффор Мирзо дар китобҳои ӯ «Меҳнат мукофот аст», «Сафари диёри дӯстон» ва «Ҷовидонӣ» гирд омадаанд. Ҳамчунин шоир дар баробари эҷоди шеъру достонҳои ҷаззобу дилнишине барои хурдсолон ҳикояҳо низ навишт ва китоби пурҳикмате бо номи «Насиҳатҳои Бобосалом» ба нашр расонд ва бо ин қарзи хешро дар назди наберагонаш, яъне бачаҳои миллати тоҷик то андозае адо кард. Вале ин шоири пуркору бои-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

стеъдод аввали солҳои ҳаштод ягон-ягон ба насрнависӣ низ даст задааст. Ва аз рӯи таърихи иншои асарҳо бармеояд, ки адиб дар рӯзҳои сиёҳу пурфоҷиаи миллат, пархошу моҷароҳои шармовар, майдонбозиву шиорфурӯшӣ дар гӯшаи танҳоӣ нишаста, аз саргузаштҳои пурдарду алам ва сиёҳи хеш ҷиддӣ ба ҳикоянависӣ камар бастааст. Вай ин навиштаҳояшро, ки баъзан дар маҷаллаву рӯзномаҳо чоп шудаанд, ҳикояҳои саргузаштӣ номида. Воқеан, қаҳрамони марказии аксари ҳикояҳое, ки дар ин ҷилд гирд овардаем, шахси муаллифанд. Хонанда зимни мутолиаи ин китоб ба сарнавишти печидаву пурфоҷиа, ҳаёти талху рӯзгори сангин, мубориза, лағжиш, часпу талош ва орзуву армонҳои писараке бекас, хору сарсону овора, вале ҷонсахту ҳақталош, ёғиву саркаш, ноком, лек дар роҳи мақсад ҳамеша устувор ошно мешавад.

Ӯ Ғаффор Мирзо аст, ки бо амри тақдир айёми тифлӣ аз оғӯши модар ва меҳри падар бенасиб монда, ба кӯи сахти ятимӣ меафтад ва ба гуфти худаш, «аз чархаи ҳаллоҷии тақдир гузашта», дар солҳои басо даҳшатангез бо азобу шиканҷаҳои гӯшношунид дар ба дару ятимхона ба ятимхона гашта, бераҳмиҳои зиндагиву одамонро фаровон пушти сар карда, ба воя мерасад. Ҳикояҳо ёдвораи зиндагии Ғаффор ва хулқу атвори ҳамзамонони ӯ мебошанд. Метавон ин навиштаҳоро азияти шадиди равонии як эҷодкори ҳассосу нагунбахт аз саргузашти талх, доғу дард, носозии қисмат, самараи шубҳа, ҳасад, рашк, балки дуруштиву мавридношиносӣ, баҷову ноҷо ибрози ақида намудан, аз хомӣ ва хуни гарми ҷавонии «қаҳрамон» номид. Ҳадафи Ғаффор Мирзо аз таълифи ин ҳикояҳои саргузаштӣ аз худ фаришта ё бут сохтан набудааст. Ин маъниро мо аз анҷоми ҳикояи «Қарз ба қиёмат намонад, гуфтам» равшан пайдо мекунем, ки чунин аст: «Ман метавонистам ин воқеаи нангинро иқрор нашавам. Аммо ба иқрор нашудан ва пинҳон доштан сифати вай беҳтар намешавад ва аз қабоҳат ба наҷобат табдил намеёбад. Ин аст, ки «онро бо худ ба гӯр бурда чӣ кор мекунам?» гуфтаму ошкораш кардам».



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мавзӯи ҳикояҳо, забон ва сабки тасвири муаллиф аҷибу тоза, башираву муассир мебошанд. Мо муаллифро ҷое мебинем, ки шӯху бебок аст, дар ҷои дигар аз бешафқатии инсонҳо доду ғиреви ӯ ба фалак мепечад, боз ҷое аз тангии рӯзгор даст ба дуздӣ ҳам мезанад... Албатта, айёми наврасиву ҷавонӣ барои онҳое, ки аз дидор ва дасти шафқати падару модар маҳруманд, дуруштӣ, худсарӣ, каҷрафторӣ шояд табиӣ намояд. Лек пас аз гузаштани солҳо ва соҳиби номи баланду нон шудан барои ба кирдорҳои хеш иқрор кардан иродаи қавӣ мебояд. Дар аксари ин ҳикояҳо мо оҳанги иқрори гуноҳ, пушаймониву омурзиш аз кирдори ношоиста ва ё арзи сипос ба инсонҳои фариштахӯву накӯкорро эҳсос мекунем. Ва ин ҳама бо нақли хушку дилбазан не, балки бо тасвир, ҷузъиётҳои хушнамаку нотакрор, хушҷилову дурахшон. Ва банда зимни мураттаб сохтани ин ҷилд, ки шояд на ҳама ҳикояҳои муаллифро гирд оварда тавониста бошам, бори дигар бовар ҳосил кардам, ки «Сагвафо», «Тақдир, тарафи кистӣ?», «Олиҳаи ҳусн» ва «Набера» барин ҳикояҳои устод Ғаффор дар радифи беҳтарин ҳикояҳои нависандагони маъруфи тоҷик меистанд. Ин китоб боз аз он ҷиҳат аҳамият дорад, ки хонанда ва аҳли таҳқиқи имрӯзу фардо пас аз мутолиаи он ба сарнавишти печидаи як фарди эҷодкор, зиндагӣ ва оғози роҳи эҷодии ӯ аз рӯи навиштаҳои худи муаллиф ошно мешавад.

***Абдулҳамид Самад***



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# САГВАФО

Онҳо, зану шӯ, фарзанд надоштанд ва баъд аз се соли хонадорӣ, вақте ки умедашонро аз бача канданд ва хотирҷамъ шуданд, кучук гирифтанд. Кучук сагбачаи одии таҳҷоӣ, аниқтараш ҳамхуни куттаи подабонӣ ва рубизи шаҳрӣ буд, лекин азбаски ҳанӯз якмоҳа нашуда буд, хеле ширин ва дилҷӯ менамуд, чашмакони монанди солуки занбӯр сип-сиёҳи ӯ аз шавқу завқи бачагона лабрез буданд, шӯхи серқилиқ ва бозингар буд, яъне дар оила ҷои бачаро нагирифта бошад ҳам, ба мисли лӯхтаки зинда ҳамчун бозича ва дастхуши кулӯлаи пахмоқи ҷондорак он ду калонро машғул медошт ва хурсанд мекард. Хусусан, марди хонаро. Ӯ ба ин ҷонварак чунон меҳру муҳаббат баст, ки рӯзона ба он лаби дунё рафта бошад ҳам, бегоҳӣ бешубҳа гашта меомад. Соати ба хона баргаштан ӯро ба дақиқаи хумори тамоку монанд шуда буд: ҳамин ки вақташ омад – тамом, ҳеҷ касу ҳеҷ чиз ӯро манъ ва маътал карда наметавонист. Кучук ҳам ба ҷадвали бозгашти соҳиби меҳрубон ва кӯдакмиҷози худ одат карда буд. Чанд дақиқа пеш аз омадани ӯ тӯбчаву пишакчаи резиниашро бо ҳама гуна бозиву ғалтанаку ҷастухез як сӯ мемонд ва дар паси дар ҷо мегирифт. Фукашро ба рахнаи дар ниҳода, берунро зуд-зуд ва чуқур-чуқур бӯ мекашид, аз бетоқатӣ ва беқарорӣ винг-винг мекард ва дарро мехарошид. Ва ҳангоми аз дар даромадани соҳибаш хурсандие зоҳир мекард, ки ягон рӯз дилкаф ва шодимарг шуданаш ҷои тааҷҷуб надошт. Инро соҳибаш ҳамон рӯз аз дил гузаронд ва тахмин намуд, ки ба хона дер баргашт ва ҳангоми вохӯрӣ кучукча аз шиддати шодию хурсандӣ қад-қад парид.

Лекин муносибати кучукча ва зани соҳибхона ин зайл самимӣ ва гарму ҷӯшон набуд. Аз рӯзи аввал кучукча сард ва сохта будани меҳрубонӣ ва навозиши ӯро бо инстинкти бобоии худ пай мебурд. Пай мебурд ва метарсид. Метарсид ва кӯшиш мекард, ки бо ягон қилиқ ё кирдори ношоиста ӯро наранҷонад ва қаҳри ӯро набиёрад. Баъзан



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳатто ба марди хона, ки сагбача ӯро аз ҷонаш бештар дӯст медошт, гапгардонӣ мекард, лекин ба ҳар як имову ишорати зани хона гӯшбақимор меистод, ҳар як фармони ӯро ҳамон замон ба ҷо меовард. Ҳангоми дар хона дуяшон мондан кучукча бозию талош намекард, ба рӯи палосчаи худаш ба шикам зада, фукашро ба болои ду панҷааш мегузошту аз симои зани соҳибхона чашм наканда ба ӯ менигарист. Менигарист ва майдатарин, нозуктарин зарраи зуҳуроти ҳиссиёти ӯро дошта мегирифт, ба хотир медошт ва омода буд, ки ӯ фармояд ва ин ба ҷо орад.

Зани соҳибхона монанди тамоми намояндаҳои ҷинси хеш аввал чунон мӯҳтоҷ ва интизори кӯдак буд, ки гӯё кӯдак наёбад, мемурад. Лекин чун боварӣ ҳосил кард, ки безурёт аст, ба бебахтии худ қоил шуд, ба тақдири худ тан дод ва оҳиста-оҳиста ба айби худ одат кард. Ҳамин ки одат кард, бачаҳоро бад медидагӣ шуд. Пештар лафзи ширин ва қиликҳои дилфиреби кӯдакон дар ким-куҷои дили ӯ ба тори маҳини меҳри модарӣ расида мегузаштанд ва он тор дуру дароз ширин-ширин меларзид, ки дили ӯ гум мезад. Вале ҳангоме, ки ба айби худ одат кард, он тор занг зад, ба як қабати заҳраи ғафс пӯшида шуд, ки ба он расида гузаранд ҳам, акнун ба ҷуз ҳиссиёти ғаш ва ғиҷин дар ӯ чизеро бедор карда наметавонист. Вақтҳои охир бошад, худаш ҳис мекард, ки он ғашу ғиҷини оддӣ ва нафрат ба бадбинии сиёҳу чуқур табдил ёфта истодааст. Ҳатто як маротиба аз таҳти дил хост, ки ба тухми он қирон ояд. Ин фикр рӯзе ба сараш чарх зад, ки кӯдаки ҳамсоя химчаро ба кӯлмак кӯфт ва чилчаи оби лойолуд ба домани ӯ парид.

Айёми кучукии сагбача бисёр тез гузашт, вале на аз таъсири хӯрду хӯрок ва нигоҳубини нағз, балки аз таъсири вуҷуд, аз сирояти нигоҳи он зан, ки сартосар сириштаи як ҳиссиёти ҳамчу кобус сиёҳу вазнин ва онро ба воситаи биотокҳо ба гирду атрофи худ паҳн мекард. Ва азбаски кучукча дар пайбарии ҳиссиёти пинҳон аз соҳиби худ нозуктар ва ҳассостар буд, инро мефаҳмид ва азоб мекашид. Чун дар пеши пои модагург ҷони худро кулӯла медошт.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Чунон фишурда ва чунон кулӯла, ки аз шиддати чунин ҳолат оқибат девона шудан мумкин аст. Ин тазъйиқи пайваста ба қафаси танге монанд буд, ки сагбачаро ҷисман калон шудан намемонд, вале дар ҷисми кучуконаи ӯ як ҳиссиёти бузурги саги калонро маҷбурӣ ҷо мекард. Дар натиҷа он на ба отаи куттаи худ, на ба очаи рӯбаҳмонанди худ, балки ба ким-чи хел як ҷонвараки нестандарҷаҳон монанду калон шуда, дӯстрӯии кучуконаи худро, ки яке аз воситаҳои хушомад ва рӯзгузаронии сагони безот аст, рӯз то рӯз бештар ва бештар гум мекард. Оқибат «омад ба сарам, аз он чӣ метарсидам» гуфтагӣ барин, он рӯзе, ки кучук омаданашро хеле пеш ба тарс пай бурда буд, расид.

– Мардак, бас будагист акнун. Хуб бозӣ кардӣ, хуб машғул шудӣ, ҳавасат аз сагпарастӣ ҳам шикаст. Акнун несташ кунӣ ҳам, мешавад, – гуфт як рӯз зани соҳибхона ба шавҳараш.

– Несташ кунам? Чӣ тавр? – нафаҳмид мард.

– Сагро чӣ тавр нест мекунанд? Ба дасти сагкушҳо месупоранд. Ё агар бераҳмӣ намояд, ба ягон кас ҳадяаш мекунанд. Лекин охир ин хунуку тунуки туро кӣ ҳамчун ҳадя қабул мекунад. Бар, дар ягон ҷои дур сараш деҳ, ки хонаро наёбад ва гашта наояд.

– Занак, о ин мискин ба мо тангӣ намекунад-ку?! Истад-чӣ? – тавалло кард мард.

– Кучук буд, тангӣ намекард. Ман ӯро ҳамчун дилхушии ту меғунҷондам. Акнун калон шудааст, дилхушие надорад. Ба болои ҳама «ҳунарҳои» дигараш боз тӯда мекардагӣ ҳам шудааст. Бар, нест кун, – гуфт қатъӣ зани соҳибхона.

Саг ба мард ва мард ба саг нигоҳ мекарданд. Ҳамон сонияе, ки чашмони одам ба чашмони саг ба паллаҳои тамоман баробарвазни тарозуи ғаму ҳасрат монанд шуда буданд, ҳамин буд.

Мард имрӯз як чиз, пагоҳаш чизи дигареро баҳона карда, ду-се рӯз тадбире наҷуст ва ба қароре наомад. Аммо таънаву надомати зан рӯз то рӯз меафзуд ва хонаро ба сарои дуову дашному ҳақорат табдил медод.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ниҳоят мард фарёде зад, ки ёли саг хест, зан бошад ҷуволбандро аз даҳони ҷуволи тайёр карда мондааш партофта, гилаву таънаву надомат ва ҳазор гуна дуову дабараи дигари худро ба сари ӯ ҷуволакӣ рехт ва дар охир ҷамъбаст кард:

– Аз сарат монад ҳам хонаат, ҳам сагат! Гап якто, хоҷасагпараст: агар ҳамин рӯз несташ накунӣ, ман қадамамро ба хона намемонам! – гуфт ва сумкаашро гирифта баромада рафт.

– «Кошкӣ намемондӣ» – беихтиёр гузашт аз дили мард. – Кошкӣ намемондӣ ва ман ба ин осонӣ аз ту халос мешудам! Лекин афсӯс, ки мегӯиву намекунӣ».

Дар даҳлез, дар ҳамон ҷое, ки истода буд, мард сари по нишаст ва сари сагро бо ду кафи даст гирифта наздик овард ва ба чашмони ӯ нигоҳ карда гуфт:

– Чӣ кор кунам, ҷонвари безабон? Худат медонӣ, ки ман ба ту одат кардаам. Ба саг не, ба ту, ба як ҷонвари аз ҷинс инсӯтар ва ба инсон наздик одат кардаам. Туро ба кӯча партофтан кӯдакро ба кӯча партофтан аст. Кӯдакеро, ки барои тарбия мегиранд, вале аз ӯҳдааш набаромада, аз сар соқиташ карданӣ мешаванд. Чӣ кор кунам, кошкӣ хушрӯ мешудӣ, ё ҳеҷ набошад, каҷу килеби ғалатӣ мешудӣ, ки шавқи ягон касро меовардӣ. Ҳеҷ ҷои шавқовар надорӣ, ҷонвар. Не, дорӣ, чашмони хушрӯи бамаънӣ дорӣ. Лекин ба чашми саг нигоҳ мекардагӣ касро аз куҷо меёбӣ? Эҳ бечора, бечора! – самимӣ афсӯс хӯрд мард ва пешонаашро ба таври муқаррарӣ ба пешонаи саг расонда бархост…

… Ҳардуи онҳо, саг пеш-пеш ва соҳибаш аз қафо, аз хона баромаданд ва ба сӯи гараж раҳсипор шуданд. Саг давида чанде пеш аз соҳибаш ба дарвозаи гараж расида, фукашро ба таги дарвоза хаста, бӯ мекашид, ханҷол мекард ва гаштаю баргашта ба сӯи соҳибаш нигариста, бесабрии бачагона зоҳир менамуд. Соҳиби ӯ дар ҳавлӣ бо яке аз ҳамсоягони худ чанд сония маътал шуд, саг давида омада, аз домани ӯ гирифт ва ба сӯи гараж кашола кард.

Онҳо хандиданд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Саг дар ҳақиқат рӯзи якшанбе мошинсаворӣ ва дар талу теппаҳои беруни шаҳр ҷасту хез карда гаштанро бисёр дӯст медошт. Ин аст, ки чун бача бетоқатӣ мекард ва ба маътал шудани соҳиби худ сарфаҳм намерафт. Бинобар ин баробари кушодани дари мошин саг ҷаҳида ба кабина даромаду бӯсидагӣ барин карда рӯи соҳиби худро хеле зуд ва озод лесида монд. Ин қилиқ ҳам ӯро одат шуда буд.

Саг аз тирезаи пушти мошина тамошо мекард ва намефаҳмид, ки чаро имрӯз кӯчаҳо ин қадар ношиносанд. «Пештар ба як нишебе мефаромадем ва аз сар шуданаш мошина фурӯ меафтидагӣ барин мешуд ва дил ҳиққӣ мекард. Баъди он кӯҳҳо сар мешуданд. Имрӯз ҳеҷ не, ки он нишеб ояд».

Оқибат мошин қарор кард. Вале дар ҷое қарор кард, ки ба манзараҳои сайру гашти пешинаи онҳо ҳеҷ монанд набуд. На кӯҳ, на пушта, на сабза. Чор дарахти баланд дар паси як рахна, ки як вақт девор буд, акнун бошад, бо як пора релс ва чандин симу тунукаву оҳанпораҳои гуногунҳаҷм ва гуногунвазифа бетартиб ва каҷу килеб русташ карда монда буданд.

Хӯҷаин фаромад ва дари пасинаи мошинаашро кушод. Саг ҳам ҷаҳида берун шуд. Берун шуд, вале мисли пештара ҷастухезу ғалтанаку даводави худро сар накард. Балки сарашро бардошта, ба чашмони соҳиби худ бо аломати савол нигоҳ кард ва интизори фармон шуда истод. Хӯҷаин дар пеши ӯ чунгур нишаст ва сари ӯро ба ду кафи даст гирифта гуфт:

– Бубахш маро, азизам. Медонам, ки ту ҷонатро аз ман дареғ намедорӣ. Медонам, ки мемирию аз баҳри ман намегузарӣ. Лекин ту сагӣ ва ман одамам. Одамон, албатта ба манфиати худ, одат ва қоидае баровარданд, ки саг метавонад барои одам ҷон диҳад, вале одам барои саг ҷон додан он тараф истад, аз баҳри чизе, амале, мақоме гузашта наметавонад. Бубахш, ки ман ҳам дар вуҷуди худ қудрате, шуҷоате, девонагие пайдо накардаам, то ин қоидаи худбинона ва худписандонаи фарзанди инсонро вайрон кунам. Ту сагӣ ва ман одамам, вале дар айни ҳол



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мехостам, ки ба ҷои ту бошам. Ман-ку ба ҷои ту буданро мехоҳам, вале оё ту мехоҳӣ, ки ба ҷои ман бошӣ? Не, намехоҳӣ. Наметавонӣ. Агар медонистӣ, ки ҳозир бо ту чӣ кор карданиям, аз ман, аз ман барин одамаки нотавон, нангин ва бевафо нафратат меомад. Хайр, азизам, насибаат ҳамин будааст. Ё агар тақдири нек дошта бошӣ, мумкин аст соҳиби аз ман одамтареро ба ту насиб бинад. Хайр, бубахш эй саг, одамро...

Хӯҷаин пешонаашро ба пешонаи саг ниҳода чанд сония хомӯш истод ва сонӣ тезу қатъӣ бархоста ба мошина нишасту газ дода ғайб зад. Саг ҳайрон-ҳайрон аз пушти мошини саросема дур шуда истода нигоҳ кард ва ҳангоме, ки вай аз назар ғоиб шуд, сар фуроварда пайҳои соҳибашро чуқур-чуқур бӯ кашиду ба гирди худ як гирд гашта, ба рӯи онҳо ҳалқа зада хобид.

Саг, мегӯянд, заминҷунбиро се соат пеш, бӯйро аз як фарсанг, душманро аз як нигоҳаш, дуздро аз як қадамаш ва боз ҳазору як чизи дигарро аз одам пештар ва аниқтар пай мебарад. Вале хиёнати дӯстро намефаҳмидааст. Дар вуҷуди худ ҳамин хел узве надоштааст, ки маънии хиёнат ва бевафоии дӯстро ба майнаи содаи ӯ бурда расонад. Ин аст, ки ӯ айнан ба рӯи пайҳои соҳиби худ ҳалқа зада хобид ва хаёл кард, ки соҳибаш посбонӣ кардани онҳоро ба ӯ фармуда рафт.

Кӯча дур набуд. Садои сигнал ва шарфаи чархҳои мошинаҳо аввал ба гӯши ӯ расида мегузаштанд. Ӯ ҳар замон як садо ва як шарфаро медошту сар медод, медошту сар медод. Интизор буд, ки ҳозир ё замони дигар шарфаи чархи мошинаи соҳибашро мешунавад, ӯро мебинад ва сари худро боз як бори дигар дар миёни панҷаҳои ҷонбахши ӯ ҳис мекунад.

Шаб наздик меомад. Садоҳо торафт камтар мешуданд. Як зану як мард, ки аз ҳардуяшон бӯи собун ва оби гарм меомад, аз паҳлӯи ӯ гузашта, ба ҳамон девори шикаста даромада рафтанд. Писараки велосипедсаворе ба гирди ӯ як чарх зада, аввал хост думи ӯро зер карда гузарад, лекин сонӣ аз фикраш гашту кордор нашуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чароғҳои шаҳр дар гирифтанд. Вале на торикии он майдонча, на торикии фикру хаёли он саги мунтазирро равшан карда натавонистанд. Ними шаб як села сагҳои кӯчагард пайдо шуданд ва ҳар кадоми онҳо ӯро банавбат бӯ кашида гузашт. Саги калони серпашми гӯшбуридае, ки сардори он села ва аз афташ, ҳокими ҳамин гирду атроф буд, ба ӯ як «иур-р» гуфт, вале дид, ки ин саги навомад ба ҳокимии ӯ муқобил нест, дигар начақид. Ҳатто ба бозӣ гузашт, иҷозат дод ва илтимос кард, ки ӯ ҳам ба ин селаи озоди шабгард қатӣ шавад. Якчанд дақиқа кайфу сафои озодию шабгардиро бо забони қиликҳои аҷоибу ғароиб ба ӯ намоиш дод. Ташвиқоти гӯшбурида бетаъсир намегузашт, агар ӯ вазифадор намебуд, агар пайҳои хушбӯ ва азизи хӯҷаини худро посбонӣ намекард.

Сагҳои кӯчагард, ки аз ин гуна вазифа ва ҳиссиёт умуман бехабар буданд, чизе нафаҳмида, ӯро ба ҳоли худаш монда рафтанд.

Шаби кӯча аз шаби хона чандин баробар дарозтар будааст. Саг инро фаҳмид. Қариби субҳ ӯ бархост. Аввал борашро ба по, сонӣ ба даст андохта, хамёза кард ва пайҳои соҳибашро боз як бори дигар бӯ кашида боварӣ ҳосил намуд, ки онҳоро касе надуздидааст, баргашта ба рӯяшон хобид.

Рӯз шуд. Садоҳо барқарор гардиданд. Гушнагӣ ба ёдаш наомад, вале ташнагӣ дар тасаввури ӯ ҳамчун гули алов як шукуфту хомӯш гардид. Ҳамон бачае, ки бегоҳӣ бо велосипедаш думи ӯро пахш карда гузаштанӣ буд, акнун пиёда дар даст портфел мактаб мерафт. Ӯ наздиктар омад ва дид, ки ҳамон саг дар ҳамон ҷояш ҳоло ҳам наҷунбида хобидааст, хуб ҳайрон шуд. Саг ба ӯ аҳамият надод. Сонӣ бача ба ёд овард, ки сагҳои девона ҳамин хел хаппак мешаванд, ӯро якбора воҳима гирифт ва гурехта рафт.

То пешин ҳеҷ воқеае рӯй надод. Соҳибаш наомад. Вале ягон каси дигар ҳам ба ӯ кордор нашуд. Аммо баъд аз пешин боз ҳамон бача, ки ин дафъа ду-се рафиқашро ҳамроҳ оварда буд, пайдо шуд. Онҳо аз дур истода, аввал ба ӯ санг партофтанд. Як-ду-се санг ба ӯ расида бошад



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳам, ӯ на ин, ки сар набардошт, балки сарашро чуқуртар панаҳ карда аз ҷояш наҷунбид. Бачагон сангпартоиро бас карда, шерак шуданд ва наздиктар омаданд. Вале маълум буд, ки ҷасорати онҳо дар нӯги гӯши саг овезон аст: ҳамин ки ҷунбид, мегурезанд. Онҳо чанд дақиқа дар гирди ӯ чарх зада, бо ҳазор гуна валвалаи аҳмақона сагро аз ҷояш хезонда гурезонданӣ мешуданд, вале наметавонистанд. Оқибат як бача, ки аз дигарон шердилтар ва боақлтар буд, бо навозиш наздик шуда, хост, ки сари сагро сила кунад. Лекин дид, ки саг намехоҳад. Ӯ саги худашро ба ёд овард: агар устухонро аз пеши ӯ гирифтанӣ шавад, айнан ҳамин хел дӯстона уррос мезанад. Яъне «ман туро дӯст медорам, лекин бо вуҷуди ин ба устухон даст нарасон». Ин саг ҳам сар набардошта, ӯро айнан ҳамин хел хабардор кард.

– Ин саг девона нест, – эълон кард бача ва айнан монанди он гӯшбуридаи шабона дастаи худро гирифта рафт. Аммо даҳ дақиқа нагузашта буд, ки ҳамаи онҳо гӯшту ҳасибу нон гирифта баргаштанд. Дар пеши саг дар як замон як тал хӯрок пайдо шуд. Лекин саг ба таом нигоҳ ҳам накард. Вай ҷобаҷо насиби ҳамон сардори гӯшбурида шуд, ки имшаб ҳам бо селаи шабгарди худ ҳамчун шабохун гузашту рафт.

Ду шабу ду рӯз. Се шабу се рӯз. Чор шабу чор рӯз. Овозаи саги аҷоиб торафт паҳн мегардид ва аз ду-се маҳалла гузашта ба афсона табдил меёфт.

Бомдоди рӯзи ҳафтум, вақте ки хӯҷаин аз бистари хоб бархост, гӯши ӯ ҷарангос зад ва он ҷарангос ба садои нолиши саги ӯ хеле монанд намуд. Дили ҳанӯз аз саг накандаа, виҷдони ҳанӯз наосуда ва раҳму шафқати ҳанӯз карахш набастааш ӯро маҷбур карданд, ки зуд либос пӯшида, автомобилашро бароварда, аз паҳлӯи ҳамон майдончаи ҷинояти худ гузаре кунад.

Саги беҳолу бемадор аз дур, аз миёни ҳазору як гуна садову шарфаи мошинаҳои дигар шарфаи чархҳои автомобили соҳиби худро шунид. Шодие, ки аз ин шарфа ҳосил шуд, дар ҳақиқат бузург буд, вале азбаски ғаму



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кулфати якҳафтаинаи ӯ аз ҳадду андоза гузашта буд, он шодӣ ӯро ба по хезонда натавонист. Ӯ як сар бардошт, мошинаи соҳибашро дид ва пеши чашми ӯро сиёҳӣ гирифт.

Соҳиби саг гумон намекард, ки ӯро меёбад. Боварӣ дошт, ки саг дар ҷустуҷӯи роҳи хона дарбадар ва кӯчабакӯча шудааст. Лекин ана ин андеша, ки саг дар чунин ҳолат метавонад ҳафт рӯз не, ҳафтод рӯз аз ҷояш наҷунбида хобад, ҷон диҳад, вале нахӯрад, нанӯшад, наравад – ба гирду гӯшаи хаёли он мард нагашта буд. Аз нақлу ривоятҳои вафодории саг огаҳ буд, вале онҳоро афсона мепиндошт. Бинобар ин баробари дидани сагаш азоби ҳафтрӯзаи ҳайвони бечораро якбора тасаввур кард ва аз дарду алам, аз айбу гуноҳ ва аз шарму ҳаё ба мурдани худ худро розӣ ҳис кард.

«Худоё худовандо! Чӣ қадар аблаҳам ман, ки ҳамин ҳиссиёти оддии сагон – вафодории сагона ба ёдам нарасидааст!» – гузаронд аз дил соҳиби саг ва сари ӯро бо ду кафи даст бардошта ба чашмони бенур ва ифлос гардидаи ҷондори безабон нигоҳ кард. Саг зӯр зад, ки аз ҷо хезад, вале қувват надошт, ки тани пӯсту устухоншудаи худро бардорад.

– «Не, гуноҳамро бояд харам! То забон набарорию «бахшидам» нагӯӣ, намегӯям, ки аз гуноҳам гузаштаӣ, – фикр кард соҳиби саг ва ӯро ба рӯи ду даст бардошта, ба кабинаи мошин бурд. – Хас барин сабук шудааст, бечора!».



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ДАР МЕҲМОНХОНА

Дар меҳмонхона ман аз ҳуҷраи худ нав берун шуда будам, ки аз кунҷи даҳлез, аз паси тубаки садбарги хитоӣ Коляи автомат дар даст ҷаҳида баромаду фарёд зад: «Исто, ки мепарронам!» Ман, ки пуштам ба тарафи Коля буд, ҳамон ист даст бардоштам ва «таслим» гуфта, қарор кардам. Бо вуҷуди ин Коля маро паронд. Як тирдони автоматашро ҷобаҷо дар тахтапушти ман холӣ кард.

– Э-э, Коля, ин тан не, – гуфтам. – Қоидааш, каси таслим шударо намепаронанд.

– А, ман мепаронам. Ман калон шавам, ҳамаи одамонро мепаронам! – гуфт Коля бо қатъияте, ки мӯи баданам вижӣ карда бархост.

Ман аз раҳам гаштам, ба пеши ӯ чунгурак (сари ду по) нишаста, ба сараки пахолосо зард ва чашмакони гӯё сапфирро[1] дар садаф шинонидаи ӯ бодиққат нигоҳ карда пурсидам:

– Коля, ту чандсолаӣ?

Ӯ бо илоҷе се ангушташро қат карду дутои мондаашро ба ман нишон дод. Дар нӯги ангуштони сафеду нозуки ӯ нохунаконаш ҳамчун донаҳои анори бедона шаффоф метобиданд.

– Ту аз куҷо, омадаӣ, Коля?

– Аз хона.

– Хонаатон дар куҷост?

– Да пеши бибим. Бибима телевизораш вайрон шуд, амаки Федя омада соз карда дод.

– Бибиат дар кадом шаҳр аст?

–Шаҳр… шаҳр… Намедонам, самолёт-қатӣ омадем-да.

– Ту китобчаи суратдорро дӯст медорӣ?

– Дӯст медорам. Медонӣ, худам як сурат мекашам, ки! Мана ин хел кашӣ, девор мешавад, ин хел кашӣ – дар мешавад. Ту сурати филро кашида метавонӣ?

– Метавонам. Ба хонаи ман биё, нишон медиҳам.

---

[1] *Сапфир* – ёқути кабуд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

– Ба хонаи ту намеравам.

– Чаро?

– Метарсам. Ту қазоқӣ.

– Ту автомат дорию аз қазоқ метарсӣ? Биё, натарс.

Коля қавоқҳои андохтаашро андак кушоду:

– Хайр, – гуфт.

Ман аз роҳам гашта, дарро кушодам ва Коля бемалол ба рӯи кресло баромада дар як нафас китобу коғазҳои маро титу пош карду аз он байн қаламамро бо як варақ коғази сафед гирифта, ба сураткашӣ даромад.

– Ту ин ҷо ба назди кӣ омадаӣ?

– Ба назди дадем.

– Дадет дар куҷост?

– Дадем дар ҳабс. Ӯ амаки Федяро дошта зад, ба ӯ панҷ сол доданд, – гуфт Коля ва коғазро рӯгардон кард.

Ман фаҳмидам ва дигар ҳеҷ чизро напурсидам. Баръакс, барои он, ки саволу ҷавобамон аз хотираш равад, варақи дигаро гирифта, сурати бузпо кашидам.

Коля суратро аз дасти ман гирифту:

– Пфу! Буз ин хел намешавад. Ин медонӣ-чӣ? Ин шуллук, – гуфт ва интизори радду ризои ман нашуда, муҳокимаашро давом дод:

– А ту «а»-я навишта метавонӣ?

– Мана бин, ҳамин як тал коғазро навиштаму, «а»-я навишта наметавонам?

– Мумкин натавонӣ. Канӣ, те, коғазҳоятро бинам, «а» доранд ё не.

Ман дастнависамро ба пеши ӯ тела додам. Ӯ як варақи онро гирифт. Худи айнак доштагӣ барин ба чашмонаш хеле наздик овард ва механдагӣ барин зуд-зуд сатрҳоро аз назар гузаронид ва хулоса баровард:

– Дар ин ҷо ягонта «а» нест. «А» ана ин хел навишта мешавад, – гуфт ва аломати секунҷаеро кашида ба ман ҳавола кард.

– Ба ман муаллимам ин хел нишон дода буд-ку, – гуфтам ман, қаламамро аз дасти ӯ гирифта ва «а»-ро навиштам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Муаллимат нодуруст нишон дода будааст. Акнун муаллимат ман. «А»-ро ана ҳамин хел навис.

Ман боз қаламро гирифта, «А»-ро ба шакли нишон додаи ӯ навиштам.

– Не, – гуфт Коля, – «а»-я навишта наметавони-ю. Ана ин хел навис.

Ӯ аз курсӣ фаромада, аз тарафи дасти рости ман гузашт ва мушти маро гирифта ба рӯи коғаз бурда-овардан гирифт.

Ман ба ӯ нигоҳ мекардам. Ҷувонимарг чӯҷаи фаришта барин покиза, шаффоф ва хушрӯ буд.

Ногоҳ Коля мушти маро сар доду бо ду даст гарданамро сахт оғӯш карда пурсид:

– Ту чаро бо нанаи ман хоб намекунӣ-а?

Ман аввал хандидам. Сонӣ ҳайрон шудам. Баъд, ки сарфаҳм рафтам, ғадуди нафрат гулӯямро ҷобаҷо гирифт, ҳарду чашмам кӯли об шуд.

«Одамон! Палидӣ ҳадду андоза дошта бошад ё не?» – фарёде аз дилам гузашт ва баръало ҳис кардам, ки як гӯшаи он валангор шуд. Ба дараҷае валангор шуд, ки ҳеҷ касу ҳеҷ чиз онро барқарор карда наметавонад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ГУЛИ САДБАРГ

Ин қисса маҳз қиссаи гули садбарг аст, лекин биёед ман аз тӯи арӯсии ду ҷавон оғозаш намоям.

Ба Муртазо ва Муборак дар рӯзи тӯи хонадоршавиашон ҳеҷ кас монанди раиси Совети шаҳр тӯҳфаи қиматбаҳо наоварда буд. Вақте барои қӯшапир шудани арӯсу домод ва хушбахт умр ба сар бурдани онон ду-се қадаҳ нӯшида шуд, суханро ба раиси Совети шаҳр доданд. Мо, ки дар тӯю зиёфатҳои дигар қадаҳ бардоштани ӯро дида ва шунида будем, ба худ гуфтем, ки ҳозир боз ягон «лексия» мехонаду кайфҳоро мепаронад, табъҳоро хира мекунад. Лекин, хайрашро диҳад, чашмдошти моро накард.

– Дӯстони азиз, – гуфт раис. Тӯйхона ором шуд. Аз ҳама охир як чумчаи вазнин ба зарфи тунуки шишагин бархӯрду дигар овозашро набаровард, гӯё ҳамон замон танбеҳашро дода бошанд.

– Дӯстони азиз, мо барои қӯшапир шудани арӯсу домод ва хушбахтона умр ба сар бурдани онон қадаҳ бардоштем. Лекин ман ҳамчун раиси шаҳр бо ҳамин ришу фаш ба шумо арз мекунам, ки шаҳри моро барои аҳолиаш сад ҳазор шудан фақат даҳ каси дигар намерасад. Ман умедворам, ки арӯсу домод дар ҳамин солҳои наздик сари онро пур мекунанд.

Касе набуд, ки баъди ин сухани раис аз дур истода, авзоъ ва таассуроти меҳмононро тамошо кунад. Яке аз таҳти дил кӯдакона завқ мекарду механдид, дигаре дудила буд: намедонист хандад ё шарм дорад; яке ба ҳамшафаташ нигоҳи саволомез меандохт, яъне мегуфт: «Оё ба раиси Совети шаҳр мезебад, ки ҳамин хел қадаҳи ғайриҷиддӣ ва сабукандешона бардорад?». Дигаре ба оринҷаш ҳамтабақашро тунгӣ мезаду ба сӯи арӯсу домод ишора менамуд. Онҳо бошанд, бо пойҳои дар таги миз пинҳонашон машғули муҳокимаи тезутунди сухани раис буданд.

Раис ҳанӯз рост истода, интизор буд, ки кай ҷарангоҷурунг, тарақотуруқ ва ғалоғула бас мешаваду ӯ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

суханашро ба охир мерасонад. Лекин ҳамин вақт овози ғафси касе ҳама гуна ғалоғулаи тӯйхонаро дарронда, сонияе ҳукмрони ҳавои он гардид:

– О акаи раис, гапатон дурусту лекин худатон медонед: даҳта бача харбуза нестанд, ки дар болои кулӯх калонашон кунӣ.

– Ҳа-а, Аҳмади Қатиқ, ин ту ҳастӣ магар? Ҳоло ҳам «худо»-ро шунида «берди»-яшро ношунида гап мезанӣ-ҳа?... Рафиқон, ҳамаи шумо як чиз-ним чиз тӯёна овардаед. Ман дар дастам ҳеҷ чиз наоварда бошам ҳам, гумон накунед, ки дасти холӣ омадаам. Тӯёнаи ман мана, – аз кисаи костюмаш коғази ғафсеро бароварда нишон медиҳад ва аз сари стол худаш баромада сӯи арӯсу домод меравад.

Тӯйхонаро дақиқае миш-миш фаро мегирад, зеро ҳеҷ кас намедонист, ки он коғаз чӣ коғаз аст?

– Бародару хоҳари азиз, мана сарпаноҳи шумо. Бигузор аз ҳамин хонае, ки фардо шумо ба остонаи он пой мегузоред, қадами дӯстон ҳеҷ канда нашавад, – гӯён раис ҳамон коғазро бо калиде ба дасти Муртазо медиҳад.

Он коғаз ордери хона будааст, ки дар ҳақиқат барои наварӯсон тӯёнаи аз ин қиматтар дар дунё нест.

* * *

Ана акнун навбати худи қисса – қиссаи гули садбарг.

Рӯзи дигар Мубораку Муртазо аз тӯйхона саҳари барвақт баромаданд. Коғази ордер дар дасташон монанди компас раҳнамоӣ мекард: кӯчаи Восеъ, бинои 19, хонаи 24.

Мана ин магазини хӯрокворӣ магазини онҳо хоҳад шуд. Ана инаш онҳоро бо пойафзол таъмин мекунад. Мана аз вояш барои осон кардани рӯзгори ин ду навхона косаву табақ, сатилу палос меояд. Кӣ медонад, шояд ҳо ҳамон мошинаи либосшӯӣ интизори омадани Мубораку Муртазо бошад? Лекин дӯкони аз ҳама даркориаш ин аст: дӯкони гул. Ба ошиқон нон мадеҳ, гул бидеҳ – сарашон ба осмон мерасад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Агар оҳанрабо оҳанро кашаду каҳрабо каҳро, бояд гуфт, ки гул ишқрабо аст. Мубораку Муртазо ҳар қадар ки ба дӯкони гул наздиктар шаванд, роҳ гӯё ҳамон қадар қачтар шуда, ба сӯи дӯкон бор мегирифт. Дар миёнҷои рафи гул, дар тубаки сафолӣ буттаи гули садбарге исто-да буд, ки бар сари он гули навшукуфта монанди қатраҳои хуни кабӯтар барқ-барқ медурахшид. Муғчаҳои дигари он ҳанӯз масти хоб буданд.

– Муртазо, ба хонаи нав дасти холӣ даромадан хуб нест. Ҳамин садбаргро зеби даст гирем, чӣ мегӯед?

Садбаргро аз ҷояш бардоштанд. Вай гоҳ ин сӯ – гоҳ он сӯ сар меҷунбояд, гӯё бо ёрони худ видоъ мекард. Садбарг ниҳоли лимӯеро, ки дар паҳлуяш буд ва шабҳои дарозро дар сӯҳбати ширини он саҳар мекард, аз ҳама бештар дӯст медошт. Барои ҳамин гули садбарг ҳангоми видоъ сари худро ба оғӯши лимӯ зад ва онҳоро аз ҳамдигар базӯр ҷудо карданд.

Тубаки гули садбарг ашёи нахустини рӯзгори ҳамин ду ҷавони навхона гардид. Онҳо вайро ба тоқи тиреза гузоштанд. Дару девори беғаш ва чун садаф сафед, пар-кети зебо, тирезаҳои кушод, ки гӯё ҳамаи осмони беғубори пагоҳии шаҳрро ба меҳмонӣ мехонданд, бо рухсораҳои аз бахт ва аз шарм тасфида, бо лабони шодоб ва бӯсаталаби Муборак, бо чашмони оташгирифтаи Муртазои бесабру қарор ҳамоҳанг гардида, консерти шодӣ ва зебоӣ ороста буданд. Гули садбарг чун арӯсаки шармгин сар набардошта, бо таги чашмонаш машғули тамошои оростагони ин консерт аст ва баробари онҳо завқ мекунад. Ин тирезаи барҳаво, ин хонаи тозаву озо-да, ин ду ҷавони ғуборнадида ба ӯ хуш омадаанд. Ӯ аз муҳити нав розист. Лекин шояд сабаб мутаассиршавиҳои пай дар пай бошад, ки имрӯз барвақттар ташна мондааст. Муғчаҳо-ку он қадар не, аммо гули шукуфта бисёр бетоқатӣ менамуд, ӯ нафасе ҳам тоби ташнагӣ надорад.

Муборак ва Муртазо аз ҳуҷраи калон ба хонаи ошпазӣ гузаштанд. Баробари нӯлаки қубури обро кушодани Муртазо лойоба фавворае заду тамом шуд, баъд оби



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шаффоф фиху фахкунон ҷорӣ гардид. Садбарг шарфа ва насими обро шунида ба талвоса афтод. Ташнагӣ кам буд, ки боз як магаси хираву шилқин аз кадом гӯр пайдо шуда, бо пойҳои ифлосаш ба рӯи баргҳои ӯ менишасту дили ӯро беҳузур мекард.

Он ду ошиқи навхона бошанд, сарпаноҳи худро хуб тамошо намуда, ба даҳлез баромаданд ва ихтиёри рафтан карданд. Садбарг аз тарс қариб, ки фиғон бардорад. Лекин ӯ ғами беҳуда мехӯрд: ишқи инсон, ки пуштибони гул аст, ӯро аз ҳамаи хавфу хатар дар паноҳи худ эмин хоҳад дошт.

Ишқ бол афшонд ва арӯсу домод дар даҳлез ногоҳ ғарқи бӯсаи ширин гардиданд.

– Эҳ, ба гул об додан даркор аст, – гуфт Муборак ва худро аз оғӯши Муртазо раҳо карда, дар ҷустуҷӯи зарфе шуд.

Дар хона зарф набуд.

Муртазо тубаки гули садбаргро бардошта, ба хонаи ошпазӣ, ба сари қубури об бурд. Аввал гулу баргу муғчаҳои онро дар таги об дошта, тару тоза намуда, баъд дар худи тубак об андохту бурда боз дар тоқи тиреза гузошт.

Гули садбарг нафаси чуқуре кашиду ғамҳои гузаштаашро фаромӯш карда, машғули тамошои ҷамоли худ шуд.

Муборак ва Муртазо рафтанд, то чизу чораи худро бор карда биёранд. Вале чизу чораи чӣ доштанд? Вақте ки ҳамаи молу амволашон ҷо ба ҷо карда шуд, ногоҳ диданд, ки якбора ҳазор чиз намерасад. Сатил даркор шуд, диданд, ки сатил надоранд. Дар ҳуҷраи калон мизи хӯрокхӯрӣ ба ёд расид, диданд, ки он ҳам нест. Либосҳоро овехтан лозим омад, диданд, ки на фақат либосовезак, балки мехе ҳам ёфт намешавад, то онро муваққат ба девор кӯбанду либосҳояшоро овезанд.

*«Кайф-кайфи хонаи мардум,*
*На ғами обу на ғами ҳезум»,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– гуфт бо ханда Муртазо. Аммо ҳеҷ як дасти кам чеҳраи беғубори ишқи ононро ғаш карда наметавонист.

Ҷои ҳар камиро ишқ пур мекунад.

Замин агар монанди сандуқчаи лотерея гирд гардад, Муртазову Муборак аз он касони кам андар кам буданд, ки довашон даромада буд ва ҳанӯз шодии як бурд онҳоро тарк накарда, медидед, ки шодии бурди дигаре ба сарашон парвоз карда омад. Онҳо умри хуш ба сар мебурданд…

Саҳари рӯзи дигар, вақте ки Муртазо ба хонаи дастурӯшӯӣ рафт, Муборак кампали сабзи хитоиро ба рӯбистар тунук карду ба хонаи калон, ба сари гули садбарг омад.

Боз як муғчаи гули садбарг имшаб шукуфта буд. Муборак аз гардани гулҳо озод дошта, онҳоро бӯ кашиду бо кафи дастонаш садбаргро навозише карда, бо табассуми ширини хаёломез ё ба хаёли ширини табассумангезе фурӯ рафт. Гулҳоро сила мекарду рӯ ба тиреза ба кимкуҷо, на ба гул, на ба осмони софи саҳар, на ба дарахтони шабнамзадаи берун, балки ба ҳамон хаёли ширини худ беҳаракат менигарист. Муртазо, ки дастурӯяшро шуста баромад, Муборак ӯро ба назди гули садбарг фарёд кард.

Ду фарзанди тавонои инсон, ки соате баъд якеаш ба сохтмони стансияи бузургтарини электрикӣ, ба миёни сангу семент, оҳану бетон, дигараш ба кабинети ҷарроҳии касалхонаи калонтарини шаҳр ба кори ҳаррӯзаи худ меравнанд, ҳоло дар рӯ ба рӯи як гиёҳи заифе қариб ки бо тавозӯи ғуломона истодаанд.

Ҳамаи ин кори ишқ аст.

Офтоб мебаромаду фурӯ мерафт. Кору бори рӯзгор рӯз то рӯз зиёд мешуд. Лекин Мубораку Муртазо дар байни ҳамаи он вақт меёфтанд, ки паҳлу ба паҳлу нафасе дар пеши гули садбарг биистанд. Дар миёни ҳазор кору бори зарури дигар об додани он аз ёдашон намебаромад. Гули садбарг ҳам, ки акнун бештар шукуфта, ба як дастаи гул монанд шуда буд, ҳар саҳар онҳоро бо хуррамӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гусел мекард, рӯзи дароз интизор мешуд, ҳар бегоҳ хурсандона пешвоз мегирифт.

Ҳаёт чандин ҳазор сахтии майда-чӯйдаи назарногире дорад, ки худ ба ҳеҷ ваҷҳ сахташ намешуморад. Вале сахтиҳои хизматнишондодаи дигар, ки пир шудаанд ва кор дилгирашон кардааст, онҳоро барои серҳаракат, берӯй ва қаллоб буданашон ба навшогирдӣ ва дастёрии худ гирифта, ба ҳар ҷо мефиристонанд, дар ҳар кор истифода мебаранд.

Чӣ шуду аз рӯзҳои рӯз мана ҳамин хел як сахтии ахмақчоп ба хонаи Муртазову Муборак сар даровард.

Вай кирои гуфтан надорад, лекин сабилмонда сабаби нохушии якчандрӯзаи ду ҷавон гардид. Муддао ин, ки дар идораи лоиҳасанҷӣ лоиҳаи инженери энергетик Муртазо Мансуров сахт, бисёр сахт танқид карда шуд. Барои он ки димоғи кас сӯзад, ҳаминаш ҳам бас аст. Лекин барои одами эрка ва камтар мағрур ин аз сараш ҳам зиёд мебошад.

Муртазо бо димоғи сӯхта ва хотири ранҷида ба хона баргашт. Чи тавре ки мегӯянд, ҳамин вақт на овози булбулаш мефорид, на маликаи ҳуснаш. Лекин одамизод шири хомхӯрда аст: Муборак аз куҷо медонист, ки ҳозир ба Муртазо ҳеҷ чиз намефорад. Вақте ки ӯ аз дар даромад, Муборак ҳаллоси кӯдаконае заду бо меҳру муҳаббат ба гардани ӯ овезон шуд:

– Куҷо будед, чаро ин қадар дер кардед? – гуфта, бо коҳиши сохта гардани ӯро ларзондан гирифт.

Ҳамин вақт Муртазо мулоҳиза накарда, дағалона:

– Э истед, шилқинӣ накунед! – гуфт.

Аз сари Муборак он лаҳза гӯё оби хунук рехтанд.

Муртазо аз даҳлез гузашта истода папкаашро бо қаҳр ба рӯи столи хонаи ошпазӣ ҳаво дод. Лекин папка ба кунҷи стол бархӯрда ба замин афтод. Муртазо аҳамият надода, ба хонаи хоб рафт. Ӯ ҳатто костюмашро набароварда, кампалро ғун накарда, худро ба пушт рӯи бистар партофт.

Муборак бошад, бо дасту пои шалҳа ва рӯҳи шикаста



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ба хонаи ошпазӣ даромада, папкаро аз замин бардошт ва дар сари миз чанде дар таҳайюр ва тааҷҷуб нишаст. Баъд рӯяшро бо дастонаш панаҳ карда хуб гирист.

Ҳаво торик шуд. Чойник аз ҷӯш монд. Хӯрок дар дег хароша баст. Гули садбарг ҳайрон буд, ки чаро имрӯз ба ӯ об намедиҳанд, чаро имрӯз ӯро навозиш намекунанд.

Муртазо гап нозада баромада рафт. Нагуфт, ки куҷо меравад.

Ман Муртазоро дар чашми шумо, хонандаи азиз, ганда карданӣ нестам. Ман худам ӯро дӯст медорам. Худи ҳозир ҳам ба дили соф ва хулқи неки ӯ бовар мекунам. Лекин, худатон шоҳид, ки кирдори ӯро ба рӯи бел монӣ, бел қабул намекунад.

Хайр, гӯем, ки Муртазо аз карда пушаймон шудаасту лекин гарданаш ёрӣ намедиҳад, рафта аз Муборак узр хоҳад. Аммо ҳамаи гап дар ҳамин, ки ӯ ҳозир – вақти баромада рафтанаш пушти нохун барин ҳам дар ин хусус фикр намекард. Озори дили Муборакро дарк наменамуд.

Зане, ки панҷ-шаш соли хонадориро аз сар гузарондааст, эҳтимол, ба ин кори Муртазо парво ҳам накунад: ҳеҷ ҳодиса сар назадагӣ барин, хӯрокашро хӯрад, хонаашро рӯбад, китобашро хонад, хобашро кунад ва фардо ҳолдон шавад, ки чаро дирӯз бегоҳӣ Муртазо ин қадар бадқаҳр ва бадмуомила буд.

Лекин Муборакн бечора тамоми шабро дар азобу изтироб ва ташвиши ҳазор фикру хаёл гузаронд. Гумони аз ҳама аввали Муборак барин наварӯсони самимӣ дар чунин маврид одатан ин аст: аз ман дилаш мондааст, маро дигар дӯст намедорад, ягон духтари дигарро ёфтааст... ва монанди ҳамин.

Саҳари барвақт Муборак ба Муртазо, ки кадом ҳини шаб омада, ба рӯи дивани хонаи калон афтида, хобида будааст, нигоҳе накарда баромада ба кораш рафт. Баъди ягон соат Муртазо ҳам хонаро тарк кард.

Дар ин миёна гули садбаргро, ки ҳамчун шахси сеюми ҳамин оила азиз шуда буд, ҳарду фаромӯш карданд. Шаб ҳам обаш надода буданд, саҳар ҳам обаш надоданд. Вай



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

рӯзи дароз азоб кашид, вале умедвор буд, ки бегоҳӣ меоянду обаш медиҳанд, об! Акнун ба навозиш эҳтиёҷ надошт. Бегоҳӣ ба хона ҳеҷ кас наомад. Гули садбаргро воҳима гирифт. Гармои баъди ғуруби офтоб гулӯи онро мефушурд. Баргҳои пиртари гул канда шуда меафтиданд. Лаби гулбаргҳои муғчаҳои навшукуфта сӯхта мешуданд. Гули садбарг ин шабро дар талвоса ва ҳазён гузаронд. Зарраҳои охирини нам, ки реша чун модари меҳрубон худ нахӯрда ба фарзандонаш медод, қариби субҳ тамом шуданд. Акнун он чи дар бадани ҳар гул, ҳар муғча ва ҳар барг монда буд, нам ҳамон буду халос. Аммо он то ними рӯз ҳам нарасид. Наҷот наомад. Рӯзи дигар гул зоеъ шуд. Аз ҳамон ниҳоли оташ, ки ҳар баргаш чу зумурради зинда ва ҳар гулаш монанди лаъли ҷондор шаъшаапошӣ мекарданд ва шодӣ мебахшиданд, як даста гиёҳи пажмурдаи раҳмангез боқӣ монд. Рӯи ишқро, ки ғубор гирифт, гул нобуд шуд.

Дар миёни Муртазову Муборак моҷарое набуд, ки онҳоро аз ҳамдигар ҷудо кунад. Муртазо беақлие карду ҳамин нохуширо ба сари худ ва маҳбубаи худ овард. Ин нохушӣ, ки сабабаш ин қадар содалавҳона ва хандаовар аст, умри дароз надид, анҷом ёфт, вале гулро нобуд кард.

Аз як беақлии ночиз гул зоеъ шуд. Гул гиёҳ аст, қимат надорад: инаш хушк шуд, ваяшро мешинонӣ, сабз шудан мегирад. Лекин дар зиндагӣ чизҳое ҳастанд, ки гул нестанд, ба шинондан намесабзанд. Чизҳое ҳастанд, ки беақлие кардаю як бор аз дасташон додӣ, дигар намеёбӣ.

Бародари азизам Муртазо ва хоҳари ширинам Муборак, ғами онҳоро хӯред, аз онҳо бохабар бошед.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## НАБЕРА

Асрор ин баҳор хаёлӣ шуда буд, яъне ҳамон узве, ки рафта-рафта узви тафаккур мешавад, ҳамин баҳор ба нахустин амалиёти худ азми ихтиёр карда буд. Пештар ӯро гӯё дасту пой ҷудо буду калла ҷудо, чашму гӯшу забон ҷудо буду фаҳму фаросат ҷудо. Дар рафтору гуфтору кору кирдораш нишонае ҳис карда намешуд, ки аз андеша сар зада бошад. Ӯ чӣ кор мекард? Саҳари барвақт баробари бедор шуданаш бармехост, ба апаи дар паҳлӯяш дар таги як кӯрпа бо ӯ хобидааш, албатта пешпо мехӯрд ва ӯро барқасд як лагад зада, ба сари дастархон мерафт, як пора нонро шикаста мегирифту ба бистараш бармегашт ва бо баҳонаи росту дурӯғ моҷаро мебардошт, ки апааш ҷои ӯро танг кардааст, ҳамаи кӯрпаро ба рӯи худаш кашидааст ва бо нафрату адовати «сағера сағераро бад мебинад» апаи масти хобашро бо дасту пову зонуву оринҷ телаву тамбакунон аз худ ҳар чӣ метавонист, дур мекард ва кӯрпаро аз болои ӯ кашида мегирифту нонашро хоида-хоида боз ба хоб мерафт.

Баъзан, агар апааш бисёр бедимоғ бошад, ба телаву тамбаву хархашаи ӯ нимхобу нимбедор ҷавоб мегардонд, ки: – Э, гум шав, бинии фушуқат дар гӯр! – ва Асрорро бо ҳамон усули шаттаҷанг аз майдон мебароварду кӯрпаро боз «қирғӣ» карда мегирифт. Ана дар ҳамин асно, ҳангоме ки дар рӯи намад, бе болопӯш, ночор ба тақдири худаш тан дода ҳаллук мезаду дам фурӯ мебаст, яке аз аввалин масъала ва муаммои фалсафаи рӯзгори ӯ ба хотираш меомад, ки: «Чаро набераи момаи Зумрад ҷони ширин барин ҳаловатбахшу меҳрубон аст ва чаро Муккаррами апаи исқотии ӯ захри мор барин талху тунд асту ногувору бахил?» Ва ин муаммои мушкил эвеэми ҳоло ҷамъу гирд наомадаи ӯро ба кор даровардa, масъалаи ӯро на беғаразона, балки ба дилхости ӯ ҳал мекард. «Чи хел нағз мешуд, агар Мукаррами апаи бадқавоқу даволу дурушти маро ба набераи момаи Зумрад алиш мекардем! Момаи Зумрад доим шикоят мекунад, ки аз набераи ӯ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дастёри қобил намебарояд, кору бори ин сияҳпича ханда-ву бозиву арғушту даводав. Мукаррам бошад, айнан ба чени дили момаи Зумрад қобил аст: «саҳар барвақт мехезад, хонаву ҳавлиро рӯбучин мекунад, гову бузро медӯшад, онҳоро бо гӯспандон ба подабон месупорад, баъд ширашро ба хонаи певоздор бурда супурда меояд. Меояд ва боз рӯбучини хона, хамиру фатир, дегу дегдон, алову пухту паз. Бахудо, ки Мукаррами мо ба чени дили момаи Зумрад қобил ва меҳнатист. Ӯ не намегуфт, агар очаи ман розӣ мешуду Мукаррамро ба набераи ӯ алиш карданӣ мешудем». Ва Асрори дар пеши падару модар ҳамчу писари яккаву ягона эрка ба осонӣ ба ҳамин хулоса омад, ки: «Мукаррамро ба набераи момаи Зумрад алиш кардан мумкин аст». Ба ҳамин хулосаи аниқ омадан баробар Асрор ҳадаҳа ҷаҳида бархосту ба хонаи дигар ба сари болини модараш рафт ва то тани хунукхӯрдаи худро ба оғӯши гарму нарми модар ҳарчӣ чуқуртар ғарқ кунад, чанд сония лӯтидан гирифт, ғӯтта задан гирифт, печидану жӯлидан гирифт.

– Чӣ гап шуд, Асрор? Барои чӣ ин қадар хунук хӯрдаӣ? – ва модари дилогоҳ мувофиқи жӯлидану ғӯтта задани ӯ амал карда, ӯро сахттар ба оғӯш мегирифт ва кӯшиш мекард, ки писараш дар гармии тану ҷони ӯ чуқуртар ғарқ шавад. Даме нагузашта, Асрор аз тасфи бадани модар ҷон гирифту боз ба жӯлидану лӯтидани дигар даромад, то аз он ҳарорат худро халос кунад. Ӯ сарашро аз таги кӯрпа бароварда, нафасашро рост карду пурсид:

– Оча, ҳо оча, биё як кор кунем.

– Чӣ кор кунем, Асрор?

– Биё Мукаррама ба набераи момаи Зумрад алиш кунем.

– Алиш кунем? Мукаррама ба набераи момаи Зумрад? Маълум мешавад, ки боз ҷанг карден-а. Эҳ беақл, беақл! Мукаррам туро фарзанди падар аст. Ҳоло ягон бор нашудааст, ки касе фарзанди падарашро ба алиш монда бошад. Калонтар шавӣ, ба даҳ хел набераи момаи Зумрад



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дучор меой, лекин даҳ сол ҳам зиҳӣ, дуюм Мукаррамро намеёбӣ. Ҳоли ист, калонтар шав, вақте ки ман бимирам ва ту монию Мукаррам, падару модар, сарбону соябони ягона, нозбардору меҳрубони ту Мукаррам мешавад. Мукаррама алиш накун, Асрор. Алиш кунӣ, бой метӣ, ки қусурашро ба сад набераи момаи Зумрад бароварда наметонӣ… – Ва нафасе таҳаммул кард модару аввали гапро ба ёдаш овард: – Ист, ки набераи момаи Зумрад чӣ нағзӣ дорад?!

Ин савол ягон бор ба хотири Асрор наомада буд ва ҷавобашро намедонист. Бинобар ин дар саволи модар дармонд. Дармонд ва ба модараш қаҳраш омад, ки ин саволи мушкилро ба ӯ барқасд дод, чунки Мукаррамро нағз мебинаду набераи момаи Зумрадро не. Агар набераи момаи Зумрадро монанди ман медонист, Мукаррамро нағз намедид, чунин саволи кӯргиреҳ намедод ва ба алиш кардани Мукарраму набераи момаи Зумрад розӣ мешуд.

– Ҷавоб надодӣ-ку, Асрор? Набераи момаи Зумрад аз Мукаррам чӣ нағзӣ дорад?

– Чӣ нағзӣ дорад, чӣ нағзӣ дорад, – ғазаб карда мазмун мегирифт модарашро Асрор ва дарҳол ӯро бар зада, тунгӣ зада, худашро аз оғӯши ӯ канд ва ба канори бистар ғел хӯрд. Аммо масъалаи алиш кардани Мукаррам ба набераи момаи Зумрад барои Асрор чунон ҳатмӣ, чунон муҳим ва ҳаётӣ шуда буд, ки барор нагирифтани онро ба дилаш роҳ дода наметавонист. Бинобар ин Асрор ба таври худ дипломатия карда, аз қаҳраш гашту модарашро сахт ба канор гирифта истода, гуфт:

– Набераи момаи Зумрад бо ман бозӣ мекунад, мо ба болои бом мебароем, хандақ ба хандақ давида мегардем, дар даруни тӯтакалукҳо ҷогаҳшавонак мекунем. Набераи момаи Зумрад доим механдад ва рӯи хуш нишон медиҳад. Дандонҳои хушрӯ дорад. Дар гарданаш ҳамел дорад аз марҷони сурх. Нохунакҳояш ҳам марҷон барин.

Модар ин тасвири писари панҷсолаашро шунида истода, дар таги кӯрпа гиребони худро қабза карду ба тав-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ба даромад: «Худоё, тавба! Магар бо насими муҳаббат бедор кардани дили кӯдаки панҷсола ҳангомаи хеле барвақт нест? Боз худат медонӣ. Худоё худовандо! Бубахш мани осиро, ки андешаи куфр кардам, шак овардам. Боз худат хубтар медонӣ, Худоё худовандо!» – илтиҷо мекард модари Асрор.

Асрорро дигар хоб набурд. Бархост ва дид, ки Мукаррам ҷогаҳро ғундошта хонаро рӯбучин кардааст ва хурмаро шуста, ба оғил рафта истодааст. Аз хиёнати худ дар хиҷолат-ку монд, хуб изо-ку кашид, лекин на ба ҳиссиёт, на ба тасаввур зӯраш намерасид, то қарораки дили гарданшахи худро дигар кунад. «Не, набераи момаи Зумрад нармтару дилнишинтар аст», – аз дилу дидаи ӯ боз як маротибаи дигар мавҷ заду гузашт ин андеша. Ва ширинтару дилнишинтар будани набераи момаи Зумрадро беихтиёр маънидод карда истода, ҳиссиёташро пеши чашм овард, ки «масалан, агар набераи момаи Зумрад сари ӯро ба канор гирад, аз хурӯҷи фараҳ дилаш гармгарм, ширин-ширин гум мезанад, агар Мукаррам дар канор гирад, ғиҷинаш меояд, нафасаш мегардад ва дилаш танг мешавад».

Хонаи Асроршон, ки алолам аз сабаби камбағалӣ, хоксорӣ ва нуфуз надоштани падараш дар ҷои аз ҳар ҷиҳат нобоб воқеъ буд: дар як ҷое, ки дара ба охир мерасад, кӯҳҳо ҳамвор мешаванд ва водии Сангови мазор оғоз меёбад. Ва аз ҳама бадтараш ин, ки дар сари роҳи шамолҳо. Шамолҳои ба ҳам мухолиф ва таҷанги аз як тараф водию аз тарафи дигар – кӯҳ, ки хобанд ҳам, дар хоб хоби ҷангӣ мебинанд ва бедор шудан баробар баҳсашон ҳанӯз ҳал нагардида, саросема ба ҷои муайяни афтударафти худ мешитобанд, дар айни замон ба нишебию хамию тангии он майдон ва он чорсӯе, ки хонаи Мирзохони камбағал воқеъ аст. Яке аз нишонаҳои аёни тангию нобобии мавқеи хонаи Асроршон ин буд, ки пешгоҳи ҳавлияшон ҳамвори яклухт набуд. Зинадор буд, яъне агар хонаи истиқоматиашонро як зина ҳисоб кунем, оғилашон бад-баробари дарозии хонаи истиқоматӣ дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

зинаи дуюм буд ва дарҳои хонаи истиқоматӣ ба рӯи боми оғил кушода мешуданд ва ниҳоят зинаи сеюм паҳнаи ду-се дастархону ду-се палосу ду-се бӯрё барин як заминаки пиёзу гашничу кадуву лаблабу.

Асрор дар пеши хона бар лаби боми оғил нишаста буд. Аз чап, аз теғаи офтоббарои кӯҳ то хонаи онҳо дара фуромада меомад, дараи ҳанӯз пеш аз тулӯи офтоб яклухт тираранг, вагарна ҳамешабаҳори ба ҳазору як рангу намуди дарахту буттаву гиёҳу сабзаву самаруғ тапида. Дар пешорӯ, дар пешорӯи хеле наздик, ки гӯё даст дароз кунӣ, дастат мерасад, бармоли ҳамон тавр ҳамеша сабзу хуррам, ки ҳоло хору хучаш, дӯлонаву камолаш, чоқулаву чукриву торонаш гул-гул шукуфон буданд ва таровати сад атри ба саду як атр омехтаи онҳоро насим хона ба хона тақсим мекард. Дар рост – хонаи момаи Зумрад. На ягон дару девори дигар. На боғу роғи дигар. На чор осиёб. На Сангови мазор, ки се-чор ҳафта пеш аз ин сел омада буд ва зану марди қишлоқ ба тамошои даҳшатангези он баромада буданд. Дар рост – фақат хонаи момаи Зумрад. Ва набераи ӯ Бозгул: «Боз гул» – гузаронд Асрор аз дилу сағера ногаҳон аз сари роҳ тангаи тилло ёфтагӣ барин ба дараҷаи тааҷҷубангез оқилона, шоирона ва ошиқона кашф кард, ки кас «боз гул»-ро якҷоя ба забон барад, «Бозгул» мешавад. Кашф карду ба фаҳми он чуқуртар рафта истода, чунон ба завқ омад, чунон болид, ки гӯё ин кашфиёт пеш аз ӯ ба хотири ягон одами дигар наомадааст. Ҳатто он хушбахте, ки ба Бозгул ин номро мондааст, нафаҳмида мондааст, худаш хабар надорад, чӣ каромоте фармудааст. Ва Асрор дар ҳақиқат тангаи тилло ёфтагӣ барин бетоқат шуд, безобита гардид, ки «имрӯз ин офтоб нияти баромадан дорад ё не, то Асрор ин ҳадяи худододаашро бурда ба Бозгул инъом кунад». Мегӯянд мустаҷоб гардидани дуои кас вобаста ба самимияти ӯст. Дар айни ҳол бетоқатӣ, рағбат ва нияти неки Асрор ба дараҷае самимӣ, ба дараҷае батаъсир ва таъхирнопазир буданд, ки Асрор аз дил гузаронду офтоб баромад.

Офтоб рост аз рости дара ба теғаи кӯҳ баромад. Баро-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мад ва гӯё як сония маътал шуд, сартосари водиро аз назар гузаронд, ҳатто Асрорро ҳам дид ва сонӣ андаке реб гирифта истода, тор-тори дара баланд шудан гирифт. Ва ҳамон замон аз сари девори момаи Зумрад қиқироси ҷонбахши Бозгул ба гӯши пазмоншудаи Асрор расид.

– Эй, ду карат ду чанд мешавад, медонӣ? – партофт аввалин кулӯхаки имрӯзаи худро Бозгул. – Намедонӣ? Ман ҳам дина намедонистам. Момагул ин гапро дина аз мактаб овард, ки ду карат ду чор мешавад (Момагул апаи Бозгул буд, ки барои пушти ҳам ба дунё омаданашон онро Момагул ва инро Бозгул ном монда буданд).

Овози хуши Бозгули шӯх барои Асрор айнан ҳамон шуда буд, ки нашъа барои нашъамандони калонсол аст. Шунидани овози Бозгул шикастани хумори интизорӣ, шустани ғубори дил ва барҳам хӯрдани зангори танҳоии Асрор шуда буд. Ин аст, ки овози Бозгулро шунидан баробар ҷонҳавл барҷасту ба пеши девор давид, то… То чӣ кор кунад? Чӣ гӯяд? Намедонист. Бозгул, ки табиатан нисбат ба Асрор маҳмадоно ва боташаббус буд, аз дидори худ ба дараҷаи мотию мабҳутӣ хушҳол гардидани Асрорро тақдир карда истода, як кулӯла қанди Худо медонад кай боз дар ҷебакаш лӯтида хобидаро ба ӯ дод, ки ду-се бор лесаду баргардонад. Асрор гирифту лесиду баргардонд. Ва банохост боз кашф кард, ки ба Бозгул ҳеҷ чиз гуфтани ӯ шарт нест. Хандаашро шунавад, нафасашро ҳис кунад, аз пушти ӯ бом ба бому дарахт ба дарахт гардад, шудааст.

Қисса кӯтоҳ, боз як рӯзи аз як нуқтаи назар тамоман пуч, тамоман бефоида, вале аз нуқтаи назари дигар лаболаб аз хушбахтии софу содаи ду тифлаки оламу одамро аз сари нав кашфкунанда оғоз ёфт. Офтоб, ки дар ин чанд рӯзи баҳори беғубори муҳаббат ба онҳо омухта шуда буд, бузургию савлату салобат, ҳатто вазифаи оламшумули худро баъзан фаромӯш карда истода, ба шӯхию бозии онҳо қатӣ шуда меистод, чашмак мезад, механдид, дар пушти абр панаҳ мегардид ва лаби пардаи абрро бардошта «аҷӣ» мегуфт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ниҳоят, вақте ки бозию шӯхию даводави онҳо такрори ба такрор ба охир расид, Бозгул чун кадбонуе, ки навтарин ва нақӯтарин таъоми ҳайратангези худро барои охири зиёфат даст мегирад, ба Асрор гуфт:

– Медонӣ, чӣ? Биё, акнун ман зани туву ту шӯи ман шавем, хайр?

Асрор «хайр» гуфт, вале надонист, ки боз ин бозӣ чӣ бозӣ бошад.

– Набошад, биё болои бом мерем, – гуфт Бозгул ва нардбончаи шақшақии тайёр истодаро пишак барин чусту чолок тай карду худашро ба болои бом гирифт.

Асрор ҳам баромад.

Бозгул, ки дар натиҷаи чандрӯза таҷрибаи муносибату муомила сар ба фармони ӯ будани Асрорро собит карда буд, малика барин фармон дод, ки Асрор баргардаду аз ҳота сабзаву себарга, лолакаҳаку барги шулха чида биёяд.

Асрор чапасар баргашт ва бо як қучоқ сабзаву гулу алаф пайдо шуд. Пайдо шуд ва дид, ки Бозгул дар миёнаи бом луб-луч ба пушт хобидааст. Аз сар то по луб-луч. Фақат куртааш дар гарданаш. Асрор ҳайрон шуд, гӯем хато мекунем, зеро луб-луч оббозӣ кардани ӯро борҳо мушоҳида карда буд. Ва ин пайкари нозанине, ки фариштаи осмон барин баҳусну малоҳат буд, дар ӯ пушти нохун барин ҳиссиёт ва андешаи гуноҳро бедор накард. Асрор сабзаву гулҳоро дар паҳлӯи ӯ гузошту бадани булӯри асл барин бенуқсони ӯро ба нӯкаки ангуштонаш тарсида-тарсида навозиш кард.

Бозгул як қириққос зад, ки садои дилфиреби он ба гӯши офтоб ҳам расид ва баргашту дид, ки Бозгул урёни модарзод аст. Қошу қавоқ кард офтоб ва ба абре, ки айнан бар болои хонаи момаи Зумрад овезон буд, фармуд бо як коса борон онҳоро ба худ биёрад. Аммо Бозгул аз зоти зан буд, ҳанӯз панҷсола ҳам бошад, ба воситаи кадом-як хобу хаёли занона пай мебурд, ки Худованди карим ба ӯ пайкари зебои зеби тамошо додааст ва намехост аз борон гурезад, арғушт мерафту печутоб мехӯрд, Асрори ландаҳурро даъват мекард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# МАЛИКАИ ХУБОН

Сангови бозор дар як сол фақат як бор-ду бор лойолуд мешуд, ҳамон ҳам дар оғози фасли баҳор, ҳангоме ки сел меомад. Ва он лой ҳам лойи худаш набуд, лойи гирду атроф буд, ки бо оби барфу борон аз ҳазору як ҷӯйбор таровида гузашта мерафт ва оби Сангови бозор боз чароғ барин равшан мешуд. Санговҳое ҳастанд, ки оби онҳо дар рӯи ҳар як сангашон ҳамеша ба ранги худ ҳамранг як қабат карахши лағжонак боқӣ мемонанд. Масалан, дар Сурхоб карахши сурх, дар Сияҳоб карахши сиёҳ, дар баъзе обҳои ботлоқӣ карахши сабз ва ҳоказо. Вале санги Сангови бозор сол аз дувоздаҳ моҳ чунон тозаву беғубор буд, ки гуё фариштаҳои одатан шабона оббозикунандаи Ховалинг шабона ҷамъ омада, аз чашми мардум панохӣ ҳар яки онро алоҳида-алоҳида бо собункаҳак лифмол карда мешустанд. Дар баробари ин тозагию озодагӣ Сангови бозор ҳамчун ҷонвараки аҳли дастомӯз бо бачагони Ховалинг шӯхӣ ҳам мекард ва он сангпарбозӣ ном дошт. Рӯ-рӯи сангҳои он пойро тар нокарда парида гузаштан як мусобиқаи пур аз ғавғову хандаву табассум буд.

Хонаи бачагони мо дар сари баландӣ воқеъ буд, дар аспхонаву ахтахонаҳои собиқи Қосим-туқсабо, ки давлати ҳимматбаланду мутамаддини мо онҳоро мусодира карда, тоза намуда, барои мо хобгоҳ сохта буд.

Сангови бозор саҳар ҳам, рӯзона ҳам, бегоҳӣ ҳам, ҳатто шаб ҳам дар шуову шӯълаҳои офтобу моҳтобу осмони беғубори Ховалинг ба сари он баландӣ, ба сӯи мо пайваста чашмак мезад ва мо пайт мепоистем, ки чашми ину онро duздида дар ҳавзчаҳои мусаффои он худро як ҷӯлонда гирем.

Ман он Санговро дӯст медоштам. Мегӯянд, ки ба ҳар касу ҳар чӣ, ки бо муҳаббати самимӣ меҳр бандӣ, вай ҳад надорад, ки туро ҳам дӯст надорад. Шояд дар асоси ҳамин суннат бошад, дере нагузашта, Сангови бозор маро бо мукофоте сарфароз кард, ки як умр чароғи равшани дили ман шуд, як умр тасаллои ширини хотиру хаёли ман гардид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Соли 1938 буд. Соле, ки дар умри шастсолаи ман ба он некӣ, ба он осудагӣ, ба он серию пурӣ зиёд ёфт шавад, ё чор сол ё панҷ сол ёфт мешаваду халос. Ман даҳсола-ёздаҳсола будам ва дар синфи панҷум мехондам. Як рӯз мо, бачагони детдом, ки нисбат ба қишлоқиҳо муташаккил ва мутаҳҳидтар будем, ташаббус нишон додему онҳоро низ сафарбар намуда, бо асбобу бе асбоб ба Сангов рафтем, то ин ки дар сари роҳи оби Сангов як ҳавзи ҳақиқӣ созем. Ҳавзе, ки дар он сарозер парида ҳам шавад, ҳавзе, ки дар он на танҳо оббозӣ карда шавад, балки шинавариро ҳам ёд гирифтан мумкин бошад.

Мо, бисту панҷ-сӣ нафар ихтиёриёни яккачин, хавасмандони ҳақиқии обу оббозӣ, на он қадар бо дахолати шуур, чӣ қадаре бо ҳукми ғаризаи бачагонаи худ ба санги Сангов мӯру малах барин часпидем. Зоғнӯл ва мисрон, ки дар чунин кор асбоби асосӣ ҳисоб мешаванд, надоштем. Асбобамон белу каланду чӯб буд. Кадом як бача бо худ дос оварда буд, ки вазифаи зоғнӯлу мисронро адо мекард. Асбобамон асбоби ҳақиқӣ набошад ҳам, корамон кори вазнин набуд. Аз сабаби он, ки ҳамаи санги Сангов санги селовард буд, селоварди ҳамонсола ва ба онҳо ҳоло фурсат нарасида буд, ки ба якдигар сахт часпида гиранд. Бинобар ин рӯи ҳам ковок-ковок мехобиданд. Ҳамин ки як сангро мекандем, даҳ санги дигар ҷудо мешуд ва мо онҳоро ба осонӣ ба соҳилҳои ҳавз чида мемондем. Оби равон ҳам ба мо ёрӣ медод: реги дар байни сангҳо ҷамъ шударо мешуст ва сангҳоро аз ҳамдигар ҷудо мекард. Коре карда, мо дар давоми чор-панҷ соат ба мақсадамон расидем: ҳавз тайёр шуд, ҳавзи панҷ ба панҷи кори калон, чуқурияш якуним метр. Ҳавзе, ки на танҳо лойолуд намешуд, балки аз паропару ғуттаву ғел заданҳои мо обаш ҳатто ғубор намегирифт. Тагаш чунон намудор шуда меистод, ки гӯё чуқурии он бисту панҷ-сӣ сантиметр бошаду халос.

Мо аз таманнои он, ки кори муносиб ва шоистаеро ба субут расондем, аз ҳиссиёти он, ки хун дар рагҳои ҷавони мо, дар ҳуҷайраҳои тозаву озодаи тани сиҳати мо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бозӣ мекард, аз нашъаи он, ки рӯҳи ба ноз парвардаи мо моили парвоз буд, монанди тойчаҳои ширмаст хирингос мезадем, пой мепартофтем, бо даст сағриҳои қоқи худро қамчинкорӣ мекардем ва садои хушию хурсандии мо ба гӯши маликаҳои осмон гуё мерасид.

«Малоикаҳои осмон» гуфтему каромот кардем. Чуноне ки бо пайдо шудани мор алғови селаи маймунҳо банохост бурида мешавад, як бегоҳӣ доду фарёди мо ҳам ба ҳамон дастур қатъӣ ва якбора хотима ёфт ва ҳамаи мо айнан ба монанди маймунҳои ба ҳайбати мор афтода даҳанҳо боз ва чашмҳо калон-калон яла ба гипнози як муҷассамаи ҳусну латофат, ба гипнози як фариштаи нозанин гирифтор шуда мондем. Чанд сония дар лаби ҳавз як хомӯшие ҳукмрон гардид, ки гӯё садои ба об афтодани нури офтоб ҳам шунида мешуд. Баъд аз чанд дақиқа ба худ омадем ва он фариштаи нозанинро шинохтем. Ӯ Шура буд, ходимаи банки район, душизаи нуздаҳ-бистсола, духтараки дар қаду қомат ва ҳусну латофат беназир.

– Шура, биё оббозӣ кунем, – таклиф кард ким-кӣ аз миёни мо.

Ӯ, ки дар муносибат ва муомила хеле сода ва оддӣ буд ва ғуруру ҳавобаландии нозанинҳои дигарро надошт, надонам, дар ҷавоби он таклиф, ё ин ки худаш ба ҳамин ният омада буд, ки хам шуду доманашро бардошт, камари куртааш дар синаҳои анори ҳақиқӣ барин сахту барҷастаи ӯ як сония андармон шуд, вале бо як хамёзаи нозуке раҳо ёфту аз сараш баромад. Ё худоё худовандо! Дар пеши назари мо бо сафедии беғубори бадани нозанини худ мӯъҷизае сар зад, малоикае ҳувайдо шуд. Оре, маҳз ҳувайдо шуд. Мо гумон мекардем, ки ӯ агар розӣ ҳам шаваду оббозӣ ҳам кунад, монанди духтарони тоҷик дар куртааш дар об медарояд. Вале ӯ либосашро кашид, либосе, ки бе ҳамин ҳам қаду қомату пеши бару сонҳои карти ҷамъу гирди ҳамчун мавҷи шир лаппиш хӯрандаи ӯро пинҳон дошта наметавонист. Ӯ либосашро кашид ва мои нав ба худ омада истода боз як зарба, як зарбаи бераҳмонаи масту моткунандаи дигар хӯрдем. Мо бада-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ни занро умуман ва хусусан ба ин зебой нахустин бор медидем. Ба хаёлам, тақдири мо он рӯз ҳам дилхуш ва ҳам сархуш буд ва маҳз ба мақсади он, ки ба талошу орзуҳои мо унсури ҳусни ҷовидониро дохил карда, ба онҳо тасвир ва маъние фаромӯшношуданӣ бахшад, ба мақсади он, ки моро ошиқ намуда, муносибати ояндаи моро бо ҳаёт ошиқона кунад, ин муҷассамаи ба дасти устоди ошиқон офаридаро оварду дар лаби ҳавз, дар пеши назари мо барқарор кард ва мо як сар, як китф, як бадан пасттар аз ӯ истода, ҳамчу бандагон, ҳамчун ихлосмандони интизори ин мӯъҷиза аз ӯ чашми муҳаббат, эътиқод ва тааҷҷуби худро канда наметавонистем. Агар як ишорат мешуд, ки ӯро бӯса кунед, дар ҳар як сантиметри дасту пои ӯ, бадани ӯ, ҳатто домани пироҳани ӯ гулҳо мешукуфтанд, гулҳои муҳаббату эътиқоди мо.

Ӯ пироҳанашро ба рӯи кафшҳояш рехт. Ба «рехт» гуфтани ман ғалат нест, зеро вай, мо намедонистем, аз ҳарир буд, ё аз шоҳию атлас буд, ки об барин рехту монд, на монанди либосҳои дағалу қупали мо, ки росташон агар мемондем, рост меистоданд. Рехт ва ба сӯи ҳавз қадам монд. Мо, сӣ нафар бо шаст чашм, куҷо шаст, ки дар ҳамин ҳолат ҳар тори мӯи мо, ҳар як ҳуҷайраи бадани мо ба чашм табдил ёфта буд, ба ӯ менигаристем. Ва баъди ин аз ягон кас шунавед, ки чашм мерасад, бовар накунед, зеро агар чашм мерасид, дар бадани Шура пушти нохун барин ҷои обод намемонд. Мо аз нохуни по то мӯи ба гули қоқу монандаш ба ҳазор дидаи таҳсину тааҷҷубу таманно, чуноне дар забони имрӯзаи тоҷик мегӯянд, таваҷҷӯҳ мекардем ва ба ӯ осебе намерасид.

Ӯ ба лаби ҳавз омад. Дар ҳавз ҳеҷ кас набуд. Ҳамаи мо бо амри ваҷоҳати маликаосори ӯ ҳавзро барои ӯ пешакӣ холӣ карда будем. Ӯ ба об оҳиста даромад. Бо ду қулочак ба он канораш расиду бархост ва ниҳоят ба даҳанҳои бози мо, ба чашмҳои мижа заданро фаромӯш кардаи мо аҳамият доду гуфт:

– Ребята, прекратите пялить глаза. Давайте купаться, – ва боз қулочак кашида ба канори муқобили ҳавз гу-



бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

зашт. Ва гузаштан баробар банохост қап андохту кадом як ҷӯраи аз дигарон наздиктар истодаи моро аз пояш кашола карда ба ҳавз партофт ва бо ҳамин дар он намоиши дилафрӯз гӯё пардаи «мор ва маймунҳо» баста шуд ва пардаи нав оғоз ёфт, пардаи «ёбоиҳо ва фариштаи хубон». Ин рафтори ӯ моро шерак кард ва қариб ҳамаи мо худро ба об партофтем ва айнан монанди ёбоибачаҳои африқоӣ ӯро миёнагир намуда, дар гирди ӯ рақси ҳиссиёти ибтидоии содаю носуфта ва каҷу килеби худро сар кардем. Ва ҳар кадоми мо кӯшиш мекард, ки «банохост» ва «беихтиёр» ба ягон ҷои бадани ӯ даст расонда гузарад ва сонӣ, баъд аз хотима ёфтани ин намоиш, бо ифтихор худситоӣ кунад, ки ба куҷои ӯ даст расонид. Шахсан худи ман бошам аз афташ, мувофиқ ба хислатам аллакай ба рашк бурдан даромадам ва бо аломи ҳақиқӣ зоҳир менамудам, ки ӯ бояд аз як кас бошад ва он кас албатта ман бошам. Ва барои он, ки аз дигарон фарқ кунам, барои он, ки диққати ӯро ба худ бештар ҷалб намоям, ғута задаму аз байни ду пояш гузаштанӣ шудам. Аммо гузарам-нагузарам, ки ӯ ҳам, сияҳпича, пайташро ёфту исту-бист накарда ба болои ман нишаст. Нишаст ва чанд дақиқа маро сар надод. Ва сонӣ аз мӯи сарам дошта, кашида баровард. Ман як-ду бор об хӯрда бошам ҳам, лекин аз таги об қаҳрамон шуда баромадам. Ман сулфа мекардам, ӯ механдид, бачаҳо қоҳ-қоҳ зада пуштағелак мерафтанд. Офтоб ҳам хандида-хандида ғуруб рафт ва он намоиши ҷони ширин ба он хушию хурсандӣ анҷом ёфт, ки, чуноне мебинед, дили акнун ба пирӣ моили ман таъсири онро ҳоло ҳам аз ёд набаровардааст. Ҳамаи мо ошиқ шуда будем ва духтаре, ки дар таърихи инсоният якбора сӣ ошиқ пайдо карда бошад, ҳамон Шура буд, номаш оддӣ, заминӣ, вале хотирааш маликаи хубон.

*8 августи 1991*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ТАҚДИР, ТАРАФИ КИСТӢ?

Аз Ховалинг то Кӯлоб ҳамагӣ ҳафтод километр роҳ аст. Аммо ҳамин масофаи андак ҳам дар солҳои бачагии мо роҳи ғарибӣ ҳисоб меёфт. Кӯлобравро хешу табораш бо гиряву фиғоне гусел мекарданд, ки гӯё ба роҳи бебозгашт мерафта бошад. Он сафараки оддиро, ки бо чунин таҳлука қабул мекарда бошанд, акнун тасаввур кунед, ки «аскаргирӣ ба ҷанги Гирмон» чӣ буд ва чӣ тавр мегузашт. Дар афсонаҳо «рӯзи маҳшар» ва «бозори калоба» гуфтанӣ ифодаҳое ҳастанд, ки сарсонию саргардонии фавқулоддаи мардумро тасвир мекунанд. «Аскаргирӣ ба ҷанги Гирмон» ҳам ҳамон гуна як «рӯзи маҳшар» ва «бозори калоба»-ро ба хотир меовард. Дар як қишлоқ ба як ё ду нафар ҷавон повестка баромада бошад, қариб ҳамаи сокинони қишлоқ ба гусели онон ба Ховалинг ба дари военкомат меомаданд. Хурду калон, пиру ҷавон, саворару пиёда, бо бору банд, бо чандрӯза тӯшаи роҳ, бо намаду палосу бистару болишт, бо каҳу ҷави хару асп, бо дегу косаву кӯзаву чойҷӯш – хулоса, тамоман монанди муҳоҷирон кӯч канда омада, дар боғҳо ва майдонҳои гирду атрофи военкомат ҷой мегирифтанд. Гоҳ аз ин гурӯҳ, гоҳ аз он гурӯҳ уввос мебархост. Занҳо овоз андохта гиря мекарданд, кӯдакон ба таъсири гиряи занон афтида низ доду фиғон мебардоштанд, мардон гиря накунанд ҳам, асабӣ шуда истода, худашонро дошта наметавонистанд, ба занҳо ва кӯдакон тундӣ мекарданд, қасдашонро аз харҳо ва аспҳо мегирифтанд. Ҷавони даъватшударо даҳкасаву-понздаҳкаса миёнагир карда ё сарҳошонро ба синаи ӯ гузошта мегиристанд, ё сари ӯро ба оғӯш кашида фарёд мезаданд.

Ин «рӯзи маҳшар» ва «бозори калоба» барои мо, бачагони Ховалинг, як ҳангомаи аҷоибу ғароибе шуда буд, ки аз кинои нав ба диёри мо омадагӣ бештар қизиқ буд ва бештар тамошо дошт. Ин тамошогоҳ айнан дар байни роҳи мактабу хона ва хонаву мактаби ман воқеъ шуда буд. Бинобар ин аз пеши военкомат дар як рӯз ду бор гу-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

заштан ҳаққи ҳалолам бошад, ба болои ин обу ҳезуму бозию оббозиро баҳона карда, ба он тамошогоҳ боз чандин маротибаи дигар меомадам, дар байни тӯдаи мардуми ба ҳоли зор гирифтор гашта, назора мекардам. Гоҳо мешуд, ки аз гиряи бисёр самимии ягон модар ё хоҳар мутаассир гардида, чашмонам кӯли об мешуданд. Гоҳ ғазабам меомад ки: «ин худаш чӣ гап! Ба ҷанги Гирмон, ба ҳимояи Ватан рафтан бояд ид бошад, на ин ки мотам!»

Дар байни кӯчҳо ногоҳ чашмам ба кампире афтод, ки ба духтараки дар паҳлӯяш бо сари паст нишастагӣ кимчӣ мегуфт ва ҳар замон – ҳар замон ё баданашро мепучид, ё сарашро чуққӣ мезад, ё заминро бо ду дасташ метапиду дуову дабарааш мекард. Ман ба онҳо наздиктар омада, худро нишон надода тамошо карда истодам.

– Гӯш кун, Соҷида! Илоҳим сиёҳпича бимирӣ, духтарум, ма ғами тура мехӯрам охир! Шӯт ба ҷанг рафта истодааст, мефаҳмӣ ё не?! Ба ҷанг, ба ҷанги Гирмон! – гуфт кампиру ду ангушташро қат карда истода ба баногӯши духтарак чуққӣ зад. – Ай ин хел ҷанг ҳеҷ кас соқу саломат намеояд, мефаҳмӣ ё не? Хайр, ана гуфтем, ки худо раҳми шӯи туро хӯрду зиндааш монд. Лекин баъд аз чанд сол ӯ гашта меояд? Ба кадом аҳвол ӯ гашта меояд? Маибу нотавон гашта биёяд, чӣ кор мекунӣ? Ба гадоӣ мезанӣ, Соҷида, мефаҳмӣ ё не? Ба гадоӣ! Лекин агар гапи маро бигирӣ, талоқатро талаб кунӣ, ба ту барин бачазанаки нозанин худи пагоҳ сад талабгору сад харидор мебарояд. Мефаҳмӣ ё не? Ҷавонии зан аз гули аввали баҳор ҳам нозуктар аст ва умри кӯтоҳ дорад. То ана-мана мекунӣ, ки пир мешавӣ, пеши барат туппа мешавад, отала мешавад, нодаркор шуда мемонӣ. Зоеъ мешавӣ. Мефаҳмӣ ё не?

– «О кампири лаънатие!» – гуфтам дар дилам. – «Духтарашро аз шавҳараш бароварда, ба каси дигар ба савдо монданияст».

Кампири безобита ва саросема аз он, ки ҳозир домодаш гашта меояд ва дар ҳозири ӯ духтаракро ба гап да-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

роварда наметавонад, гаштаю баргашта духтарашро мепучид ва ин сафар ҳам боз як бори дигар пучиданӣ буд, ки духтарак дасти ӯро ба қаҳр зада аз рӯи ронаш ҳаво дод. Аз ноомади кор, аз зӯъмии духтараш, аз тангии вақт тамоман асабӣ шуда, кампир намедонист, ки чӣ илоҷ кунад ва дар ҳамин беилоҷӣ тани духтаракро монда ба замин часпид: ба сари ду зону рӯ ба қибла нишаста, бо ду кафи даст заминро тапидан гирифт. Аввал бе дуову дабара. Лекин баъд аз ду-се бор тапидан боз забонаш ҳам ба кор даромад. «Агар талоқата талаб накунӣ, шири сафедама пиҳилут намекунум, Соҷида. Оқут мекунум. Ҳам бе шӯ мемонӣ, ҳам бе модар», – мегуфт кампиру худи дар тағора ҷомашӯӣ карда истодагӣ барин хаму рост шуда истода, заминро ба ду панҷааш метапид.

«О кампири беимоне!» – гузашт боз аз дилам ва дар пеши ин палидию бадкирдории фарзанди одам худамро чунон ноилоҷ, нотавон, лол ва моту мабҳут ҳис мекардам, ки гӯё дар пеши мори афъӣ истода бошам.

Ҳамин вақт ҷавонмарди хушбуруте пайдо шуд, ки аспашро етал карда, аз байни анбӯҳи мардум гузашта меомад ва ҳанӯз аз дур гарданашро баланд дошта, бо чашмонаш онҳоро мекофт. Ба кампир ва духтарак наздик шуда истода гуфт: – Ана акнун мо ҳам аскари сурх. Ба мо дуо диҳед.

Духтарак баробари шунидани овози шавҳари ҷавонаш суп-сурхи арғувонӣ шуда, аз ҷой бархост ва ба рӯи ӯ нигоҳи лағжонаки хиҷолатомезе партофту боз сарашро паст кард. Кампир ҳам қарс-қарсу қалап-қалапкунон бархост, вале ба рӯи домод назар наандохт ва ин рафтори ӯ чунин ҳолатеро ба хотир меовард, ки ӯ ё бо домодаш ногап ва қаҳрист ё аз тақалҳои беинсофонаи ҳозир кардааш шарм медорад, ки ба рӯи ӯ нигоҳ кунад.

Ҷавонмард сари ду зону нишаст, лабонаш кадом-як дуоеро пичир-пичир карданд ва ду кафашро ба рӯяш бурда «оллоҳу акбар» гуфту бархост. Бархост ва пояшро ба узангу монда буд, ки духтарак аз болои палос, дастархон ва табақу косаҳо ҷаҳида, дар ёдам нест, ё ба узангу ё



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ба пои ӯ дарафтода, часпида овезон шуду надонам ё аз шарми он, ки одамони гирду атроф нашунаванд, ё аз шиддати ҳаяҷони фавқулодда ҳамчу мурда истодаи нафасаш кӯтоҳ оҳиста, базӯр шунаво гуфт: – Маро талоқ бикун!

Ҷавонмард пояшро аз узангу гирифта, духтараки ҳанӯз ҳам дар изову алам сарпаст нишастаро бардошт, ба қадаш рост кард ва пурсид: – Чӣ гуфтӣ, Соҷида?

Духтарак банохост гардани ӯро ба оғӯш гирифта, рӯяшро ба сари синаи ӯ ҳарчи метавонист чуқуртар пинҳон карду фиғоне бардошт, ки ҳамаи гиряндагони гирду атроф нафасе хомӯш шуданд. Ҷавонмард сари хоҳарашро сила карда истодагӣ барин, сари ӯро сила мекарду шарм медошт, ки муносибати шавҳарона кунад ва ҳамгоме ки фиғони ӯ каме пасанда шуд, боз пурсид: – Соҷида, чӣ гуфтӣ?

– Ҳеҷ чиз ман нагуфтам ва ҳеҷ чиз ту нашунидӣ. Бубахш мара. То нафаси охиринам, то зиндаам, интизорат мешавам, – гуфт духтарак.

Ҷавонмард чизе нагуфта ба аспаш савор шуду рафт. Ва акнун ба сари китфи чапи ӯ ба ҷои шайтон касофати кампир нишаста буд ва ба сари китфи рости ӯ ба ҷои фаришта – муҳаббати Соҷида.

Тақдир, ту тарафи киро мегирифта бошӣ?

*25 апрели 1988*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ҲАРОМИГАРӢ ҲАР КАСРО НАМЕПАРВАРАД

«Моргазидаро хоб мебараду гушнаро не», мегӯянд мардум. Ман гушна будам. Ин аст, ки каравотчаи тӯраш аз арғамчин бофта санг барин сахт менамуд. Гиреҳҳо, ҳалқаҳо ва секунҷаву чоркунҷаҳои каҷу килеби тӯри арғамчинӣ, ки ба бори бадани ман аз матраси тунуки тик барҷаста буданд, ба сахтӣ ва тарангии худ баданамро дард мекунонданд. Дар чунин ҳолат кас хоб бошад, дардро ҳис намекунад, аммо маро хоб намебурд.Гушна будам. Ҳазор бор аз як паҳлу ба тахтаи пушт, аз тахтаи пушт ба паҳлуи дигар мегаштам ва зӯр мезадам, ки хобам барад. Аммо хобам намебурд: гушна будам. Асабӣ ва гизала будам. Ҳамаи шонздаҳ миллиард ҳуҷайраҳои мағзи сарам биҷ-биҷ ба ҷустуҷӯи нон машғул буданд. Банохост дар кадом як ҳуҷайраи аз дигарон чобуктару фаъолтарам хаёли аниқи пайдо кардани нон барқ заду ман сӯхтагӣ барин аз бистарам ҷаҳида хестам.

– Бачаҳо, ёфтам! – фарёд задам ман.

– Чӣ ёфтӣ? – пурсид аз торикии шаб кадом як рафиқи бедорам.

– Нон ёфтам, бачаҳо! Нон! Ба шарте ки дар хоб намонам. Саҳари барвақт маро бедор кунед, худо хоҳад, пагоҳ нони серӣ мехӯрем, – гуфтам бо чунин боварӣ ва тасалло, ки зуд осуда шудам ва хобам бурд.

Маро бедор карданд ё худам хестам, ба ёдам нест, вале барвақт соатҳои панҷ ё шаш ҷаҳидаму раҳ ба раҳ либосамро пӯшида истода аз дари хобгоҳ берун шудам ва дар паси дарвозаи заводи нон дар пушти дарахте шинак гирифта интизор шуда истодам.

Мантиқ, мақсад ва нақшаам аз ин иборат буд: «буфетчизанаке, ки барои талабагони интернат ва омӯзишгоҳи педагогӣ, яъне барои мо аз завод ҳар рӯз нон қабул мекунад, албатта бояд нон дуздад, – фикр карда ба хулоса омада будам шаб. – Агар ман ӯро дар дуздӣ биқапам, ӯ маҷбур аст, нони дуздидаашро бо ман тақсим кунад. Ду карат ду – чор».



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар паси дарахт истода будам, ки рӯз ҳоло сафед нашуда, ғиҷир-ғиҷири чархҳои ароба баромад. Калла кашидам; ароба аробаи мо ва буфетчӣ ҳам буфетчии мо буд. Ароба аз пешам гузашт ва ман худамро ошкор накарда пушт-пушти дарахтон, деворҳо ва баландиҳо аз паси ароба рафтан гирифтам. Вақте ки аз кутал боло баромадем ва ба гӯшаи боғи истироҳат расидем, ароба истод. Хонаи буфетчӣ дар рӯ ба рӯи боғ аз тарафи чапи кӯчаи комбриг Томин воқеъ будааст.

Ароба истод ва буфетчӣ сумкаи сиёҳашро бардошта, ба хонааш наздик шуд. Дарашро кушод. Айни вақти дароям-надароями ӯ ман, намедонам, гург барин, бабр барин, алов барин ё балои ногаҳон барин тезутунд ҷаҳидаму банди дасти буфетчиро маҳкам доштам. Буфетчии бечораяк «оҳ!» гуфта тавонисту халос. Ба дараҷае сахт тарсид, ки дар ду-се дақиқаи аввал забонаш гирифт, нафасаш гашт, ким-чӣ мехост гӯяд, вале ҳушаш чунон парида буд, ки забони ӯ, лабони ӯ, садопардаҳои ӯ ба ӯ итоат намекарданд.

Бо тақозои ноҳақ гушна будани худ ва ноҳақ сер будани буфетчизанак, ки дар айни ҳол дуздии ӯву фош кардани ман ин ҳақию ноҳақиро хеле тезутунд намуда буданд, мани табиатан ҳақҷӯ ва шӯришгар ғолиб омада барин дамдор ва қатъӣ шуда будам.

– Ин хел мешудааст, ки мо ҳеҷ сер намешудаем-да! Нони мо ин тараф мерафтааст! – мегуфтам ман ва беихтиёр тарсу воҳимаи буфетчиро меафзудам. Ӯ дарақ-дарақ меларзид ва фақат номамро гирифта илтиҷо мекард:

– Абдуғаффор, Абдуғаффор, Абдуғаффор...

– Чӣ Абдуғаффор, Абдуғаффор? Кӯр нестӣ-ку! Мебинӣ, ки ҳамаи бачаҳои интернат гушнаанд. Боз ту нонашонро медуздӣ! Ман туро милеса мебарам. Ду-се сол шишта бароӣ, ақлат медароядд.

– Абдуғаффор, Абдуғаффор... Раҳмама хӯр, ман барои худам намедуздам. Ман худам тоқаву танҳоям. Як кило нон аз сарам зиёда аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ин гапҳота милесада мегӯӣ. Дар он ҷо барои гӯш кардани сафсатаи duздон одами махсус доранд.
– Абдуғаффор, биё маро бисёр сахт нагир. Ма, ана ин буханкаро гиру маро сар деҳ, – зорию тавалло карда истода, ӯ аз сумкааш як буханка нони кӯдаки ширмак барин гарму нарми сурхаку пупакро бароварда ба дасти ман супурданӣ ва бо ҳамин ҷонашро халос карданӣ шуд. Вақте ки гармию нармии нонро бо пӯсти кафи даст не, гӯё бо қаъри ҷону ҷигарам ҳис кардам, дилам бехуд шудагӣ барин шуд. Даҳанам об гирифт.
– Барои чӣ ин буханка ин хел хушки хушрӯясту ноне, ки ҳар рӯз ба мо медиҳӣ, тари тарит аст? – пурсидам ман. Аз нони ҳаррӯзаи мо фарқи аҷоиб доштани ин буханкаи сурхаку пупаки хушрӯ маро аз масъалаи асосии моҷарои мо дур кард.
– Ин корро ман намекунам, Абдуғаффор, – гуфт буфетчизанак бо ҳамон оҳанги хушомаду зорию тавалло, – ин корро дар завод мекунанд. Онҳо ба нон баъди аз танӯр бароварданаш гармогарм об мепошанд, ки вазнинтар шавад. Дар байнаш даҳ-дувоздаҳ буханка нони ҳақиқӣ медиҳанду халос. Барои калоно. Ин буханка аз ҳамон буханкаҳост.
– Хонаашон сӯзад илоҳим! Дусаду панҷоҳ грамм нона боз об пошида медиҳанд! – Ман аз қаҳру ғазаб намекафидаму халос.
– Абдуғаффор, ҷон - Абдуғаффор, гир ҳамин буханкарову маро ҷавоб деҳ, – илтиҷо кард буфетчизанак, ба изҳори қаҳру ғазаби ман аҳамият надода.
Ман оҳиста-оҳиста аз аспи қаҳру ғазабу дамаву дӯғам фаромадам. Фикр кардам, ки «ин занаки каппа-калонро аз сартосари шаҳр чӣ хел гузаронда ба милеса мебарам? Милеса ба ӯ чӣ мегӯяд? Ба ман чӣ медиҳад?» Лекин ман ҳоло тайёр набудам, ки бо буфетчизанак забон як кунам. Ӯ ба ман фақат ҳоло ва фақат як буханка нон таклиф мекард. Ман бошам, аз нон сер кардани нӯҳ нафарро ба гардан гирифта, саҳари барвақт аз хобгоҳи интернат баромада будам. Ин аст, ки гуфтам:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Не, намешавад. Мо нӯҳ нафарем. Ҳамаамонро аз нон таъмин мекунӣ, – шарт гузоштам ман.

– Девонаӣ, Абдуғаффор? Ман нӯҳ нафарро чӣ хел аз нон сер мекунам? Ман ғайр аз шумо боз нонхӯри зиёде дорам. Ба онҳо надиҳам, маро зада пеш мекунанд ва дар буфет одами худашонро шинонда мемонанд.

– Хайр, ҳамон дусаду панҷоҳ граммро панҷсадграммӣ карда метавонӣ? – фуромадам ман, чунки ба илоҷ надоштани буфетчизанак бовар кардам.

– Хайр, розӣ ман. Ма, ин буханкаро гиру имрӯз аз нон сер шав, – гуфт ӯ ва буханкаро ба оғӯшам ҷо карда истода, бо сумкааш ба хона даромад. Дар сумкааш боз ду-се буханка нони ана ҳамин хел гарму нарми обнопошида дошт.

Ба тасдиқ гардидани чунин як шартнома ман ҳам розӣ шудаму буханкаро ба бағали калтачаам ҷогаҳ намуда, роҳи хобгоҳро пеш гирифтам. Як буханка нон ба нӯҳ сағераи балохӯр чӣ мешавад? Лекин ҳар чи будагиш. Якнолагӣ ҳам расида бошад, ӯлҷа.

Қисса кӯтоҳ, пагоҳи дигараш ҳамаи нӯҳ нафар бачагони курси сеюм, ки дар як хонаи хобгоҳ истиқомат мекарданд, панҷсадграммӣ нон гирифтанд, лекин аз ҳамон нони тари тарит. Норма дусаду панҷоҳ граммӣ буд. Буфетчизанак ҳақи маро аз нони тар не, аз нони ҳақиқӣ медодагӣ шуд. Афсӯс, ки ин имтиёз, ин хушбахтии мо фақат се-чор рӯз давом кард. Ҳафтаи дигар даромада буд, ки буфетчизанак ба бачаҳо боз дусадупанҷоҳграммӣ медодагӣ шуд. Ман сарамро аз мӯрии буфет даровarда савол кардам. Ӯ қартаи патефонашро дигар карда, яъне бо ҳавои даҳан далерона гуфт:

– Ман ин қадар нона аз куҷо гирам?

– Аз ҳамон ҷое, ки ҳар рӯз мегирӣ, – ҷавоб додам ман бо соддадилӣ.

– Ба хӯрандаҳои дигарам чӣ ҷавоб медиҳам?

Ман «мучум», яъне «чӣ медонам»? гуфтам.

– Дидӣ, ту намедонӣ. Ман бошам, наметонам. Бас! Шуд, сағера! Ризқатона аз дигар ҷо ёфта хӯред!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аҷоиб, он занаки виҷ-виҷии лойхӯраку келас барин печутоб мехӯрдагӣ ба муҷассамаи оҳанине табдил ёфта буд, ки роботи якраву сарсахти рӯзҳои моро ба хотир меовард.

– О ту дуздӣ накарда наметавонӣ. Ин дафъа қапам, сар намедиҳам! – тарсонданӣ шудам ӯро.

– Рав, сағера, қапидан гир! – гуфт ӯ бо нотарсии довталабона.

– Хайр, – гуфтам ман ва рафтам.

Мани акнун ба панҷсад грамм нони ҳалолу покизаи ҳақиқӣ мазахӯрак шудагӣ ду-се рӯз ба нони дусадупанҷоҳграммии тари тарит тоқат ва қаноат карда тавонистаму халос. Дар дилам гуфтам, ки ин буфетчизанакро бояд боз як бори дигар дар дуздӣ қапам. Ин дафъа сахттар тарсонам. Як рӯз ҳамон дафъа барин саҳари барвақт хестаму боз ба ҳамон роҳ ба ҳамон ният рафтам. Боз ҳамон тавр дар паси, ба ёдам нест, девор ё дарахте пинҳон шуда, баромадани аробаро интизор шуда истодам. Як вақт буд, ки боз ҳамон тавр ғиҷ-ғиҷу тарақтуруққунон ароба аз дарвозаи завод баромад ва ман аз пушти он куллук карда рафтан гирифтам. Боз ҳамаи ҳамон айёрию маккорию балогию густохӣ ва амалиёти онрӯзаи худро такрор карда, ҳангоми ба хонааш дароямнадароям, ки ҷаҳидаму боз аз банди дасти буфетчизанак қапидам ва бо ғурури тантанаи барвақтию шодии масхараомез гуфтам:

– Нагуфта будам, ки ман туро дар дуздӣ боз мекапам ва ин дафъа халос... – охири ҷумла, яъне калимаи «намешавӣ» дар гулӯям руст шуда монд. Банохост ду дасти троси пӯлодин барин бақуввату чандир аз дари хона берун шуданду маро аз гулӯям гирифта, бузғола барин ба хона кашида даровvarданд ва буғӣ кардан гирифтанд. Дастҳо ҳамин қадар зӯр буданд, ки ман на танҳо муқобилият нишон дода наметавонистам, балки умуман ёрои ҷунбидан ва худамро халос кардан надоштам. Он дастҳо маро ягон дақиқа ё бештар буғӣ карданд ва агар мехостанд, давом дода кушта мепартофтанд. Ле-



бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кин дар хона соҳиби он дастҳо тоқа набудааст. Боз як кас ё ду каси дигар ҳам будаанд, ки яке аз онҳо гуфт:

– Э, накуш! Ҷазоша тею сар те.

Вай ҳар касе буд, ки ҷони маро харид. Баъди ин гап дастҳо гулӯи маро сар доданду ҳамаи дар он хона пинҳон шудагиҳо маро якшапалоқӣ хӯронда аз дар баровstreet пеш карданд.

Ман дар берун зуд ба худ омада наметавонистам. Ба ёдам нест, баъд аз чанд дақиқа ҳушёр шудаму бархоста, калавида-калавида роҳи гушнагии худро пеш гирифтам.

Ёфтани нони осон ва бе дарди миён ба ҳар кас муяссар намешавад.

Ҳаромигарӣ ҳар киро намепарварад.

*23 январи 1990*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ХАЙРУХУШ БО ПОЛИЗ ВА СИЯҲГӮШ

Бачагоне ҳастанд, ки табиати ҷӯгиёнро доранд: ба ҳар кас бо хушомади фавқулодда осон муроҷиат ва муносибат меварзанд, ба ҳар дару дарвоза бо тамаллуқи ғуломбача сар медароранд, вале ба ҳеч кас дил баста наметавонанд: медароянд, медузданд, мегурезанд. Ман аз даҳ-дувоздаҳсолагиям ин ҷониб як хусусияти шах шуда мондаеро дар табиати худ нишона кардаам: агар бинам, агар фаҳмам, ки маро дар ягон кори ҳаром истифода бурданиянд, маро ба воситаи ягон ғанимат ба худ баста монда наметавонанд. Вале бинам, ки бевиҷдонӣ ва ҳаромӣ нест, бигузор вазъият ва шароити он муҳит душвор бошад, ман ба онҳо омухта мешавам, дил мебандам.

Хонаи бобои Карим ба ман хамин хел ҷой буд. Ва на танҳо ба хонаи бобои Карим, балки ҳатто ба полизи ӯ ман ҳамин хел омухта шуда будам. Ман инро дар охири август ё аввали сентябр, он рӯзе фаҳмидам ва бо ҷону дили худ ҳис кардам, ки бобои Карим аз лошӣ кардани полиз гап баровард.

– Абдуғаффор, писарам, – гуфт бобои Карим, – ту дар хонаи мо зиёдатӣ нестӣ, ту ба мо тангӣ намекунӣ. Лекин он чиро, ки ба ту мактаби ҳукумат медиҳад, мо дода наметавонем. Мо намехоҳем ба ояндаи ту зомин шавем. Биё акнун ба детдоми Кангурт раву таҳсилатро давом деҳ.

Лошӣ кардани полиз аз он иборат аст, ки соҳиби он харбузаҳои дилхоҳашро мечинад. Сонӣ ба хурду калони қишлоқ эълон мекунад, ки полиз лошӣ шуд. Он гоҳ қишлоқиҳо, асосан бачагон, ба полиз дармеафтанд ва ҳамаи он ҳосилро, ки андаке ҳам бошад, истеъмол карданаш мумкин аст, мечинанд. Баъди он ба полиз пода медарояд. Ман ин мавсим ва ин маросимро бо чашми худ дидам. Дидам, ки бачагон бо ҳаёҳую валвала ба полиз хурӯҷ оварданд, гуё аз рӯи пайкари дар сари роҳи онҳо хуфтаи ман, гӯё рост ба сари синаи ман пой монда ҷаҳида, ба боғи дастпарвари ман дарафтоданд; дидам, ки барои як харбузаи дар таги ин ё он палак пинҳон, барои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

як сабчаи на об гирифта ҷӯякҳо поймол шуданд, палакҳо титу пош гаштанд, полизе, ки як соат пеш аз ин ҳамчун як гӯшаи биҳишт манзараи тартиб ва риояи ишқу дину диёнат буд, ба пайкораи лашкари муғул табдил ёфт. Ман дар ин дақиқаҳо хун намегиристаму халос. Худро кӯдаке ҳис мекардам, ки барраи бисёреро ба дасти худ парварида калон карда, акнун куштани маҷбурии онҳоро мушоҳида мекунад.

Ман ба он полиз ана ҳамин хел дил баста будам, омухта шуда будам.

Ман имрӯз, баъди панҷоҳ сол, ҳангоми навиштани ин сатрҳо, ба як ҳиссиёти худ ҳайронам: чаро хайрухуш бо оилаи бобои Карим, бо Изатулло ва апаи Момагул маро ба он дараҷа мутаассир накарда буд, ки хайрухуш бо полиз ва хусусан бо сагчаам Сияҳгӯш кард.

Сияҳгӯш дар хона мондан намехост. Мехост, ки бо ман равад. Аммо бо ман куҷо мерафт? Ҳоло маълум набуд, ки маро ба детдом қабул мекунанд ё не.Маълум набуд, ки ман боз ба кадом дар меафтам ва ҳолам чӣ мешавад. Барои ҳамин дар хонаи бобои Карим, дар дасти одамони таъйин мондани ӯро ягона илоҷи мувофиқ ва муносиб дониста, ӯро бо худ гирифтан намехостам. Вале ӯ ҳам мантиқи сагонаи худро дошт: соҳибаш ман будам, ду сол боз мо на ин ки сагу одам, на ин ки сагу нондеҳ, балки рафиқи ҷонӣ, баробарҳуқуқ, об аз гулӯи якдигар мехӯрдагӣ будем. Ва магар ба саг фаҳмонидан мумкин аст, ки дар дунё ба ғайр аа мантиқи вафодорӣ боз мантиқи дигаре ҳам вуҷуд дорад? Ӯ намефаҳмид, қабул намекард. Ман гӯшакҳои кокулмонанди ӯро дошта, чашмонашро мебӯсидам, гиря мекардам ва мегуфтам: «Сияҳгӯш, ҷонакам, ҳамин ҷо мон, агар ман ҷову-по ёбам, омада туро мебарам». Вале ин суханҳои маро ӯ навозиш мефаҳмид ва ба ман бо навозиш ҷавоб мегардонд: дастҳои маро мебӯсид, дар пеши пои ман меафтод ва бо чашмони пур аз меҳру муҳаббаташ мегуфт, ки: «кушӣ ҳам, ту куш, дорӣ ҳам, ту дор. Ман нони қоқи туро ба устухони сергӯшту равғани каси дигар иваз намекунам. Ҷанги туро,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

қаҳру ғазаби туро аз ҳама меҳрубониҳо боло медонам. Хоҳӣ ҳам, бо ту меравам, нахоҳӣ ҳам, бо ту меравам». Баъд ман рафта истода, ӯро ҷанг мекардам, зарба мекардам, ба сӯяш сангу кулӯх мепартофтам. Ӯ ҳам гӯё метарсиду бо сари паст ва гӯшакҳои қариб ба замин расида истодаи худ маҳзун бармегашт ва чанд дақиқа аз чашм нопадид шуда мемонд, лекин ман баъд аз сад қадам-дусад қадам гашта нигоҳ мекардам, ки ӯ ба замин гавак кашида, худашро пинҳон дошта омада истодааст. «Э Худо, чӣ кор кунам?» – мегуфтам дар дил. Ман ӯро ҳамчу фарзанди падар, ҳамчун ёдгорӣ, ҳамчун нишонае аз рӯзҳои хушбахтонаи хонаи Мукаррам дӯст медоштам ва чунин ҳиссиётро аз одам пинҳон кардан мумкин аст на аз саг. Ҳиссиёт ҳам, аз афташ, монанди бӯй аз зарраҳо, аз мавҷҳо иборат аст, ки ба чашм наменамояд, вале бо кадом як усуле ба дил роҳ меёбад. Ҳатто аз байни сангу кулӯх ҳам, қаҳру ғазаб ҳам. Хулоса, ман ана ҳамин хел қаҳру ғазаб карда, сангу кулӯх партофта, ӯро ронда, вай бошад, ана ҳамин хел зуъмӣ нишон дода, аз паси баландиҳо ва хамгаштҳои роҳ чапғалат ба он маънӣ, ки «ман аз паси ту нарафта истодаам, ман ба роҳи худам меравам», яъне ба дили худ фиребам дода истода меомад ва мо бо ҳамин аҳвол то ба қишлоқи Оби рӯшан, ки дар миёнаи Кангурт ва Фалхобод воқеъ аст, расидем. Ва ман ӯро дигар ронда натавонистам, чунки агар мерондам, ба ҷанги сагҳои он қишлоқ афтоданаш эҳтимол дошт.

Дидам, ки нашуд, ман ӯро «биё» гуфтам ва ӯ, ҷонвари вафодор пар надошт, ки парвоз кунад. Тир барин давида омад, ба қадам ҳазор бор рост ҷаҳида, бинникяки тари худро ба гӯшу гардану сару рӯям ҳазор бор расонида, ҳатто заррае ба хотир намеоварад, ки ман ӯро ҳамин қадар роҳ азоб дод омадам.

Мо расидем ва маро ба детдоми Кангурт қабул карданд. Сагам ҳам қабул шуд, зеро дар он ҷое, ки кӯдакон ҳастанд, сагҳо бесоҳиб намемонанд.

*30 августи соли 1991*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# АНА ҲАМИН ХЕЛ ОДАМ БУД БОБОИ КАРИМ

Пайғамбарон, саҳобаҳои парвардигори таоло гӯё фармуда бошанд, ки фарзанди инсон бояд аз ҳама гуноҳҳои душманон ва бадхоҳони худ гузарад. Оҳ, ман аз гуноҳи он миқдор бадхоҳони худ гузаштаам, ки пайғамбарон тасаввур ҳам карда наметавонанд. Лекин гуноҳи як палид ва палидии як гунаҳгореро, то ҷаҳон боқист, ба ҳеҷ ваҷҳ гузашта наметавонам. Ҳатто аз он пуштае, ки фардо маро дар он ҷо ба хок месупоранд, насими саҳар ва шаббодаи намози шом, ҷуку ҷондори саҳрой, сабзаи тари айёми баҳорон ва хасу хошоки фасли тирамоҳ асрҳои аср пайваста аз забони ман пичиррос хоҳанд зад, ки: «ман гуноҳи он палидро намебахшам, намебахшам, намебашам!»…

…Дар охири моҳи феврали соли 1941 апаи мискини ман фарзанд ёфт ва аз болини худ барнахост, бемор шуд. Фарзандашро ба доя супурданд, худашро ба беморхонаи Душанбе фиристоданд. Шавҳараш бо ӯ нарафт. Маро хурд гуфтанд, ҳамроҳ нагирифтанд. Ӯ дар беморхонаи Душанбе якуми марти соли 1941 вафот кард ва шавҳараш телеграма гирифта бошад ҳам, боз нарафт. Ман то ҳол хун мегирям, ки апаам беному нишон рафт, бе гӯру кафан рафт. Ку ҳамон пайғамбаре, ки маро аз дини нафрат ва адовати ҷовидон сӯзон гардонда тавонад? Баъд аз ду моҳ писараки думоҳаи ӯ ҳам аз дунё гузашт. Он суханҳо чӣ суханҳо бояд бошанд, ки тасаллои дили ман шуда тавонанд! Не, наметавонам. Маро Абдуғаффор ном мондаанд, бандаи он худое, ки аз гуноҳи бисёр гузашта метавонад, аммо на аз ҳамаи гуноҳҳо. Ва он гуноҳ, гуноҳе, ки барои набахшидани он дар номи муборaки ман пешакӣ мавқеъ муайян карда мондаанд, гуноҳи ҳамон марди нобакор аст.

Баъд аз вафоти апаам Мукаррами бебахт ва ноком маро дар Ховалинг дигар касе намонд, ки лутфи ӯ, нигоҳи ӯ дили маро гарм дорад, сарпаноҳе намонд, ки аз кӯча фарқ дошта бошад ва ман се-чор моҳ дар кӯча мондам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ягона даре, ки ман гоҳ-гоҳ ба он сар медаровардам, дари Убайди милеса буд, ки ӯро ҳам он рӯзҳо аз милитсияи районӣ ба милитсияи вилоятӣ гузаронида буданд ва ӯ ба Кӯлоб рафта буд. Зани ӯ апаи Момагул, ҳамноми апаи калонии ман, ки ӯро ёд надорам, интизори он буд, ки падараш меояду то дар Кӯлоб ҷовупо кардани шавҳараш ӯро ба Кангурт, ба қишлоқи Фалхобод мебарад. Ман ин оиларо бисёр дӯст медоштам. Апаи Момагул ба ман таклиф кард, ки: «биё ҳамроҳи мо ба Фалхобод меравем. Дар он ҷо хоҳӣ, дар хонаи мо мемонӣ, нахоҳӣ ба детдоми Кангурт меравӣ». Ва ман моҳи июли соли 1941 аз Ховалинг, аз Ховалинге, ки ба мардуми маҳаллии худ, ба сағираву кабираи худ худи дуо рафтагӣ барин номеҳрубон аст, рафтам.

Диёри Кангурт ва умуман он китъаеро, ки дар байни дарёи Вахш ва Сурхоб воқеъ буда, ба он районҳои Кангурт, Қизилмазор ва Данғара дохил мешаванд, ҳамчун забони замин тасаввур кардан мумкин аст, забоне, ки аз шиддати гармӣ ва беобӣ гӯё аз даҳони замин, аз ҳалқи кӯҳҳои каторкӯҳи Вахш баромада, то водии Фархору Вахш овезон шуда мондааст. Ва аҷоиботи табиати ин диёр дар он аст, ки бо ҳамон қадар гармӣ ва беобӣ мардумаш беандоза хушрӯ, дилкаш ва меҳрубон, ҷаву гандумаш сахти сумурту сермағз, шираш ғафси серравған, гӯшташ ниҳоят бамаза ва меваву харбузаву тарбузаш чунон ширину ширадор, ки ҷои нону қанду гӯштро бемуҳобот ва баҳузур гирифта метавонанд. Ана ҳамин хел диёр аст диёри Кангурт. Ва ман пушт-пушти улави бобои Карим, падари апаи Момагул, ба пои асп ҳафтод километрро тай карда, фақат дар оғози Кӯли сӯфиён аз онҳо ақиб монда, шабона ба қишлоқи Фалхобод расида омадам. Баъди ин мусофирати таъҷилӣ ва маҷбурӣ ман се-чор рӯз аз ҷоям ҷунбида натавонистам, пойҳоям об фуроварда буданд. Воқеан, дар ин сафар ман танҳо набудам. Сагчае доштам, номаш Сияҳгӯш, ало, на таҳҷоӣ, мувофиқи зоташ пастакак, гирдакак, сермӯякак, гӯшакҳои ҳамчун кокул овезон, пойҳои кутоҳакаки каҷу килеб,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

чашмакони сиёҳи пур аз меҳр дошт ва бисёр дилҷӯву бовафо буд. Ман ӯро чунон дӯст медоштам, ки аз даҳанам нонаш медодам ва ба ёдам намеомад, ки ӯ саг аст ва нафаси сагро тоҷикон макрӯҳ медонанд. Бо вафоти апаам ман худам дар азоб будам, вале дилам чок-чок мешуд на аз азоби худам, хун мегиристам аз он, ки он ҷонвараки бегуноҳу безабон шарики азобу бенавоии ман шудааст.

Дар Фалхобод, дар хонаи бобои Карим баъд аз се-чор рӯз кӯфти раҳ аз ман баромад, ба худ омадам, аз нав раҳгардон шудам ва ба додари апаи Момагул, ки Изатулло ном дошт ва аз ман хурд буд, унс гирифтам ва дастёри хонаи онҳо шудам. Мурдаҳошонро Худо раҳмат кунад ва касе аз онҳо ҳоло дар қайди ҳаёт бошад, бигузор пайғому дуруди пур аз минатдории ман ба воситаи саҳифаҳои адабиёти тоҷик барои онҳо хотираи нек монад.

Дастёрии ман дар хонаи бобои Карим аз ман заҳмати душворро талаб намекард. Онҳо миёнаҳол буданд, гову моли зиёда ва хоҷагии мураккаб надоштанд. Дар саришта кардани гову мол ман ба бобои Карим ёрӣ медодам, аз чашмаяке, ки аз вай нӯли чойники бачагона барин об метаровид ва ба назарам Чимбулоқ ном дошт, об меовардам, ки дар охирҳои моҳи июл бобои Карим аз ин кор ҳам маро озод кард ва дар сари полизи худ полизбон карда монд. Ва ягона саргузаште, ки имрӯз маро ба навиштани ин сатрҳо водор кардааст (албатта баъд аз муносибати меҳрубононаи оилаи бобои Карим), ҳамин полизбонист.

* * *

Ҳавлӣ ва хонаи бобои Карим рӯ ба шарқ буд, ба офтоби саҳарӣ. Аз пушти хонаи ӯ роҳи мошинагарди Данғара мегузашт. Болотар аз роҳ оромгоҳи гузаштагони мардуми Фалхобод бо се-чор дарахти сершоху панҷаи туғаш хомӯш хуфта буд. Тахминан сад-дусад қадам болотар аз он оромгоҳ дара не, (воқеан, дар диёри Кангурт аз сабаби шиддатнок набудани боронгарӣ дара кам аст ва қариб ҳамаи дараҳои он сарзамин хаманд) хами даро-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

зе кашол меёфт ва дар як гӯшаи поён ва офтобрӯяи ҳамин хам бобои Карим тахминан дар ним гектар замин полиз дошт. Дар миёнаи он полиз капа не, чойлобе меистод, ки тораш ҷои хоби шабона ва тагаш соябони рӯзона ҳисоб меёфт. Ана ҳамин полиз, ҳамин чойлоб дар моҳи июлу августи соли 1941 ҷои истиқомати ман, ҷои кори ман буданд, ки он кор аз посбонӣ иборат буд. Полизҳои лалмӣ баъд аз шинонидани тухми харбузаву тарбуз он вақт қариб корталаб набуданд. Кори асосиро рӯзона чашмон ва шабона гӯшҳо баҷо меоварданд ва баъзан забон ҳам иштирок мекард. Хавфи асосӣ аз шабохуни бачаҳои детдоми Кангурт буд, ки аз вай маро бобои Карим пешакӣ огоҳ карда монда буд. Лекин Худо хайри бачагони детдомро диҳад, ҳангоми полизбонии ман ягон бор шабохун назаданд. Шабохунро як бор дигарон заданд, калонсолон, йигитҳои ворошиловӣ, ки дар пуштаҳои гирду атроф аспсаворию шамшерзаниро машқ мекарданд.

Ман имрӯз шоир, носир, мунаққид, ба тавраш зиёии пешқадами миллат шуда истода, ба ёд меорам, ки хукбон ҳам будам, подабон ҳам будам, даравгар, алавмони ошхона ва агитатори чойхона ҳам будам, муаллими курси маҳви бесаводӣ, муаллими муаллимони мактабҳои ибтидоӣ, мухбири газетаи вилоятӣ, котиби газетаи районӣ, мудири шӯъбаи адабии газетаи вилоятии Қӯрғонтеппа, ходими адабии журнали «Шарқи сурх», муҳаррири нашриёт, котиби масъули комитети республикавии муҳофизати сулҳ ҳам будам, будам, будам. Вале агар имрӯз, дар синну соли аз шаст гузаштаам, оянду пурсанд, ки: «Ғаффор, мо ба ту оқибат кор доданием, аз корҳои гузаштаи худ кадомашро мехоҳӣ такрор кунӣ?» аз самими дил холисанлиллоҳ, муғамбирӣ ва нозунуз накарда ҷавоб медодам, ки: «полизбониро».

Тасаввур кунед ва нашъа баред: рӯзона офтоби сӯзон, ки шӯълаҳои ҷонбахши он на танҳо харбузаву тарбузро ширин мекунанд, балки ба ҳар як ҳуҷайраи ҷисми табиатан таҳбатаҳ заҳноки инсон кора карда, онро аз обу зар-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

доби зиёдатӣ халос мекунанд ва дилро, шушро, ҷигарро, гурдаҳоро ба ифоқае меоранд, ки ба ин фароғат одам дар ягон курорти олам муваффақ шуда наметавонад; ҳавои хушк, осмони каб-кабуди беғубор, пуштаҳои рангин, бӯи каҳу ҷаву гандуми пухта, расида, ки чашмро, нафасро, рӯҳро шодоб менамоянд, нашъае мебахшанд, ки беҳтарин атрҳои мағрибӣ дар пеши он номаъқул кардаанд; нимрӯзӣ дар оинаи осмони мусаффо дар қабати баланди ҳаво алибоҷҳо пар назада бафурсат шино мекунанд, поёнтар аз онҳо каргасон пуштаҳо, хамҳо, дараҳоро аз назар мегузаронанд ва Худо мегӯянд, ки бузе, гӯсфандеро имшаб гург даронда бошад ё маркабе, гове аз ҷар афтода ҳалок шуда бошад ва боз ҳам поёнтар аз он қабати ҳаво чурҳо, шамолхуракҳо муаллақ пар мезананд ва суруди ҳаёти хушбахтонаи худро замзама менамоянд, бегоҳӣ шаббодаи оҳиста-оҳиста, дараҷа ба дараҷа аз гармӣ ба нармӣ ва аз нармӣ ба насими салқини дилафрӯз ва ҳаловатбахш табдилёбанда; суруди оммавии шабро табрик ва ситоишкунандаи ҳазор-ҳазор чирчиракони аз таги сангу кулӯху буттаҳо хазида баромада; ва бар замми ҳамаи ин – садои кафидани харбуза, субҳидам, вақте ки харбузаҳои рӯзона дарун ба дарун тасфида ба ҳавои салқини саҳар дучор меоянд ва ҳам аз ширинии худ, ҳам аз шиддати муқобилияти ин ду ҳарорати мухталиф торс-торс мекафанд ва ту, полизбони ба ҳар ҷӯяк, ба ҳар як палак, ба ҳар як харбуза алоҳида-алоҳида шинос, аниқ медонӣ, ки ин садо аз кадом палак омад, дар куҷо кадом харбуза кафид… Ин магар ишқ нест, бахт нест, фароғат нест! Афсӯс, ки акнун ба ҳазор гуна ресмону риштаи масъулиятҳои маҷбурӣ дилгир, бебаракат ва кӯрнамакона бастаам ва наметавонам, ки баргашта ба Кангурт раваму дар Фалхобод, дар ҳамон хами бобои Карим аз сар полизбон шавам!

…Шабе аз ҳамон шабҳои дилкушои сари полиз ман дар тори чойлоб менишастам ва сагчаам, рафиқам, ҷӯраам Сияҳгӯш дар таҳ не, дар тор, дар пахлӯям буд. Ман ҳам нону харбуза мехӯрдам, ӯ ҳам нону харбуза



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

мехӯрд. Банохост аз дур, тахминан дар ҳудуди гӯристон, аввал худи гӯгирд задагӣ барин алове милтӣ кард. Ман хаёл кардам, ки ягон кас омада истодааст. Аммо нафасе нагузашта ба назарам намуд, ки он алов калонтар ва баландтар шуд, ба гулхан монанд шуд ва ин дафъа гумон кардам, ки ягон кас аз хасу хошоки гирду атроф гулхан гиронда истодааст. Лекин охир он ҷо ягон кас мебуд, сагчаам безобита мешуд, аккос мезад. Вале сагам ором буд ва ба он оташ аҳамият намедод. Баногоҳ он оташ хеле зуд борик шуда, дароз шуда, ба назарам намуд, ки аз нӯги дарахтон гузашта ба осмон расид. Ана ҳамин ҷо ман тарсидам. Ман, ки ба вуҷуд доштани ҳеҷ гуна ҷину аҷина боварӣ намекардам ва наметарсидам, банохост тарсидам. Вале дар гирифтану баланд шудану якбора хомӯш гардидани он оташ ҳамагӣ ягон дақиқа давом карда бошад, ҳамон қадар давом кардагист. Оташ бурида шуд, хомӯш гардид ва ман нафаҳмидам, ки вай чӣ буд. Мегӯянд, ки дар гӯристон ё дар он ҷойҳое, ки устухони тосида ва пӯсида бисёр аст, чунин воқеа рӯй медиҳад ва онро ба мавҷи фосфор нисбат медиҳанд, ки дар шаби торик ҳамин тавр равшанӣ карданаш мумкин аст. Аммо ман он вақт ин ҳикматро намедонистам ва сахт тарсидам, таҳбатаҳ дарақ-дарақ меларзидам ва майнаи ба воҳима афтодаам ҳазор гуна талқини даҳшатнок мекард. Ҳарчӣ буду набуд, ин аловаки сабилмонда хама кайфу сафои сари полизи маро он шаб як пул кард ва ман шаби дароз чашм пӯшида натавонистам. Саҳар, вақте ки ин воқеаро ба бобои Карим арз кардам, ӯ хандид ва гуфт:

– Эй лочаке («лочак» калимаи нӯгизабонии ӯ буд), ин аз тарс будагист. Тарс, ки дар дили одам роҳ ёфт, дар чашми ӯ ҳар ҷину аҷина пайдо мешавад. «Наметарсам!» гӯй ва он гоҳ на танҳо аз ҷину аҷина халос мешавӣ, балки ҳеҷ касу ҳеҷ чиз туро тарсонда наметавонад.

Насиҳати бобои Каримро то ҳол дар гӯш дорам, вале роҳату фароғати сари полизам халалдор шуд ва дигар ба асли қадимаш нагашт, ки нагашт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

* * *

«Натарс!» ба гуфтан осон, аммо ба кардан мушкил. Андешаи одам, ҳиссиёти одам на ҳамеша дар ихтиёри ӯянд. Кас худашро ҳазор нотарс гирад ҳам, дар вуҷуди ӯ ягон ҳуҷайрае ёфт мешавад, ки ғаризаи ибтидоии тарсу ҷонро дар худ нигоҳ дошта омадааст ва дар чунин мавридҳои даҳшатнок худашро бо мундариҷаи худ, яъне бо тарси ибтидоии ҳайвонӣ нишон ва намоиш медиҳад. Бо вуҷуди пионер, ғаюр ва нотарс буданам он алови ғайри муқаррарӣ ҳамон ҳиссиёти қадиминаи тарси ҷонро дар вуҷуди ман ба таҳлука овард ва худамро бебок гирам ҳам, дар ким-куҷои майнаам ё дилам ҳамон кирмаки воҳима меҷунбид, мепечид ва осудагию оромию роҳату фароғати пешинаамро халал медод.

Ба болои ин як рӯз дар сари полиз воқеае рӯй дод, ки на ба тасаллову осудагӣ, балки ба таҳлукаҳои шаббашаб, рӯзбарӯз афзуда истодаи ман хизмат кард.

Дар ҳамон хамҳо ва пуштаҳои Фалхобод як дастаи тахминан панҷоҳнафараи йигитҳои савораи ворошиловӣ машқҳои ҷангӣ мегузарониданд: асп медавониданд, шамшер мезаданд, тир мепарониданд, аз монеаҳои гуногуне, ки дар он кӯҳсор табиат худаш бепул сохта мондааст, гузаштанро имтиҳон мекарданд, ёд мегирифтанд. Як рӯз онҳо баъд аз машқ дар роҳи бозгашти худ ба сари полиз омаданд. Аспҳояшонро берун аз полиз ба буттаҳои қамиш баста, сонӣ ҳар ҷо-ҳар ҷо аз хандақи пастакаки гирди полиз ҷаҳида гузаштан гирифтанд. Сагакам девонавор аккос мезад, гоҳ ба сӯи ин, гоҳ ба сӯи дигаре ҳамла мекард, вале онҳо ӯро ба кулӯх зада меронданд. Яке аз онҳо, ки аз хандақи ба чойлоб наздик парида гузашт, бо ҳавои даҳан, бо оҳанги босмачиёна дӯғ зад:

– Ку, сағера, ҳар чӣ дорӣ, биёр!

Ман, ки онҳоро ҳоло йигит ҳисоб мекардам ва медонистам, ки йигит чӣ маънӣ дорад, ба замми ин онҳо боз «йигитҳои ворошиловӣ» буданд ва номи Ворошиловро бо ягон кори ношоиста бад карданро гуноҳи азим мешуморидам, боз зам болои зам, онҳо фарзандони ҳамон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мардуми Кангурт буданд ва фаҳмашон мегирифт, ки ба полизи ягон деҳқон зада даромадан ва онро тороҷ кардан шармандагӣ ва расвоии авфнопазир аст, боварӣ доштам, ки ду-сето харбузаро кушта мехӯранду баромада мераванд. Лекин бинам, ҳамаи онҳо ба ихтиёри худ ба даруни полиз даромада, палакҳоро поймол ва тагурӯ карда харбуза ҷуста истодаанд. Ман фарёд задам, ки:

– Эй, ин ҷо биёед, ба таги ин чойлоб шинед, худам ба шумо харбуза оварда медиҳам.

– Мо ҳам харбузаро мешиносем, – гуфт яке аз он «йигитҳои ворошиловӣ».

– Не, охир, ин хел худсарӣ кардан айб аст. Надароед, палакҳоро поймол мекунед, – гуфта, ман гоҳ ба сӯи ин, гоҳ ба сӯи он медавидам ва намедонистам, ки чӣ илоҷ ёбам.

– Э, вақ-вақ накун, сағера!— даст афшонд яке аз онҳо.

Ман ҳадаҳа ба сӯяш давидаму аз кашталаш гирифта кашидам. Вале ман, бачаи 12-13-сола куҷову он йигити 20-25-сола. Дастҳоямро аз гиребонаш зада ҷудо карду телаам дод, ки пойҳоям ба палакҳо печида рафта ба пушт задам. Баъди ин мани ба шӯр омада кулухеро бардошта ба сари ӯ ҳаво додам ва боз давида ба ӯ часпидам.

– Э, ҳоли ту кулӯх ҳам мепартоӣ! – гуфту маро озод бардошта ба замин зад ва ман гирёну дашномкунон бархоста ба ӯ боз часпидам.

Сонӣ онҳо дукаса шуда маро бардошта, бо қоҳ-қоҳу валвала бурда ба пояи чойлоб бастанду монданд. Ман мегиристам, онҳо бо паропару хандаву бозӣ палакҳоро поймол карда харбузаи ширину расида мекофтанд. Хулоса, ки «йигитҳои ворошиловӣ» айнан монанди босмачиҳо, айнан монанди ғоратгарони гитлерӣ полизаки маро таҳқиру ғорат карданду рафтанд.

Бегоҳӣ, вақте ки Изатулло ва бобои Карим аз хона маро хабаргирӣ омаданд, маро аз банд халос карданд.

– Э, лочакҳо-е! – мегуфт бобои Карим. Ӯ одати хашмгин шудан ва дашному ҳақорат доданро надошт. – Хайр, бало ба пасаш. Полиз дар се-чор рӯз худаш худашро ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тартиб меорад. Бисёр ғам нахӯр, – мегуфту мегашт бобои Карим дар даруни полиз, хам шуда, нишаста, гоҳ ин, гоҳ он палакро рост карда ва боз сарашро бардошта тамоми полизро аз назар мегузарониду «э, лочакҳо-е!» мегуфт, ба таври худаш ғазаб мекард, дашном медод, дар сурате, ки табассум аз рӯяш канда намешуд.

Ана ҳамин хел одам буд бобои Карим.

* * *

Аҷоиб як тақдир дорам ман. Устокарим, яъне худованди таоло аз як тараф ба ман риояи тартибу интизом ва ҳалолию покизагиро талқин карда мондааст, аз тарафи дигар худи барқасд кардагӣ барин ҳазору як вайронкунандаи ҳамин тартибу интизомро маҳз ба ман фаъолона муқобил гузоштааст. Ёбу гир! О мон, ки ман худам худамро саришта кунам! Не, ҳам худатро саришта мекунӣ, ҳам дар мубориза бар зидди ҳаромон устуворӣ нишон медиҳӣ! О ин бераҳмӣ-ку!

Ман он рӯз ба худ наомадам. Дилкушодию бепарвоии бобои Карим хам тасалло шуда натавонист. Дарун-даруни полиз мегаштам ва медидам, ки фалон харбузаи шиносам нест, аламам гаштаю баргашта тоза мешуд, гӯё он харбуза харбуза набуда, додараку хоҳараки дастпарвардам бошад. Хулоса, ки изтиробу ҳаяҷони рӯзона, ин ғоратгарии беинсофонаи йигитҳои ворошиловӣ ба он тарсу воҳимаи шабона ҳамроҳ шуда, оромию осудагӣ, роҳат ва фароғати маро тамоман рабуданд. Маро хафа, озурда ва бебахт карданд. Таҳлукаам афзуд. Хаёли ташвишам васеътар шуд. Акнун тарси ҷанг ҳам ба сироят даромад.

Бадии як бор тарсидан дар он аст, ки агар он тарси аввала ба зинҳор такрор нашавад ҳам, тафаккури ба мавҳумот афтода сад хел тарси дигарро ба ёди кас меорад. Мане, ки аз сар шудани «ҷанги гирмон» хабар доштам ва дар дили худ доир ба ғалабаи Аскари сурх ягон шакку шубҳаро роҳ намедодам, баъди он шаб фикр мекардагӣ шудам, ки: «чӣ шуда бошад? Аскарони сурх гирмонро дар куҷо зада истода бошанд? Агар Гирмон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳақиқатан «гиру мон» маънӣ дошта бошад, аҳволи мо, ятимон ва сағирагон чӣ мешуда бошад?» Ва бо фишору таассуроти ин тарсҳои калону хурд акнун дар вуҷудам шакҳо ва шубҳаҳои хуфтаи ман ба ҳаракат омаданд. Тарси он шаб, ҳаяҷони он рӯз, ташвишу таҳлукаи бекасӣ, хавфу хатари рӯз то рӯз дар шуури ман афзуда истодаи «ҷанги гирмон» ба ҳам иттифоқ карда, вазъияти мӯътадил ва босафои рӯҳияи маро вайрон карданд, асабакҳои ҳанӯз монанди тори тортанак маҳин ва нозуки маро ба ларзаи кандану фит кардан оварданд.

Ва шаб хоб дидам. Хоб дидам, ки Сталин бо Ворошилов пеш-пеш (ин ду ном ва дар қатори онҳо Будённий барои мо, хусусан барои кӯдакони онвақтаи детдом, эътиқод, умед, боварӣ, дин, доҳӣ, пайғамбар, мазмун ва маънии ҳаёт шуда буданд), аз пушти онҳо дастаи савораи аскарони сурх, аз ҳамон раҳи Данғара, аз пушти хонаи бобои Карим гузашта истодаанд. Ва ман гирёну нолон давида ба сари роҳ баромадаму ҷилави аспи Сталинро дошта, ба ӯ арз кардам, ки: «немисҳо биёянд, ҳоли ман чӣ мешава?, ҳоли мани пионер, мани бекас?»

Сталин, дидам, хам шуду сарамро сила карда истода гуфт: «пионер бояд нотарс бошад. Ту ҳам натарс, ғам нахӯр. Мо мана ҳозир рафта истодаем, ки лашкари гирмонро торумор ва хоку туроб кунем». Ва бедор шавам, бинам, на танҳо рухсораҳоям таранд, балки болиштам ҳам тар шудааст. Ман ба таъсири ҳамаи он воқеаҳо дар хобам хуб гириста будаам, он ашкеро, ки дар бедорӣ одамон пинҳон медоранд, дар хоб хуб рехта будаам.

Ва рӯзи дигар, ҳангоме ки бобои Карим боз ба сари полиз омад ва ман хобамро ба ӯ нақл кардам, ӯ бо хушҳолии дилосо гуфт:

– Э, лочак-е! Хоби хуб дидаӣ! Сталин кист? Подшоҳ. Подшоҳ, ки саратро сила карда бошад, дон, ки ту оқибат бадавлат мешавӣ.

Ана ҳамин хел одам буд бобои Карим.

*26 августи 1991*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МО ОН РӮЗ ФАТВО ДОДЕМ, КИ: ХУДО ҲАСТ

«Касе, ки шиками сер дорад, ба таҳсили илму дониш хушаш намеояд», – мегӯянд. Ман намедонам, ки ин «ҳикмат» моли кадом «ҳаким» бошад. Аммо ман...

Моҳи маи соли 1945 буд. Дар омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб имтиҳонҳои давлатӣ сар шуда буданд ва ману кадом як рафиқи ҳамсинфам китоб дар даст дар таги чинорҳои мазор ҳазор печутоб мехӯрдем: гоҳ ба шикам мезадем, гоҳ паҳлу мегаштем, гоҳ китоберо ба таги сарамон монда, рӯ ба шохҳои барҳавои чинорон китоби дигарро ба тавраш қироат карданӣ мешудем. Аммо гушнагиро фиреб додан мумкин нест. Вақте ки дар ҳар панҷ-даҳ дақиқа як бор-ним бор ҳушамон ба сарамон мезад, медидем, ки як ҷумла ҳам нахондаем, медидем, ки майнаи ба хаёли нон андармони мо аз саҳифаҳои ба тавраш хондаамон ягон маълумоти аниқ, ягон фикру андешаи қазоиро қабул накардааст. Мо маҷбур мешудем боз аз сар гардем. Вале аз сар гаштани мо фоида намебахшид: баъди ду-се ҷумла майнаи глюкозаталаби мо боз монанди кукнорӣ лағиида-лағиида, каловида-каловида, чукида-чукида ба хаёлҳои хоми

нону биринҷу гӯшту нахӯд,
нону маскаву ширу ҷурғот,
нону зағораву кунҷиту ғомук

мерафт ва мо аз пинак бедор шудагӣ барин якбора ҳушёр мешудему аз сар сар мекардем. Он «ҳакиме», ки «сер ба таҳсили илму дониш хуш надорад» гуфтааст, ба ин ҳоли зори мо сарфаҳм мерафта бошад ё не?

– Ғаффор, ҳо Ғаффор, – банохост сахт фарёд зад рафиқам. – Чӣ ҷавоб намедиҳӣ? Ё хобат бурд?

– Не, хоб набудам. Ба хонаи апаи раҳматиям рафта будам. Медонӣ, ҳозир чӣ дидам? Апаам певоз дошт. Ӯ аз ман хоҳиш кард, ки ба ӯ ёрӣ диҳам: ҷурғотро аз дег ба чахдег резам ва дуға кашидан гирам, ӯ бошад, хами-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

рашро рост мекунад. Вақте ки дар чахдег маскаи таррак рӯ зад ва ҳоло монанди барфи тармотарит шитта буд, апаам аз танӯр кулчаи ба номи ман махсус бастаашро канду ба сӯи ман ҳавола кард. Ман онро гирифтам, шикастам ва дар маскаи тарраки ҳоло бо ҷурғот аралаш тар карда ба даҳонам бурдам, – гуфта будам, ки рафиқам даҳонашро базӯр нимроғ карда истода, аз дард фарёд зад: гуруснаи бечора ба таъсири тасвири ин манзара афтода, шукаш гирифта будааст, яъне чоғаш баста шуда будааст, ки одатан кушодани ҷоғи бастаи шахси гурусна хеле дарднок аст. Ӯ манаҳашро молиш додамолиш дода, оби даҳонашро чанд бор пушти ҳам фурӯ бурда истода, дардашро пасанда кард ва гуфт:

– Ман ҳам як бор ҳамин хел кайф карда будам: амакам ҷувозкаш буд, ӯ як фатирхамири гарми борааш бораи нони товагӣ баринро ба ҷувоз партофту тири ҷувозро як бор чарх занонда, нони дар равған пачақ шударо кашида баровара ба ман дод. Ин воқеа панҷ сол пеш аз ин рӯй дода буд. Баъд амакамро ба ҷанг бурданд. Хати сиёҳаш омад. Ман баъди ин дигар ягон бор он хел бамаза сер нашудам.

– Ту ягон бор фатирмаскаи бахарбузаро хӯрдаӣ ё не? Нахӯрдаӣ. Ман хӯрдаам. Соли 1942 мухбири сайёри газетаи «Ҳақиқати Кӯлоб» будам. Маро ба Қизил-мазор фиристоданд, ки дар хусуси кадом як чорводори номӣ хабар ташкил карда биёрам. Ман аз Сартез ва ду-се қишлоқи дигар гузашта ба Қизил-мазор нарасида мондам. Поям накашид. Шабро дар сари як полиз гузаронидам. Ана дар ҳамон ҷо ман чӣ будани фатирмаскаи бахарбузаро донисита гирифтам. Фатири гарм худаш фатири гарм, ҷӯраҷон, маска худаш маска, ба болои ин боз харбузаи шаҳду шакарии фуламби Сартез, ки аз нону аз маска худашро боло мегирад. Тасаввур кун, ки ин се меваи ҳар кадомаш ба сари худ биҳиштӣ иттифоқ карда истода чӣ офарида метавонанд. Афсӯс, он касе, ки ба чунин иттифоқ ақлаш расидааст, дар ном мондани он таом



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

муғулӣ содир кардааст. Ман мешудам, медонӣ, ба вай чӣ ном мемондам? Масалан, ҳалвои ҷон. Номи нағз-а? – мегуфтам ман ва даҳанам гаштаю баргашта об мекушод.

–Эй бас-е, бо ин хел ёдовариҳо кас метавонад девона шавад, – даст афшонд рафиқам ва аз ҷояш бархоста сӯи мазор рафт. Рафт ва панҷ дақиқа нагузашта буд, ки ҳаккаскунон, ҳамчу ёбоиҳо ҷастухезкунон, тутакалукҳои бадбӯи пушти амборро поймолкунон, дар дасташ як латтапораи печдарпеч пайдо шуда омад.

– Баъди ин ҳар касе гӯяд, ки Худо нест, даҳанашро ба санг бастан лозим! – гуфт рафиқам ва айнан ба он хурсандие, ки дар куртаи худ одам ҳақиқатан ғунҷида наметавонад, печҳои латтаро кушод: дар латта як нони ҳанӯз мулоими чапотӣ ва дар нони чапотӣ чор дона қурут печонда монда будаанд.

– Инро аз куҷо ёфтӣ? – ман аз шиддати ҳаяҷон ва тарси он, ки агар хобу хаёл ҳам бошад, онро натуронам, оҳиста пичиррос зада пурсидам.

– Аз тори болодарии хоначаи муттавалӣ, – ба мисли ман пичиррос зада ҷавоб дод рафиқам. Хоначаи муттавалӣ дар паҳлуи мазор меистод ва зиёраткунандагон, ки шумораашон ягон-ягон буд, агар оянд, бе назр намеомаданд ва мо, бачагони интернат, пайт поида меистодем ва чашми муттавалиро хато карда, аз ризқи ӯ истифода мебурдем. Имрӯз ризқи муттавалӣ насибаи мо будааст.

Мо нону қурутро ба як иштиҳое хӯрдем, ки агар он кулча ва он маскаи таррак, он фатирхамири дар равғани ҷувоз тар карда, он фатирмаскаи бахарбуза муҳайё мебуданд, ба тақдири он нонаки чапотӣ ва он чор қурутак ҳасад мебурданд ва дарунбадарун месӯхтанд.

Худо хайри мазор ва муттавалии онро диҳад, вақте ки нону қурутро хӯрдем, майнаҳо равшан шуда монданд, дамамон ҳот ва димоғамон чоқ шуд ва як фароғате моро фаро гирифт, ки онро дар ҳақиқат бо қалам тасвир карда намешавад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

– Акнун бовар кардӣ, ки Худо ҳаст? – маро гаштаву баргашта мепурсид рафиқам.

Ман, ки суп-сурх фарзанди Ленин будам ва ба Худо эътиқод доштанам баробари ба Ленин хиёнат кардан буд, намедонистам чӣ гӯям. Вале барои он, ки рафиқамро хафа накунам, гуфтам: кӣ медонад, шояд бошад.

Ва парвардигоре, ки аз афташ моро аз осмони ҳафтум ё нуҳум дар телемонитори худ назорат ва тамошо менамуд, ба он бахишаш қаноат накарда, аз Ленин қариб гаштани маро қадр карда истода, хост маро ҳанӯз бенасиб намонад.

...Рӯз ба некӣ анҷом меёфт. Гӯё аз сабаби он, ки нону қурутро хӯрда ташна монда будем, китобҳои дарсии худро об карда нӯшидем ва пеш аз он, ки ба хобгоҳ баргардем, мо таг-таги тирезаҳои амбор, ошхона, дӯкони нон ва хоначаи шахсии мудири хоҷагии интернат калла кашида-калла кашида мегузаштем. Ҳангоме ки ман ба тирезаи мудири хоҷагӣ баробар шудам, овозе аз ғайб омад, ки: «дурусттар нигоҳ кун». Ва ман рӯямро ба тиреза часпонда, бинии пучуқамро пучуқтар карда, ба даруни хонаи мудири хоҷагӣ назар андохтам. Худо он рӯз чунон саховатманд буд, ки гӯё ошиқ шуда бошад. Ман бо чашмони аз косахонаи сарам ҷаҳидаи худ рафиқамро имо кардам, ки: биё ин дастгоҳро бин! Ӯ ҳам бинияшро ба оинаи тиреза часпонда диду лол шуд: дар рӯи столи мудир ду буханка нони сафед ва як чиннӣ маска меистод. Ду сағерае, ки худо медонад, фардо чӣ мехӯранд, пас аз фардо чӣ мехӯранд, магар ҳақ доштанд, ки аз сари ин чашмаи оби ҳаёт лаб тар накарда гузаранд? Рафиқам ба ман нигоҳ мекард ва ҳарду ба як қарор омадем, ки: ҳам нон, ҳам маскаи мудир duздиянд ва агар дуздро қароқчӣ занад, ҳамаи ҳисобҳо баробар мешаванд. Ва ман ҳар чӣ бодо бод гуфта мехчае ёфтаму онро ба қулфи хоначаи мудир ҷо кардам ва дарҳол маълум шуд, ки қулф ҳам аз посбонии моли дуздӣ дилгир шу-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дааст, ки даррав кушода шуд ва мо як буханка нон ва як коса маскаро ҳамчун навкарони инқилобӣ мусодира карда, ба даруни тутакалукҳо бурда несту нобуд намудем. Мо ба лабҳои худ хоку хокистари дунёро ҳам молида бошем, мудири хоҷагӣ бегоҳӣ моро аз дур диду гуфт: «ҳа, енани…» Лекин мо натарсидем. Мо медонистем, ки дасти дузд дароз ҳам бошад, забонаш кӯтоҳ аст.

*24 августи 1991*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## САҒАЛЕ, КИ ФОЛИ ҚИСМАТИ МАН ШУД

Вақте ки ҷонаки ширини бобош, набераяки китобдӯсти ман Саидабону дар сесолагияш китобро бурро ва равон мехондагӣ шуд, беихтиёр чун хобу хаёл ба хотирам омад, ки ман бо кӯдаке ба ӯ бисёр монанд пеш аз ин дар ким-куҷо дучор омада будам. Ва пардаҳои хаёл пушти ҳам кушода шуданду бинам, он кӯдак бо андаке тафовут худи манам. Ҳам дар афту андом, ҳам дар хислату хусусият, ҳам дар бисёр нозукиҳои гули алов барин барқ зада гузарандаи шахсияти ӯ ман кӯдакии шинос, вале фаромӯшшудаи худро дидам. Дидам, ки Табиат, ин ноқилаи зуфунуни ирсии байни наслҳо, ба ҳеҷ касу ҳеҷ чиз маътал нашуда, чандин унсур, чандин аломату нишонаҳои зотию зурётии маро аллакай ба набераякам гузаронида мондааст. Дидам, ки агар ман нахустин нақши вазну қофиядори худро дар панҷсолагӣ ё шашсолагиям бофта бошам, Саидаҷонам дар сесолагияш ба бофтан сар кардааст. Дидам, ки маҳбубтарин бозӣ ва бозичаи ӯ китоб аст, айнан монанд ба айёми кӯдакии бобояш.

– Бобоҷон, биё бозӣ кунем, – таклиф кард ӯ рӯзе ба ман. - Калимаҳои ростаро канӣ кӣ зудтар чаппа ва чаппаро кӣ зудтар роста мехонад.

– «Худоё, тавба кардам» – гуфтам дар дилам. – Айнан ҳамон бозие, ки мо дар фасли кӯдакии худ машғул мешудем. Як рӯзи дигар дидам, ки ӯ китобро чаппа дошта роста мехонад. Аҷабо, ин ҳам қилиқи бачагии ман буд. Фақат як китоббозию суханбозии айёми кӯдакии худро ҳоло дар ӯ надида истодаам: мо дар ҳар як ҳиҷои калима ҳиҷои бегонае ҳамроҳ карда мехондем. Мисол, ҷумлаи «ман шуморо дӯст медорам» ин хел садо медод: «ма-зан шу-зу-мо-зо-ро-зо ду-зуст ме-зе-до-зо-ра-зам». Ва баъзе бачагони детдоми мо дар ин бозии мураккаб чунон маҳорат ҳосил карда буданд, ки китобро ба ҳамин забон оби равон барин мехонданд, бо якдигар озодона сӯҳбат



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мекарданд ва дар сартосари маҳалла забони нестандарҷаҳоне ҳукмрон буд.

Агар хусусияти кӯдакро бо синну соли ӯ ба назар гирем, ӯ ҳеҷ як кори ҷиддиро бе бозӣ ба субут расонида наметавонад ва дар ҳамин асос китоббозиро ҳам китобхонии усули кӯдакона номидан мумкин аст. Айнан монанди Саидаҷон маро ҳам китобхонӣ китоббозӣ буд ва китоббозӣ китобхонӣ.

Чуноне таҷрибаҳо нишон медиҳанд, одати китоббозӣ ва китобхонӣ тафаккур ва тасаввури кӯдакро васеъ менамояд ва азбаски калимаҳои китоб бо тарзи навишти худ дар ҳофизаи хаёлӣ ва биноии кӯдак бардавом барқарор мемонанд, ӯ бехато навиштанро ҳам аз китоб беихтиёр иқтибос мекунад. Ва агар кӯдак пеш аз ба мактаб рафтанаш ба китоб ҳамин тавр муносибат пайдо карда бошад, яъне хондану навиштанро ёд гирифта бошад, чӣ ҷои шубҳа, ки ӯ пешакӣ босавод шуда ба мактаб омадааст. Ва ин ҳолат чунин маъниро дорад, ки кӯдаки томактабии китоббоз ва китобхон дар мактаб, ҳеҷ набошад, дар синфҳои ибтидоии мактаб, албатта аълочӣ мешавад.

Ана акнун ин шаф-шаф моро ба сари табақи шафтолу овард: мани панҷсола ё шашсола ба дили худ аълохон будам, ҳатто аз он ҳам болотар гиред: офаринхон будам. Яъне дар солҳои аввали мактабхон гардидани мо баҳои хониш на аз панҷ зина, балки аз шаш зина иборат буд: бисёр бад, бад, миёна, хуб, аъло ва офарин. Ва мани ба воситаи китобхонии андаке бештар чандин малакаи барвақтӣ ва изофӣ бадастоварда, мани аз дигарон андаке пештар маҳмадоно гардида офаринхон будам. Ҳатто ба ёдам меояд, ки дар ҳамин асос дар як соли таҳсил ду синфро тамом карда будам. Он вақт чунин як қоида раво ва чунин як тартиб маъмул буд.

Акнун биёед ба шумо нақл карда диҳам, ки он офаринхонии ман ба ман чи хел дарди сар шуда монд.

Хонандаи ин сатрҳо агар ба муҳити кӯдакон балад бошад ва агар ба хусусиятҳои психологии онҳо диққат



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

дода бошад, шояд донад, ки онҳо одатан рафиқони аълохони худ, рафиқони бо ягон ҳунар, бо ягон афзалият тафовут доштаи худро дӯст намедоранд. Бевосита, ҳамин тавр, худи дуо рафтагӣ барин. Агар муаллим таҷрибанок ва дурандеш бошад, кӯшиш мекунад, ки ҳамин бадрашкӣ ва бадбинии бадхону миёнахонҳоро нисбат ба аълочиён оҳиста-оҳиста бартараф намояд. Аммо агар дурандеш ва таҷрибанок набошад, метавонад он ҳиссиёти ба табиати бачагон мансубро об дода, оташ дода, тезу тунд намуда, ба бахилӣ ва душманогарии оштинашаванда табдил диҳад.

Ман намедонам, муаллими ман дар мактаби ибтидоӣ таҷрибанок буд ё бетаҷриба, лекин ҳаминаш ба хотирам меояд, ки ҳар як бадхону миёнахонро таъна ва сарзаниш карда истода, тамбал, ландаҳур, каллаварам номида истода, маро ҳамчун намунаи ибрати ӯ таърифу тавсиф мекард, маро боло мебардошт ва ӯро паст зада изо медод ва шарманда мекард. Ва беихтиёр оташи бадбинии он бадхону миёнахонро нисбат ба ман шамол медод ва аланга мезанонд. Ба тарзи дигар гӯям, ӯ маро бо бадхонону миёнахонон ҷанг андохта монда мерафт. Ва баъд аз дарс ман мемондаму он бадхонону миёнахонони ба шӯр омада, оташ гирифта. Касе, ки бо табиати кӯдакон ошно бошад, тасаввур мекунад, ки ин чӣ маънӣ ва чӣ натиҷа дорад. Дар чунин ҳолат ман дар вазъияти кучукаке мемондам, ки аз қишлоқ ё аз гузари дуре омада, дар иҳотаи як села кучукони бегона афтода бошад ва ба болои ин муаллимаки бетаҷрибаи ман онҳоро киш-киш андохта рафта бошад.

Ин ҳиссиёти бадрашкӣ ва бахилӣ дар вуҷуди одамони калонсол ҳам ҷой дорад, аммо вай дар табиати бачагон махсусан шиддатнок аст, зеро онҳо дарду аламро ҳанӯз дар тану ҷони худ ба он дараҷа ва он миқдор насанҷидаанд, ки онҳоро сабақ шуда тавонад, ба ифоқа оварда тавонад.

Як рӯз дар майдони ҳамин муносибатҳо воқеае сар зад, ки аз як нуқтаи назар мазҳакаи шӯхи дилкушо бо-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шад, аз дигар нуқтаи назар фоҷиаи вазнини бачагона буд. Мудири хонаи бачагон рӯзе холисона ва ба нияти нек фармон баровард, ки ҳангоми хӯроки нимрӯзӣ ба аълохону офаринхонҳо ҳамчун мукофот «гӯшти калон дода шавад». Он фармонакро ман имрӯз ба ёд меорам ва тақдири онро ба ҳазорон-ҳазор фармонҳои Котибон, Раисон, Вазирон ва Президентҳои мамлакат монанд мебинам, зеро ҳар як фармон, бигузор вай ба дараҷаи олӣ оқилона ва одилона бошад, вале тақдираш ҷобаҷо ба дасту дилу номусу виҷдони онҳое вобаста аст, ки баҷо овардани онро ба зиммаи онҳо мегузоранд. Чуноне имрӯз ҳамаи мо гувоҳи ҳолем, агар иҷрои он ба зиммаи аблаҳон афтад, моҳияти он фармони оқилона аблаҳона мешавад, ба зиммаи ҷинояткорон афтад, ҷинояткорона мешавад, ба зиммаи шӯрапуштон афтад, шӯрапуштона мешавад, бар хилофи ақлу номусу виҷдон, бар хилофи адолат ва манфиати умум маънӣ ва мазмун мегирад. Ва айнан дар асоси ҳамин тартиб ё дурусттараш, бетартибӣ иҷрои он фармонаки мудири детдом ба ӯҳдаи ҷӯраҳои сарсабили бахил ва шӯрапушти ман афтода, мазоқу масхара шуд, маънии тамоман баракс гирифт.

…Вақте ки ман ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ ба мурии ошхона наздик шудам, косаеро ба пешам тела доданд, ки дар вай як сағали, чӣ гӯям, ҳамчун як лунда барф, ё аниқтараш ҳамчун як айсберги сафеди барзангӣ ҷаҳида меистод. Ман хурсанд шудам, ки ба ман мувофиқи фармони мудир «гӯшти калон» додаанд. Аммо, вақте ки ба сари столи хӯрокхӯрӣ омада нишастам ва сағалро бардошта дидам, бинам, як устухони покиза тарошидаи сапсафедест, ки дар он ба доругӣ ҳам ковӣ, як зарра гӯшт намеёбӣ ва ба болои он бинам, коса ҳам холист, оби шӯрбо надорад, зеро ҷои оби шӯрборо ҳам устухон гирифта буд. Азбаски ман табиатан бисёр содаам ва азбаски он рӯз рӯзи якуми фармони мудир буд, ман хаёл кардам, ки ягон саҳв шудагист, бинобар ин норозигиямро базӯр пинҳон дошта, нонакамро хушк хӯрдаму баромада рафтам, ба умеде, ки ҳаққи ҳалоли «гӯшти кало-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

намро» фардо хоҳанд дод. Аммо рӯзи дигар ҳам, вақте ки ба мурии ошхона наздик шудам, косаеро боз бо ҳамон хел як сағали барзангӣ ба ман дароз карданд. Ман кимчӣ хел хавф бурда бошам ҳам, косаамро гирифта ба сари стол омадам. Омадам ва бинам, ин устухон на ин, ки ҳамон хел як устухони нав, балки худи ҳамон устухони кӯҳна, худи ҳамон сағалест, ки дина ба косаи манаш монда буданд. Ман ин дафъа худамро дошта натавониста, бо алам, бо чашмони кӯли об «гӯшти калонатон агар ҳамин бошад, ман дигар аъло намехонам!» гуфтаму қулоч кушода косаро задам, ки устухонаш парида рафту тирезаро шикаста, ба ҳавлӣ афтод, худи коса ба девор бархӯрду чилчаҳои шӯрбо чор тараф пош хӯрда ба либосу сару рӯи бачаҳои гирду атрофам париданд ва якбора се-чор кас ба сари ман мушт бардошта омад, мураббӣ ҳам зуд ҳозир шуд ва ба ман ҳамчун бачаи бетартибу интизом танбеҳ доданд.

Аз ин воқеа панҷоҳу панҷ сол гузашта бошад ҳам, ман онро ҳамчун фоли қисмат ба ёд меорам. Зеро баъди он ман боз понздаҳ соли дигар фақат бо баҳои аъло таҳсил кардам, чилу панҷ сол бо кӯшишу ғайрати фидоӣ самимона меҳнат намудам, хубу ганда чилу чор китоби назму наср навиштам, худамро бо дасти худ дар ҳазору як оташи муборизаҳои эътиқодию мазҳабӣ зада гирифтам, вале ҳақи заҳмати ман, ҳақи дилсофии содалавҳонаи ман чуноне ки ҳамон устухон буд, дар ҳамаи марҳилаҳои ҳаётам ҳамон устухон монд.

*20 августи 1991*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ДУ ЗӮР ДАР ЯК ПОДА

Шумо хаёл мекунед, ки мусобиқа ва зиддият фақат дар байни одамон ва синфҳои ҷамъият вуҷуд дорад? Маълум мешавад, ки шумо ҷанги гунҷишконро надидаед. Вақте ки ҷанги ду гунҷишк сар мезанад ва даҳ-бист гунҷишки дигар ба вай қатӣ мешаванд, ба як тӯбча, ба як гулӯлаи чирросии ғелону паррони дарун ба дарун пур аз хашми девонавор табдил меёбанд ва ба як ваҳшонияти кӯр-кӯронае гирифтор мешаванд, ки кас он гулӯларо ба даст дорад ҳам, хабар намеёбанд. Ҷанги гунҷишконро, ки надида бошед, ҷанги майнаҳоро дидагистед? Воқеан, ҷанги мӯрчаҳоро чӣ? Ана ҷангу мана ҷанг! Лекин ҷанги мӯрчаҳо аз ҷанги гунҷишкону майнаҳо мураккабтар буда, аз ҷиҳати ғариза чанд зина боло меистад. Ҷанги онҳо ба ҷанги қабилавии одамон монанд аст. Майнаҳо ва гунҷишкон куштагон ва маиб шудагони худро аз майдони ҷанг ғун намедоранд. Мӯрчагон бошанд, ҳамаи кушта ва маҷрӯҳони худро ҷамъ карда ба хонаашон мебаранд. Лекин ҳарчи набошад, ин ҷангҳо ҷангҳои худбахуданд, онҳо дар дохили як ҷинс мегузаранд. Монанди ҷанги шер бо шер, гург бо гург, саг бо саг, кушқор бо кушқор, такка бо такка, буққа бо буққа ва ҳоказо. Ва чунин зиддият ягон нишонаи ғайритабиӣ ва хилофи қонунро надорад. Вале ман дар айёми бачагии худ ба як зиддияте дучор омадам, ки то ба ҳол маро дар ҳайрат ва тааҷҷуб нигоҳ медорад. Ман гӯяму шумо шунавед.

Тобистони соли 1940, вақте ки детдоми Ховалингро бастанду писаронашро ба хонаи бачагони Кангурт ва духтаронашро ба хонаи бачагони Балҷувон фиристоданд, ман ба хонаи апаам рафтам. Апаам якмоҳа ба хонаи хешовандони шавҳараш ба меҳмонӣ рафту маро ба қишлоқи Чуқурак ба хонаи холаам ҳавола кард. Холаам Мошариф бо фарзандонаш Сангимоҳ, Динор ва Абдул подабони қишлоқ буданд. Бинобар ин ман ҳам подабон шудам. Ва дар давоми ҳамин як моҳи подабонии худ ман ба он зиддияти ғайритабиӣ дучор омадам. Одатан агар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ман аввал кӯдакдӯст бошам, баъди он албатта ҳайвондӯстам. Заҳмати вазнини подабонӣ шояд онҳоеро дилгир кунад, ки дуру дароз ё як умр подабонанд ва дар зери таъсири душвориҳои якранги ҳаррӯза онҳо ба фардият ва фарқияти ҳар як ҳайвон аҳамият намедиҳанд, пода дар назари онҳо ба як ҷисми рехтаву омехтаи яклухт бутун, ба як ҳайвони ҷамъ табдил меёбад. Ман бошам, подабониро нав сар карда будам, душвор ва дилгир будани онро ҳанӯз ҳис намекардам, вай барои ман ҳоло навигарӣ ва дилхушӣ буд. Дар ҳамин асос ҳанӯз гов ба гов, гӯсфанд бо гӯсфанд, буз ба буз рехта, омехта «пода» нашуда буданд, балки ҳар як ҳайвон бо рангу нишонаву одату қилиқҳои худ дар назари ман яккаву ягона менамоид. Ин аст, ки аз ҳайвондӯстӣ ва кунҷковии бачагонаи худ, аз бекории мағзи сару аз банд набудани маркази хаёли худ ман бозӣ-бозӣ ба ҳар як ҷонвар алоҳида диққат дода, дар онҳо одат ва қилиқҳои аҷиброошкор ва мушоҳида менамудам. Барои мисол, ба ман аён гардид, ки ҳайвонҳо ҳам ҳазлу мазоҳро айнан монанди одамон қабул мекунанд. Аввал мумкин аст аз мазоҳ қаҳрашон биёяд, аммо ду-се бор ки такрор шуд, ҳазл будани он мазоҳро мефаҳманд ва ба қаҳри сохта, ба ҳазлу шӯхӣ ҷавоб мегардонанд. Агар гӯям, ки тамоми пода, ҳар сари гову гӯсфанду буз нуқтаи мазоҳ ё қимобии худро дошт, бовар кунед. Ман онро барои дилхушӣ истифода мебурдам, ба даводаву бозии онҳо шарик мешудам ва ба ин восита ҳам хаёламро тез мекардам, ҳам заҳмати вазнину душвори подабониро барои худ қадре сабук ва осон менамудам.

Ман ин ҳикояро ба он ният сар карда будам, ки аз зиддияти фавқулодда ва ҳайратангезе ба шумо нақл кунам. Шумо, ки акнун ба мавқеъ ва заминаи ин ҳикоят шиносед, биёед ба як намунаи алоҳидаи он зиддият низ ошно шавед.

Дар пода як буққача буд, ки дар лаҳҷаи мардуми Ховалинг онро «буққалочук» мегӯянд. Як буққачаи гирду кулӯлаи сурупу сумурт ва ҷобаҷо аз рагу паи бозингар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

таркиб ёфта, нав акнун ба балоғат расида истода. Дар ду чашми ҳамчун ду каҷоваи пур аз хашму ғуруру ҷангталаби гӯшбақимори ӯ, дар патҳои аз шиддати нафас дамидаи бинии ҳамеша хашмолуди ӯ, дар сару гардани қавии бо ду шохи ҳамчун шохи карк мусаллаҳи ӯ қудрате ҳис карда мешуд, ки ҷонварони муҳити ӯ мебоист пайваста хавфу хатари марговарро ҳис карда меистоданд. Ва умуман ин гуна ҷонвари даҳшатнокро ба пода қатӣ кардан худаш як мусоҳилакории аблаҳона мебошад. Аммо вай аз гӯсолагияш дар пода калон шуда омада, аз як тараф худаш қудрати худро ҳоло пурра идрок намекард, аз тарафи дигар соҳибонаш намедонистанд, ки говию гӯсолагии беозори ӯ дар куҷо тамом мешаваду ваҳшигӣ ва хатарнокии дахшатноки ӯ дар куҷо оғоз меёбад. Агар, масалан, ӯ дар пода нею дар оғилу охури худ ба танҳоӣ калон мешуд, дар ин синну сол ва ин танутуш албатта ба бинияш пешакӣ махор зада, банди махорро дукаса дошта, сони берунаш мебароварданд. Ана ҳамин гуна як ҳайвони маҳз говзӯри ҳақиқӣ ва хатарнок дар байни говҳо гов барин чарида мегашт ва банохост аз замини чарогоҳ бӯи бегона ба машомаш занад, дар ӯ ҳисси ваҳшию даррандаро бедор мекард. Он гоҳ чашмони ӯ хун мегирифтанд ва ӯ ду шохашро ба замин ба ҷои ҳамон бӯи бегона тиққонда, хокро ба сараш мебардошт ва ба таври худаш ҳам бӯй ва ҳам соҳиби бӯйро хоку туроб мекард, фириххоси даҳшатнок зада, он бӯйро бо нафрату адоват аз бинии худ бурун меафканд ва бо ин ҳам эҳтимол дилаш тар намешуд, ки он бӯи бегонаро бо сумаш канда, харошида несту нобуд мекард ва сонӣ наъраи ғолибона мекашид. Умуман ҳангоми орому осуда чаро карданаш ба ӯ наздик шудан беэҳтиётии бисёр хавфнок буд. Аммо дар чунин дақиқаҳо Худо нишон надиҳад, ки кас ба ӯ наздик шавад.

Мегӯянд, ки буққаҳо ба дидани ранги сурх тобу тоқат надоранд ва ранги сурх айнан монанди бӯи бегона ваҳшонияти онҳоро бедор мекунад. Хайрияти камбағалӣ, ки мо либоси сурх надоштем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар он пода як такка ҳам буд, таккаи хар барин калон, чамбаршох, сермӯй, ришаш монанди риши нарҳои ҳақиқӣ ғафсу дароз. Табиаташ, одаташ тамоман бар акси он буққаи ҷоҳил, яъне аҳл, дилсоф, дилкушод, хайрхоҳ, шӯх ва бозингар. Чашмони калон-калони расо оқилона ва мастона, мижаҳои дарози дилбарона, шохҳои оличанобӣ ҳамчун чамбари лавр ба болои сар, ҳаҷми барзангӣ ва салиқаи бо виқори соҳибихтиёрӣ ва худшиносӣ омехтаи вай ба он ишорат мекарданд, ки ӯ дар ягон наслу насаби гузаштагони худ ба ягон архар ё тур ҳамхун аст. Ӯ тахминан яксаду панҷоҳ-яксаду ҳафтод килограмм вазн дошт. Ва бо ин вазну бо ин танутӯш, бо ин ҳамнаслии наҷибона, бо он ақле, ки худои таоло ба зоту зурёти бузон додаасту говонро фаромӯш кардааст, он такка дар вуҷуди худ низ қуввати азимеро ҳис мекард.

Намедонам, дар кадом асос, вале пай мебарам, ки дар асоси ҳиссиёти бартарӣ ва сарварӣ дар байни ин ду муҷассамаи бузурги табиат – он такка ва он буққа – як душманогарии ашаддӣ вуҷуд дошт. Албатта агар подаи говон алоҳида мебуду подаи бузон алоҳида, ҳар кадоми онҳо дар мақоми худ мебуданд. Аммо азбаски пода омехта буд ва як зӯр, як сарварро талаб мекард, ду зӯр дар як пода ҷояшонро ба якдигар додан намехостанд. Ва ҳар рӯз ким-чӣ баҳона мешуду ҳардуяшон як бор-ду бор ҷанг карда мегирифтанд. Говон одатан говзӯрӣ мекунанд, яъне пойҳояшонро тирак монда дар ҷояшон меистанд ва калла ба калла, шох ба шох меҷанганд. Такка бошад, тахминан бист-бисту панҷ метр дур рафта, ба суръате дав мегирифт, ки он дав вазни ӯро ду-се маротиба зиёд мекард, яъне таккаи яксаду панҷоҳкилограмма чорсаду панҷсад килограмм мешуд ва бо ҳамин вазни азим омада бо буққа сар ба сар мезад ва, ман гӯяму шумо шунавед, баъзан буққа дар пояш намепоист. Говон дар ҷанги худ ғиромӣ карда метавонанд, яъне ба ҳар ҷои ҳарифашон, ки ростояд, шох мезананд, ба шикам ҳам, аз пушт ҳам, аммо бузони ҷангӣ ғиромӣ намекунанд, фақат



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

сар ба сар ва шох ба шох мезананд. Қисса кӯтоҳ, онҳо ҳар рӯз мечангиданд ва мо тамошо мекардем.

Ниҳоят як рӯз ҷанги онҳо ба охир расид. Он рӯз пода дар замине мечарид, ки дирӯзакак гандумашро даравида буданд. Ману бачаҳои холаам пеш-пеши пода хӯша мечиндем. Банохост чашмамон ба он афтод, ки он ду ҷонвар боз ба ҷанг тайёрӣ дида истодаанд. Ва буққа гов набошад, гӯед, дар лаби ҷар мавқеъ мегирад? Мо то анамана кардем, ки такка дур рафту бо шасти даҳшатноки худ омада бо буққа сар ба сар зад ва буққа боз ба пояш напоиста ба кун зад ва ҳангоми ҷунбуҷӯли бархостан пойҳои ақибаш ба ҷар овезон шуданд. Буққа боз як-ду зӯри дигар заду сарфарои хестанашро наёфта, ба ҷар афтида рафт. Ҷар, ки ҷари чуқур набуд, буққа намурд, вале акнун соҳибонаш вайро аз пода гирифтанд ва пода ҷобаҷо дар ихтиёри такка монд. Ана ҳамин тавр ду зӯр дар як пода нағунҷид, ки нағунҷид.

*12 августи 1991*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ПАШШАЕ ДАР РӮИ НАВОЛАИ КАБОБ

Он, ки ин ҳикояро мехонӣ, бодиққат хон. Соли 1952, яъне қариб чил сол пеш аз ин, дар яке аз маҷлисҳои правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, ки ба он худи устод Мирзо Турсунзода раисӣ мекард, масъалаи ба ҷашни Низомии Ганҷавӣ вакил интихоб карданро муҳокима намуданд. Дар он маҷлис ману Толис вакил интихоб шудем ва маро вазифадор карданд, ки матни нутқамро навишта биёрам. Ин ҳикояро бодиққат хонед, гуфта оғоз кардани ман бесабаб нест. Ман, ҷавони бистусесола, акнун як китобча нашр кардаам, акнун аъзои Иттифоқи нависандагон шудаам, дар журнали «Шарқи сурх» ходими адабӣ шуда хизмат мекунам ва дар дилам ҳазору як орзуи беғаразонаи эҷодиро мепарварам. Ва тасаввур кунед, ки маро маҷлиси Иттифоқи нависандагон, худи устод ва роҳбари эҷодии мо Мирзо Турсунзода нахустин бор ваколатдор мекунанд, то ба чунин як анҷумани муборак чун ҷашни ҳаштсадсолагии Низомии бузург равам, нутқ эрод кунам ва чуноне мегӯянд, бо обурӯи муҳаммадӣ гашта биёям.

Ин ҳамон мавридест, ки ҳиссиёти масъулият ва минатдории маро бо қалам тасвир карда намешавад, зеро қаламам ҳоло ба пои ҳиссиётам қадам зада наметавонист. Бинобар ин нутқе, ки шаб нишаста навиштам, на аз суханҳои аниқ, на аз маъниҳои ноёби шоирӣ, балки аз нафаси гаштаи ошиқ иборат буду бас.

Навиштам, овардам ва аз назари устод Мирзо Турсунзода гузаронидам. Сонӣ ба поезд билет гирифтему тақутуққунон то ба Красноводск рафта расидем. Дар он ҷо аз поезд ба киштӣ гузаштем. Ва бегоҳ ба Боку расидем. Вақте ки аз киштӣ баромадем ва барои муайян кардани мавқеи худ ду-се дақиқа таҳаммул варзидем, ба гирду атрофамон назар андохтем, ки ягон кас моро пешвоз мегирад ё не, ҳамин вақт ду рафиқ ба мо наздиқ шуданду пурсиданд, ки: «шумо оё вакилони Тоҷикистон нестед?» Онҳо намояндагони Иттифоқи нависандагони



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Озарбойҷон ва ходимони ҷашн будаанд. Мо ба якдигар даст додем, шинос шудем ва акнун ба сӯи мошинаи ба мо маътал қадам ниҳоданӣ будем, ки ду ҷавони қадбаланди олуфталибоси дигар ба мо наздик шуданду яке аз онҳо ба ман муроҷиат карда истода пурсид:

– Не вы ли Мирзоев, из Таджикистана?

Ман, ки дар он дақиқаҳо бо дилу ҷон дар таъсири мусбати ҷашни дилафрӯзи Низомии бузург будам ва аз пешвозгирии пур аз лутфу эҳтироми мизбонони хуш-муомила ҳамчу меҳмони соҳибмартабаву иззатманд дарун ба дарун менозидам, ба гирду гӯшаи хаёлам намегашт, ки ин ҷо ҳам ягон кас ба оши ман метавонад пашша шавад. Ва ҳангоме ки он ҷавон «не вы ли Мирзоев?» гуфта пурсид, аз таъсири хуши он мулоқот якбора халос шуда натавониста гумон кардам, ки: «аҷиб, дар ин шаҳри бегона ва ин қадар дур ҳам маро мешинохтаанд!» ва хурсандона ҷавоб гардондам, ки: «да, я Мирзоев из Таджикистана»

– В таком случае пойдемте с нами, – гуфт он ҷавон ва гиребони костюмашро бардошта, ким-чиро нишон дод.

Ман ҳайрон шудам. Ҳайрон ҳам гап шуд, моту мабҳут шудам ва чӣ гуфтанамро надонистам. Ҳамин вақт яке аз пешвозгирандагони мо ба миёна даромаду гуфт:

– Рафиқон, инҳо меҳмонони ҷашни Низомианд, нависандагони Тоҷикистонанд. Ба мо супориш шудааст, ки онҳоро пешвоз гирем, ба меҳмонхона бурда ҷобаҷо кунем. Ва ин кас ҳоло бо шумо не, бо мо бояд равад.

Ва он ҷавони нишонадор ба осонӣ розӣ шуд, «хайр» гуфт ва табассумашро, ки дар чеҳраи ходимони он идора монанди нишонаи пушти гиребонашон сард аст, нишон доду рафт.

Ӯ рафт. Аммо корашро карда рафт. Вазифаашро баҷо оварда рафт. Дар оши меҳмонии ман пашша шуда рафт. Яъне «гапатро дониста зан, қадаматро дониста мон!» гуфта рафт. Аммо ман он вақт аз худам наметарсидам. «Дар давлати адолатпарвари советӣ агар ҳаёту мамоти ман ба ахлоқу кирдору рафтори худи ман вобаста бошад,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳеҷ кас баҳонае ёфта наметавонад, ки маро ба ину он гунаҳгор кунад ва таҳдид намояд», – хаёл мекардам ман. Афсӯс, ҳамон вақт ягон сағерапарвари худоҷӯе ёфт мешуду мегуфт, ки: «Абдуғаффор, ту ба инҳо нописандӣ накун. То тавонӣ дилашонро ёб. Аз бегуноҳ будани худ мағрур набош. Худо накунад, бо ҳар гуноҳе, ки хоҳанд, туро айбдор карда метавонанд. Ҳатто бегуноҳ ҳам илоҷатро меёбанд. Аммо ин хел соҳиби ғамхор ва дурандеш надоштам. Мегуфтам, ки: «дар қаламрави давлати советӣ ва партияи коммунистӣ тақдири ҳар як одам ба он вобаста аст, ки ӯ чи тавр меҳнат мекунад, чи дилу ният дорад, чи ташаббус нишон медиҳад. Агар талабот ҳамин бошад, ман дар амонам« мегуфтам, зеро ҳам ба дилу ният, ҳам ба мазҳабу эътиқод, ҳам аз рӯи эҷодиёт ба системаи сотсиалистии мо вафодореро бештар аз худ тасаввур карда наметавонистам. Вале афсӯс. Ман ҳам яке аз он миллионҳо будаам, ки фирефтаи шиорҳои бардурӯғи давлати советӣ шудаанд.

Қисса кӯтоҳ, ҷашн сар шуд. Тантана кардем. Ба забони Низомӣ шеър хондем. Нутқ кардем. Сонӣ кабобу коняк хӯрдем. Кайфу сафое, ки он вақтҳо меҳмонон дар чунин ҷашнҳо мекарданд, тасвири алоҳида ва муфассали худро талаб мекунад. Ҳамаи он аз сари ман ҳам гузашт. Фақат фарқаш ҳамин буд, ки гоҳ аз лаби қадаҳи коняк, гоҳ аз рӯи наволаи кабоб, гоҳ аз миёнаи гулбарги лутфҳои ҷовидонии Самад Вурғун ман мебоист ҳар замон-ҳар замон пашшаеро киш гуфта истам.

*11 августи 1991*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# МУХТАСАРИ ЯК «ИСТИРОҲАТ»-И МАН

Дар Душанбе, вақте ки ба калонҳои дунёбехабар бо умеди мадад аз аҳволи тоқатфарсои худ шикоят мекунам, азбаски ё муғамбиранд ва худро ба нодонӣ мезананд ё азбаски доираи дониш ва андешаашон ниҳоят маҳдуд аст, тафсилоти ин шикоятҳои маро фақат ба суст шудани системаи асабҳои ман ё аниқтараш, ба он нисбат медиҳанд, ки ман «хаста» шудаам, ё агар боз аниқтараш кунем, девона шудаам. Ва ҳар дафъае, ки шикоят мекунаму мадад мепурсам, бо оҳанги бисёр нарму гарми ғамхорӣ ба ман тасаллову тавсия медиҳанд, ки «ин ҳама нишонаи хастагист ва бояд ба истироҳат равам». Хайр. Бо вуҷуди он, ки ман дар хонаам ҳама гуна восита ва имкониятҳои истироҳатро дорам, лекин сухани онҳоро нашиканам гуфта порсол ба Переделкино ба Хонаи эҷодиёти нависандагон рафтам. Переделкино, ки дар масофаи бист-бисту панҷ километр аз Москва берун аст, дар ҳақиқат ҷои хеле сердолу дарахт, хушбоду ҳаво ва ором аст. Ва шароите, ки он ҷо дар Хонаи эҷодиёти нависандагон Литфонди СССР муҳайё кардааст, анъанавӣ буда, аз ҳар ҷиҳат ба дараҷаи аълост. Нависанда аз ин гуна мавқеъ ва шароити эҷодкорӣ беҳтарашро орзуву умед кунад, ношукрӣ мешавад. Ман рафтам ва бо майли тамом рафтам, зеро медонистам, ки ба куҷо меравам. Ман садҳо мисраи ашъори худро дар санавбарзору арчазорони Переделкино, дар кӯчабоғҳои ба номи Лермонтов, Горкий, Серафимович, дар паси дар ва пушти деворҳои дачаҳои табарруки Пастернак, Чуковский ва даҳҳо нависандагони номдори дигари рус навиштаам. Хайр, ана мо маслиҳати рафиқонро қабул кардему рафтем.

Аммо баробари ба Переделкино омаданам дарҳол ҳис кардам, ки «режими тазйиқи ман» дигар нашудааст, чуноне дар Душанбе буд, ҳамон тавр мондааст. Афсӯс, ки чӣ будани «режими тазйиқро» хонандаҳо тасаввур намекунанд, вале мани бечора бошам, ҳақ надорам, ки онро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

муфассал маънидод намоям. Касе хоҳад, ки аз ин масъала андаке бохабар шавад, метавонад ба мақолаи ман «Андешаҳои боз як маҳмадоно», ки дар газетаи «Садои мардум» 25 моҳи маи соли 1991 чоп шуда буд, муроҷиат фармояд. Хулоса, дар Переделкино ҳам маро ба холи худ нагузоштанд. Намонданд, ки кор кунам, нависам. Намонданд, ки истироҳат кунам. Аммо дилашон бо ин ҳам тар нашуд, яъне ин гуна тазйиқро нисбат ба ман кам шумурданд ва хостанд, ки онро шиддатноктар кунанд, хостанд, ки қудрати беинтиҳои худро нишон диҳанд, нишон диҳанд, ки аз тазйиқи онҳо ҷои гурез нест.

Ҳама медонанд, ки хонаи истироҳат чист. Дар он ҷо марду зани бисёре ҳаст. Хоҳӣ ҳам, нахоҳӣ ҳам, гоҳ дар кинотеатр, гоҳ дар боғ, гоҳ дар ошхона, гоҳ ҳангоми экскурсия касро бо ину он шиносоӣ рост меояд. Ва он шиносоӣ баъзан хусусияти дӯстӣ ва маҳрамонаро ҳам мегирад. Ин аст, ки як рӯз ман бо як шоираи тарҷимон дар яке аз харакҳои боғи Хонаи эҷодиёт андаке зиёдтар нишастем ва азбаски маро шеъри нав навиштан намемонданд, ӯро бо шеърҳои кӯҳнаи худ шинос кардам. Шеърҳои ман ба ӯ бисёр маъқул шуданд ва дар дили ӯ иштиёқи тарҷима кардани онҳо пайдо шуд. Азбаски тарҷимаи таҳтуллафзии шеъри тайёр аз навиштани шеъри нав хеле осонтар аст, ба тазйиқи онҳо нигоҳ накарда, шаб нишастам, подстрочник кардам ва рӯзи дигараш ба дасти тарҷимонам супурдам. Ӯ подстрочникҳои маро боз як бори дигар хонд ва хусусан достони «Рассом ва Рӯй»-ро таъриф кард. «Это великолепная вещь», – гуфт ӯ ва бо шавқу ҳаваси тамом ваъда дод, ки дар ҳамин ду-се рӯз онро тарҷима карда медиҳад. Лекин аз байн як рӯз гузашта буд, ки он занаки бечора бо афту андом ва оҳанги хеле хиҷолатманд гуфт, ки: «простите, пожалуйста, я не могу перевести ваши стихи». Ва подстрочникҳои маро гардонда ба дастам дод. Ман фаҳмидам ва гап нозада онҳоро гирифта дар байни коғазҳоям мондам.

Аммо дили онҳое, ки ба ман тазйиқ овардан вазифаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

онҳост, бо ин ҳам тар нашуд, яъне бо ин ҳам қаноат накарданд. Барои он, ки муҳити муносибатҳои маро аз ин ҳам маҳдудтар кунанд, ё маҷбурам намоянд, ки ман аз Хонаи эҷодиёт барвақттар баромада равам, пинҳонӣ овоза паҳн карданд, ки ман ба бемории СПИД гирифторам. Акнун ба паҳлуи ҳар касе, ки шинам, ӯ дарҳол бархоста меравад. Дар ошхона ҳамаи ҳамтабақҳоям столашонро дигар карданд. Занҳо бошанд, маро бинанд, чунон тирез медиҳанд, ки гуё аз мард қимоби мурданӣ бошанд. Ва дар айни ҳол инҳое, ки ин овозаро паҳн кардаанд, ба воситаи асбобҳои тазйиқи худ маро ба дарде гирифтор карданд, ки ҳамаи нишонаҳои СПИД-ро дорад. Яъне онҳо СПИД-ро дар бадани ман иммитатсия карданд. Лекин иммитатсияи он ҳам аз худи СПИД қариб фарқе надорад. Ман мурданӣ тарсидам. Зеро онҳо касро ба СПИД-и ҳақиқӣ ҳам гирифтор карда метавонанд. Ба ин муносибат ман ахлоқ ва рафтори худро гаштаи баргашта таҳлил мекунам ва нуқтае ёфта наметавонам, ки маро дар он ҷо ба СПИД гирифтор карда бошанд. Се рӯз-чор рӯзам дар ҳамин аҳволи вазнини нафратангези ба мурдан розӣ гузашт. Ниҳоят як рӯз як шахси масъулиятноке аз ходимони Хонаи эҷодиёт ва, аз афташ, аз кору бори дунё бохабар, рӯҳи афтодаи ман ва вазъияти ба худкушӣ наздики маро пай бурда, пинҳонӣ, аз дур, ба касе нафаҳмонда, сӯи ман панҷа бардошту чашм пӯшид, яъне ишорат кард, ки: «ғам нахӯр, ту бемор нестӣ». «Вале кунун дусад фаришта наку гӯядат, чӣ суд?» Ман маҷбур шудам, ки мӯҳлати истироҳатамро ба охир нарасонида, ба Душанбе баргардам, баргардам ба таҳти назорату ҳақорату бераҳмии бевоситаи онҳое, ки давлати дар сухан одилу ғамхори мо ба дасти як гурӯҳ ҷинояткорони махфӣ ва маҳфуз ҳамин гуна яроқи ба ақли одамони оддӣ рост наояндаи тазйиқ ва таҳқири шахсияти инсонро дода мондааст.

Воқеан, пай мебарам, ки ин қадар зуд, ба воситаи чунин як бераҳмӣ ва нокасӣ маҷбур кунонда ба Душанбе баргардонидани ман асосан сабаби дигар дошт: онҳо як



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

маъракае пеш гирифта буданд, ки таъҷилӣ буд ва онро ба таъхир гузоштан намехостанд ва гузаронидани он бошад, ба ман вобаста буд. Ман омадам ва дар зери фишори тоқатфарсо он маъракаи маҷбуриро гузаронидам. Вале тафсили ин маъракаи маҷбурӣ ҳикояти дигарро талаб мекунад.

Онҳое, ки ба ман ғамхории сохта зоҳир менамоянд ва «истироҳат кун» маслиҳат медиҳанд, тасаввур мекарда бошанд, ки вовайлои ман дар чӣ бобат аст? Мехоҳам, ки калону хурд андеша кунанд, бо вуҷуди он, ки андешаи кас ҳам дар зери назорат метавонад бошад.

*8 августи 1991*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# АЙРОНАВАИЧА

Аз ҳама охир ман имтиҳони «Айронаваича»-ро мебоист супорам. «Айронаваича» гуфта, мо, шогирдони курси якуми факултети забон ва адабиёт, ҳам фан, ҳам муаллими адабиёти қадими форсу тоҷикро лақаб монда будем. Муаллим дар назари аввал як марди хеле ҳалим ва хоксор менамуд. Лекин ду-се дарс гузашта буд, ки инҷиқ, муғамбир ва мутакаббир будани ӯ ба мо маълум шуд. Қариб ҳамеша бо симое ба дарс медаромад, ки гӯё азодор бошад, гӯё азодоре бошад, ки азои ӯ ӯро ба муҳиташ на мушфиқу меҳрубон кардааст, на тавозӯъ фармудааст, балки кадом як хашму ғазаби ботинии ӯро афзудааст. Бинобар ин гӯё тайёр аст, ки ҳар соату ҳар сония баҳонае ёбаду касеро аз шогирдонаш ба он ғазаб гирифтор кунад.

Акнун ки ба ёд меоварам, ӯ доир ба фанни худ материали кирой ва арзандае надошт. Лекин ана ҳамин муфлисӣ ва бечорагии фаннашро бо талаффузи шоиртарошона ва ҳавобаландонаи калимаҳои кадимӣ пӯшониданӣ мешуд ва дар ин ҳолатҳо симои ӯ ҳиссиётеро ифода менамуд, ки гӯё мегуфта бошад: «фалаки лаънатиро бинед, ки ман, мани шоистаи минбари академияро маҷбур кардааст, барои чор суми институт шуда пеши шумо, аблаҳакони бетамиз ва қадрношинос, рост истам ва вақт сарф кунам».

Ӯ шогирдонашро дӯст намедошт ва ин ба мо маълум буд, ин аст, ки мо аз ӯ мурданӣ метарсидем.

Ман ба мақсади он, ки имтиҳонҳоямро барвақттар супурда, тобистон ба ягон ҷо рафта кор кунам, бо иҷозати деканат аз пеши ҳамаи муаллимон банавбат гузашта будам ва танҳо ҳамин кас, «Айронаваича», монда буд. Ва ҳангоме ки ба ӯ дар ин бобат мурочиат кардам, ӯ маро аз сар то по ба як номеҳрубонӣ ва тааҷҷуби таҳқиромезе аз назар гузаронид, ки гуё аз сар то ба поям оби хунук рехт. Ва чанд рӯз «фардову пасфардо» карда, охир фармуд, ки фалон рӯз соати фалон ба хонаи ӯ биёям.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

… Инак, вақте ки саволу ҷавоби ӯву ман ба охир расид, ӯ ҷамъбаст карда истода ба ман гуфт:

– Бача, ту материалро нағз аз худ кардаӣ. Лекин забонат намешавад. Ба лаҳҷаат сухан мекунӣ, ҳол он ки ман ин фанро ба забони тозаву озодаи адабӣ дарс додаам. Баҳоят чор.

– Муаллим, ман ҳамаи имтиҳонҳои дигарамро бо баҳои панҷ супурдам, – илтиҷо кардам ман.

– Бачаи нодон! Ҳоло шукр кун, ки аз ман чор гирифтаӣ. Мегардондам, чӣ кор мекардӣ? – гуфт ӯ ва ман ҳайрон будам, ки чӣ тавр аз забони нафису тозаву озодаи адабии чунин як ҳалиму олуфта ҳамин гуна суханҳои талху тунд берун мешаванд.

– Охир… – мегуфтам ман ва намедонистам, ки давоми мақсадамро ба ӯ чӣ тавр ифода кунам.

– Чӣ «охир»? А-а, ту ҳаракат дорӣ, ки стипендияи сталинӣ гирӣ?.. Хайр, ҳоло баҳоятро ба дафтарат намемонам. Бирав, баъди як ҳафта биё.

Чӣ илоҷ? Рафтам.

Баъзе бачаҳоро медонистам, ки ё бо зорию тавалло ё бо измагию шилқинӣ дар чунин мавридҳо ҳатто дуяшонро «се» карда мегирифтанд. Аммо ман наметавонистам. Ман аз хурдӣ ҳунари маҳмадоноӣ, баҳсу мунозира, беадабӣ ва гапгардониро доштам, вале дарҳол осон кардани мушкили худ аз дастам намеомад. Мебоист меҳнат кунам ва интизор шавам. Бо истиснои фақат як чиз: бисёр шудааст, ки ба хости қисмат тасодуфе сар мезанаду мушкилам осон мешавад. Ин сафар ҳам ин тасодуф ба мадади ман омад.

Аз ҳафтаи фармудаи муаллим се ё чор рӯз гузашта буд ва ман он рӯзҳоро ба бекорхӯҷагии тамом мегузаронидам. Зеро кӣ дидаасту кӣ шунидааст, ки бачаи ҳаждаҳу нуздаҳсолаи қишлоқӣ дар як ҳафта забонашро адабӣ ва ба гӯши «Айронаваича» барин муаллими инҷиқ фораму муносиб карда тавонад? Мегаштам. Аз хобгоҳ ба чойхона, аз чойхона ба кӯча, аз кӯча ба кино, аз кино боз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ба чойхона ё китобхона медаромадам, мебаромадам ва мокиёни нав ба тухм даромадагӣ барин намедонистам, ки ҷоямро дар куҷо ёбам. Ниҳоят ҳамон тасодуф сар зад. Дар чойхонаи ҳавлии институт нишаста будам, ки яке аз ҳамсинфонам маро фарёд кард.

– Ғаффор, зуд ба деканат рав. Ту ба Айронаваича даркор шудаӣ. –гуфт ӯ.

Рафтам. Дари деканат кушода буд. Сар даровардам, ки Айронаваича маро дид ва гуфт:

– Даро, даро, сағера, ба ту корам ҳаст.

«Ба ту корам ҳаст», – фикр кардам ман дарҳол ва дар дилам гуфтам, ки худаш «ба ту корам ҳаст» мегӯяду маро маҷбур мекунад, ки ба забони адабӣ гап занам. Шайтони ба сари китфи чапам нишастагӣ маро тез мекард ва дама медод, ки худи ҳозир ба муаллим эрод гирам, вале фариштаи китфи ростам ғами маро хӯрда, «зинҳор ин кора накун!» мегуфт.

– Исто, ки ту ба кадом мақсад имтиҳонҳоятро пеш аз мӯҳлат супурдӣ? – пурсид муаллим.

– Ба мақсади он, ки ба ягон ҷо рафта тобистон кор кунам, – ҷавоб додам ман.

– Ман ба ту кор ёфта медодам, чӣ мегуфтӣ?

– Чӣ мегуфтам, муаллим? Раҳмат мегуфтам.

– Ту Кӯлоба аз куҷош мешавӣ?

«Кӯлоба аз куҷош мешавӣ?» – бо шунидани ин савол шайтони сари китфи чапам боз хала-халаашро сар кард, ки «эрод гир, ба забони адабӣ «ту аз куҷои Кӯлоб астӣ» мегӯянд гӯй. Лекин фариштаи китфи рост намонд ва гуфтам:

– Аз Ховалингам, муаллим.

– Аз Хаволинг… Маълум мешавад, ки Шаҳри мунгро медонӣ.

– Медонам, муаллим. Лекин «Хаволинг» нею «Ховалинг» ва «Шаҳри мунг» нею «Шаҳри минг», – гуфтам ман ва баръало шунидам, ки шайтони китфи чапам қад-қад парида хурсандӣ кардан гирифт.

– Фарқ надорад, – гуфт муаллим. – Аз Хаволинг, ки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бошӣ, кор ёфтам гӯй, сағера. Пагоҳ ба филиал биё. Соати ёздаҳ.

– Раҳмат, муаллим, лекин ман аз шумо қарздорам…

– Дафтарчаатро ҳам ҳамроҳат гирифта биё.

Ман боз як бори дигар «раҳмат, муаллим!» гуфтаму боадабона даст ба бар баромада рафтам.

Рӯзи дигар ягон соат пеш аз вақти муқаррар кардаи муаллим дар пеши дари филиали тоҷикистонии Академияи фанҳои СССР, ки дар хиёбони ба номи Куйбышев, дар паҳлуи бинои Комиссариати маорифи халқ воқеъ буд, ҳозир шудам. Ба ман кабинети муаллимро нишон доданд. Даромадам. Дар он ҷо се кас нишаста буданд: муаллим бо як зани мӯяш барф барин сафед ва як марди тануманди миёнсол, ки аз мардуми маҳаллӣ набуданашон маълум шуда меистод, сӯҳбат доштанд.

–Ҳа, омадӣ, сағера? – гуфт муаллим ва маро бо он марду зан шинос кард.

– Ин кас, – гуфт ӯ, маро нишон дода. – Ин кас акнун студенти курси дуюми литфаки techинституrи мост. Имтиҳонҳояшро барвақт супурдааст, ки ба ягон ҷо рафта кор кунад. Шумо чӣ мегӯед, домулло? Ӯро ба кор мегиред ё не?

– Ту аз Ховалинг ҳастӣ? –пурсид маро он мард бо забони тоҷикии лаҳҷа ва оҳанги эронӣ.

Ман «ҳа» гуфтам.

– Шаҳри мунгро медонӣ?

– Медонам.

– Чи тавр медонӣ?

– Медонам, ки як вақтҳо вай шаҳри бисёр калон будааст. Кампире бузғолаашро гум карда, ӯро кофта-кофта рафта аз худи Мазори Султон ёфтааст.

– Яъне?

– Яъне Шаҳри минг ҳамин хел калон будааст, ки бузғола аз бом ба бом, аз бом ба бом ҷаҳида-ҷаҳида то ба Мазори Султон рафтааст.

Ҳар се ба якдигар ба тасдиқи содалавҳии ман сар ҷунбонда истода, бо ҳавои хайрхоҳона хандиданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Аз Шаҳри минг то Мазори Султон чӣ қадар масофа аст? – пурсид боз ҳамон мард.

– Тахминан даҳ-дувоздаҳ километр, – ҷавоб додам ман чоқанбарака, зеро аниқашро намедонистам.

– Боз чӣ медонӣ? – пурсид муаллим ин сафар.

– Боз медонам, ки дар сари чашмаи Шаҳри минг новардоне будааст, тиллоӣ, лекин аз тилло будани онро ҳеҷ кас намедонистааст, чунки монанди ҳамаи новардонҳои кӯҳнасол сол аз дувоздаҳ моҳ бо чандин қабат мағору пупанаку ҷомаи ғук пӯшида будааст.

– Сонӣ чӣ? – муаллим барои хурсанд кардани меҳмонон маро дама медод.

– Баъд, мегӯянд, дар ҳамин солҳои наздик аз кимкадом як мамлакат одаме пайдо шудаасту чанд рӯз ба касе мақсадашро нафаҳмонида дар Шаҳри минг гашту гузор карда, оқибат як рӯз бинанд, ки ӯ ҳам бедарак шуда рафтаасту новардон ҳам.

– Ха-айр! – нидо кард муаллим, ин сафар на ба оҳанги мусоҳила ва мазоқу масхара, балки бо шавқу ҳаваси ҷиддӣ. – Он мард дар он мамлакати бегона чӣ тавр донистааст, ки новардони чашмаи Шаҳри мунг аз тиллост?

– Аз китоб донистааст. Ҳамин хел як китоб будааст, – гуфтам ман.

Боз онҳо ҳар се бо оҳанги гӯсолабахшона хандида, ба ман «баракалло» гуфтанд.

– Ин афсонаҳо дар ҳамаи шаҳристонҳо вуҷуд доранд, – гуфт он мард, ки ба ӯ муаллим «домулло» гуфта муроҷиат мекард.

– Хайр, гап ҳамин, сағера: ҳаждаҳуми ҳамин моҳ бо роҳбарии домулло Александр Борисович Беленицкий ба тарафи Кӯлоб экспедитсияи археологӣ меравад. Туро на ҳамчун аъзои экспедитсия, балки чун дастёр онҳо ҳамроҳи худ мегиранд. Ба шарте, ки ҳар коре фармоянд, иҷро мекунӣ, –гуфт муаллим. – Ягон курпа-пурпа дошта бошӣ, ҳамроҳат гир, дигар ҳеҷ чиз нагир. Бе ҳамин ҳам бори экспедитсия вазнин аст. Аз ёдат набарор: ҳаждаҳум соати нӯҳи пагоҳӣ бояд ҳамин ҷо ҳозир бошӣ. Рав. Ба ту



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ҷавоб. Воқеан, дафтаратро те, – гуфт муаллим ва ба он баҳову имзо монда, ҳозиронро аз воқеа огоҳ кард, ки: – Ин саѓера чор гирифта буд, вале хизмати ояндаи ӯро, ки ба шумо баҷо хоҳад овард, пешакӣ ба назар гирифта, ба ӯ панҷ мемонам.

Маро домулло Александр Борисович ва хонум табрик карданд ва ман дафтарчаамро гирифта хайру хуш карда баромадам.

…Ҳаждаҳум соат ҳанӯз ҳашт нашуда буд, ки ман ба дари филиали академия ҳозир шудам. Ҳоло касе набуд. Мошина ҳам наменамуд. Ягон даҳ-понздаҳ дақиқа сонитар мошинаи боркаши сетоннае пайдо шуд. Соати нӯҳ муаллим омад ва маро дида:

– Ҳа, омадӣ, саѓера, наѓз кардӣ. Ҳушёр бош, дуруст хизмат кун. Воқеан, бинам, ту афсонаро наѓз нақл мекунӣ, саѓера, аз материали адабӣ дида хеле наѓзтар. Аз ман ба ту супориш: соатҳое, ки дар экспедитсия ба ту кор ёфта намедиҳанд, аз мардуми маҳаллӣ фолклор ҷамъ кун. Афсона, рубоӣ, латифа, – ҳар чӣ, ки гӯянд, қайд кун, навис.

– Э муаллимҷон, барвақттар мегуфтед, кайҳо навишта медодам, – гуфтам ман, маҳмадоноӣ карда. –Худам ҳам як галла афсонаву рубоӣ медонам.

–Ту аз куҷо медонӣ, саѓера? – бовар накард муаллим.

– Охир ман ҳам аз мардуми маҳаллиям, – гуфтам.

– Хайр, навис. Ҳар қадар, ки бештар ҷамъ кунӣ, ҳамон қадар наѓз, – гуфт муаллим ва ҳамгоме ки аз дур омада истодани Александр Борисович ва хонумро дид, маро монду ба пешвози онҳо рафт. Сонитар ду навҷавон, писару духтаре, расида омаданд.

– Ана акнун ҷамоат ҷамъ, – гуфт муаллим.

Гурӯҳи экспедитсияи археологие, ки ба зиммааш тадқиқоти шаҳристонҳои ҷануби Тоҷикистонро гузошта буданд, аз ҳамин чор нафар, аз ду профессор ва ду студенти Университети Ленинград иборат буд.

– Шома бо мо меравед? – пурсид аз ман студент.

Ман мебоист «бале» гӯям, вале он вақт ин калимаро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ба ин маънияш намедонистам, бинобар ин хиҷолат кашидагӣ барин шудаму гуфтам:

– Ҳа, бо шумо меравам.

– Исми шома чист?

– Исми ман Ғаффор аст. Исми шумо чист?

– Исми ман Михоил аст.

Қисса кӯтоҳ, бо умед ва боварии он, ки барои шиносоии муфассал дар пеш вақт бисёр аст, мо сариостинӣ шинос шудему тахминан баъд аз ним соат дарову бурову нависонавису таъкиду илтимосу хайру хуш мошинаро фаро гирифтем. Хонумро дар кабина дар паҳлуи шофёр шинонида, сонӣ мо, чор нафар, ба болои мошина баромадем. Дар бордони мошина аз пеш ва ду паҳлу тахта зада, барои нишастан харак сохта буданд. Миёнаи бордонро тали брезентпӯше гирифта буд, ки асбобу ускуна ва чизу чораи экспедитсия буданаш маълум шуда меистод. Мо ҷо гирифтем ва мошина ҳаракат кард.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ЭСТАФЕТАИ ҚАРЗҲО

Бояд иқрор шуд, ки ҳеҷ як фарзанд қарзи падару модар ва ҳеҷ як шогирд қарзи устодони худро бевосита ба худи онҳо адо карда наметавонад. Аз як тараф фурсат камӣ мекунад: умри инсон ба дараҷае кӯтоҳ аст, ки падарону модарон ва устодон маътал шуда наметавонанд… Аз тарафи дигар фарзандон ва шогирдон ба қадри онҳо дар сари вақт намерасанд: то дарди бепарвоӣ ва қадрношиносии айёми бачагӣ ва ҷавонӣ мегузарад, то ҳиссиёти қадрдонӣ ва миннатдорӣ сар мезанад ва ба камол мерасад, ки мебинед, онҳо нестанд, мебинед, ки кайҳо рафтаанд ва қарз гӯё ба қиёмат мондааст. Аммо ин тавр не, қарз ҳаргиз ба қиёмат намемонад. Фарзандон ва шогирдон он қарзи худро дар нисбати насли баъдина, дар нисбати фарзандон ва шогирдони хеш адо мекунанд. Ва ҳисоб баробар мешавад. Ва агар аз ин андеша хулоса барорем, умрро эстафетаи қарзҳо ва эстафетаи адои қарзҳо шуморидан воҷиб аст.

Ман ҳам дар қатори дигар фарзандони ҳазрати Одам ҳамон айёми бепарвоӣ, пешхезӣ ва қадрношиносии бачагӣ ва ҷавониро аз сар гузаронидаам. Ва имрӯз, ки марҳилаи аз даст ба даст додани эстафетаи умр омадааст, мехоҳам қарздор намонда равам. Падару модари мискину ҷавонмарги ман ба ман танҳо ҳаёт бахшида тавонистанд ва, ҳазор бор шукр, ман ҳам дар навбати худ ба фарзандонам ҳаёт бахшидам ва ин қарзи ирсию авлодии худро ба ҷо овардам, номи онҳоро зинда доштам ва ба қадри ҳол бад накарда омадам ва онро ба фарзандонам мерос гузоштам. Вале мебинам, ки адои қарзи устодон нимкола мондааст. Ва сатрҳои сартосар аз тавозӯъ ва миннатдорӣ сириштаи зеринро навишта истода, диламро бо он тасалло медиҳам, ки ягон гӯшаяки қарзи шогирдии маро пур мекунад.

Ман дар кӯдакӣ бисёр шӯх ва бисёр беқарору бесаришта будам. Аммо гумон набаред, ки ман аз шӯхию бегӯрии худ акнун пушаймонаму афсӯс мехӯрам ва ин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хислати худро ба таънаву надомат ба хотир меорам. Не. Ҳар як фарзанди инсон мувофиқи ирси худ, мувофиқи лоиҳаи генетикаи табиии худ хислат дорад. Маро истубистам энергия буд, энергияи бесару сомон ва мухталифе, ки ба риришта кардани он худам сарфаро намерафтам ва дар баробари ин мураббӣ, мӯнис ва ғамхори алоҳидаи шахсию хусусие надоштам, ки барои ба тартиб ва ифоқа овардани он энергия роҳам нишон диҳад. Ин аст, ки ба ҳазору як бало гирифтор шуда меомадам. Шумо пуфакеро тасаввур кунед, ки онро устоди азал аз ҳад зиёд дам кардааст ва он дам ба девораҳои пуфак ба дараҷае фишор меоварад, ки чун як ҷоякаш ба қадри нӯги сӯзан сӯрох шавад, дар асоси ба кор даромадани қувваи реактивӣ пуфак гӯё девона мешавад, обро об надониста, оташро оташ надониста, ба ҳазор ҷониб худро мезанад, меҷаҳад, парвоз мекунад, меафтад, боз мепарад ва боз меафтад, то он даме, ки дами дарунаш паст нашавад ва ба охир нарасад, қарор намегирад ва ба тартибу интизом намеояд. Шояд хонанда ин образро давом дода истода, аския кунад, ки ба думчаи он пуфак ришта бандед, вай паропарашро бас мекунад. Имтиҳон кунед, бандед. Намешавад. Сари ришта ба дасти риштадор бошад ҳам, пуфак ба ӯ итоат намекунад. Ба қадри дарозии ҳамон ришта талвоса ва паропарашро давом медиҳад. Давом медиҳад то он даме, ки дамаш ба охир нарасад. Хоҳ мусбат бошад, хоҳ манфӣ, ман дар ҳукми ана ҳамин ташбеҳ ва истиора будам. Ва он дами таранг фушурдаи ман монанди маҳмадонӣ, аҳлакӣ, пешхезӣ, шӯрапуштӣ, ҷангарагӣ, ростӣ, ҳақпарастӣ, аълохонӣ, дурӯғуфитнаву-хиёнатбадбинӣ ... аз даҳҳо унсури дигар иборат буд ва яке аз онҳо қобилияти модарзоди эҳсоси вазн ва қофиябандии сухан, яъне шоирии аҳён-аҳён шакл ва ранг гирифта истода буд. Ва ин ҳам на аз натиҷаи таъсири муҳит, балки аз ҳамон фишори азалӣ бар меомад. Ин ҳам намунаи тағйир ёфтани энергия, намунаи аз як шакл ба шакли дигар мубаддал гардидани ҳамон энергияи модарзоди ман буд. Қисса кӯтоҳ, ман ба дили худ шеър ме-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

навиштам, ки он вақт онро шарқӣ меномиданд. Яъне шарқӣ менавиштам. Ва аз «эҷодиёти» оғози фасли кӯдакии худ як байт ҳоло ҳам ба ёдам мондааст. Соли ё сию ҳафт ё сию ҳашт ба хонаи бачагони Ховалинг аз Душанбе, надонам, барои тафтиш ё барои мулоқот зане омад, ки депутат буд ва депутатро он вақт «аъзои СИК» мегуфтанд. Ва ба ман супориш доданд, ки ӯро бо «шеър» табрик кунам. Чӣ навишта будам, ба ёдам нест. Фақат як байти он «шеър» дар хотирам боқӣ мондааст:

*«Духтари тоҷик омад,*
*Аъзои СИК омад».*

Яъне агар суханро пӯст канему аниқтар кунем, ман аз ҳамон солҳои сию ҳафту сию ҳашт ин ҷониб ғами шеър, нони шеър ва шаттаи шеърро хӯрда омада истодаам. Хоҳ дар хобгоҳ, хоҳ дар мактаб, хоҳ дар лагери пионерӣ, дар куҷое, ки газетаи деворӣ мебароварданд, ман ба туфайл ва эътибори ана ҳамин «шоириям» муттасил аъзои таҳририя будам ва шеъри газета ҳатмӣ ба зиммаи ман буд.

«Ғами шеър», «нони шеър», «шаттаи шеър» гуфтанам суханҳои беҳуда нестанд. «Ғами шеърро» бо кашидани нос ва дуд кардани тамокуву банг баробар кардан мумкин аст. Як бору-ду бор, ки кашидӣ, дигар дил кандан ва парҳез кардан хеле мушкил мешавад. Дар байни даҳ сол, яъне то соли 1947, ман навиштани шеърро даҳҳо маротиба бас карда бошам ҳам, гаштаи баргашта аз нав сар кардаам. Гумон мекунам, ки шеърнависию шоирӣ касб нест, ҳунар нест, табиат ва хусусият аст. Агар байти баланди Аминҷон Шукӯҳиро ба мақсад мувофиқ ба ёд биёрем:«ба хун омадаст он, ба ҷон меравад». «Нони шеър чӣ?» Бояд гуфт, ба шарофати шеър ман аз хонаи бачагон, омӯзишгоҳи педагогӣ, институти педагогӣ сар карда, то редаксияҳои газетаҳои районӣ ва вилоятӣ ба тавраш дар рӯйхати номенкулатураи фаъолон ва пешқадамони матбуот дохил будам ва ба ҳама маълум аст, ки номенкула-



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

тура бе нон намешавад. Аммо бо нони шеър ба камол расида бошам ҳам, шаттаи шеърро кам нахӯрдаам. Надонам чаро, лекин як одат устувор буд, ки шеърҳои газетаҳои деворӣ асосан мебоист танқидӣ бошанд, мазоқу мазҳакавӣ бошанд. Ин аст, ки ман менавиштам ва гап мешунидам, шатта мехӯрдам, Айнан монанди ҳамон бузғолаяки мултфилме, ки барои то даҳ ҳисоб карда тавонистанаш ҳайвонҳои дигар таҳдиду таъқибаш мекунанд.

Дар мулоқотҳо аз ҳамон содаҳои оқилонро муттаҳамкунанда баъзан савол сар мезанад, ки: «Киро шоир номидан мумкин аст?», «шоирон чанд хел мешаванд?» ва ҳоказо. Ба ин саволҳо ҷавоб додан душвор ҳам бошад, онҳоро беҷавоб мондан мумкин нест. Фарқ надорад, ки саволдиҳанда он ҷавобро мефаҳмад ё не. Аз як нуқтаи назар шоирон ҳазору як хел мешаванд, ҳамон қадар мешаванд, ки сухани вазндору қофиядори бадеӣ менависанд. Аз дуюм нуқтаи назар ду хел мешаванд: ҳақиқӣ ва сохта. Аз савумин нуқтаи назар шоирон як хел буданд ва як хел мемонанд: модарзод, ирсӣ, табиӣ. Бо вуҷуди ҷон доштани ҳамаи ин ҷавобҳо ман гумон мекунам, ки ҷавоби аз ҳама дурусттар ҷавоби сеюм аст; шоир ҳамон шоир, ки модарзод бошад, ирсию табиӣ бошад. Вале куҷост он ҳаками мӯътабаре, ки шоири сохтаро аз табиӣ ҷудо кунад ва ӯро дар ҷои худаш шинонад.

Аз як нуқтаи назар инро муайян ва муқаррар кардан душвор нест. Дар муҳити нависандагон шеъри ҳақиқиро аз сохтаву зӯракӣ қариб ҳама фарқ мекунанд. Яъне ҳамаи шароитҳо ва имкониятҳо муҳайёанд, ки шеъри бад, суст, хом ё сохтаву қалбакӣ умуман ба рӯи об наборояд, муҳити сифатро ифлос накунад, дар тарозу ва қутбнамои завқи эстетикии хонандагон мағал ба вуҷуд наорад. Вале аз сабаби он, ки одамон дар муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, рӯҳию ахлоқӣ, маҳалгароӣ ва хешию табории худ ба якдигар сахт вобастаанд, онҳо аксар вақт ҳақ ва ҳақиқатро, шаъну шараф ва номусу виҷдонро



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

қурбони ҳамин муносибатҳо мекунанд. Яъне агар содаву урён карда гӯем, мулоҳиза мекунанд, метарсанд.

Мисоли классикии ин ҳолат латифаи «подшоҳи урён» шуда метавонад.

Подшоҳе будааст, бисёр аблаҳ. Ду қаллоб аблаҳии ӯро истифода бурда, ӯро бовар кунондаанд, ки аз ҳавои оддӣ барои ӯ ҳарири фавқулодда нозук ва маҳин мебофанд, чунон нозук ва маҳин, ки онро кас ба чашм дида наметавонад. Ба тавраш бофтаанд ва аз он барои подшоҳ либос дӯхтаанд. Вақте ки подшоҳ он либоси набударо пӯшида ба назди дарбориёнаш мебарояд, онҳо ба ҳазору як таърифу тавсиф ӯро муборакбод мекунанд, ки «чихел ҳарири оличаноб, чихел либоси ҷонона, дӯхташ чи сон зебо ва ба қаду қомати подшоҳ чигуна шинам ва зебанда!» Дар миёни дарбориён кӯдаке будааст, ки подшоҳи урёнро урён дида истода, «о подшоҳ луб-луч аст-ку!» гуфта хитоб кардааст.

Калонсолон дар зери фишори шарту шароити рӯзгор ба ҳамон дарбориён монанданд. Онҳо метавонанд сиёҳро сафед ва сафедро сиёҳ гӯянд. Бинобар ин дар миёнаи мо, калонсолон, бояд кӯдаке бошад, ки дурӯягӣ, дурӯғгӯӣ, тамаллуқ ва чоплусӣ ба ӯ ҳанӯз сироят накарда бошад.

Мо, шоирон ва нависандагон, ходимони адабиёт ва санъат, дар байнамон ҳамин хел як кӯдак бояд дошта бошем. Кӯдаки штатӣ. Моҳонахӯр. Зеро панҷоҳсола таҷриба, мушоҳида, таҳлил ва ҷамъу тарҳи муносибатҳои адабӣ ба ман гаштаи баргашта таъкид ва тасдиқ намуданд, ки одамони калонсол аз ӯҳдаи рост гуфтан, беғаразона ва ҳаққонӣ рафтор кардан намебароянд. Аз афташ, дар Иттифоқи нависандагон ё ҳамин хел як кӯдаки штатӣ зарур аст ё компютер, мошинаи беғараз.

Дар баробари ин ақидае низ ҳукмрон гардидааст, ки муҳокима, таҳлил ва танқиди шеър чӣ лозим? Бигузор ҳама навиштан ва чоп кардан гиранд. Вақт ва таърих худаш ҳамаро саришта мекунанд: шеъри асил мемонад, ноасл ва қалбакӣ маҳв ва беному нишон шуда меравад.

Аз як тараф ин чашмбандӣ, ҳаромкорӣ ва авомфире-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бист, ки солҳои сол дар истеҳсолот, заводу фабрикаҳо, колхозу совхозҳо ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ривоҷ ёфта буд. Акнун ҳаминаш мондааст, ки онро дар соҳаи адабиёт ҳам қонунӣ карда гирем. Аз дигар тараф, ин таклиф айни муддаои он даъвогарони шоирианд, ки аз ҷиҳати шумора ҳам аксариятанд, аз ҷиҳати эҷодиёт ҳам серҳосиланд, аз ҷиҳати мавқеъ ҳам на танҳо ба шоирони ҳақиқӣ баробаранд, балки метавонанд соҳибнуфузтар бошанд. Дар чунин ҳолат онҳо дар муҳити шеъру шоирӣ вазъиятеро ба вуҷуд меоранд, ки шеъру шоири ҳақиқӣ аз байни анбӯҳи онон зада гузашта наметавонад. Дар натиҷа онҳо бо шумораи зиёди худ, бо шумораи зиёди навиштаҷоти худ, бо сифати пасти маҳорати эҷодии худ сифати умумҷамъбастии назми муосири тоҷикро паст мекунанд.

Шоири модарзод, хоҳ хуб бошаду хоҳ бад, асосгузори шеъри худаш худи ӯст. Шоири тақлидчӣ бошад, шоири китобист, сояи шоирони дигар аст. Яъне бинои шоирияшро аз матоъ, асбоб, услуб ва рӯҳи шеъри бегона месозад. Бинобар ин ӯ дунёро ба дунё бигирад ҳам, дар ҳамаи кишварҳо ва адабиётҳо обурӯи баланд надорад. Ман қариб панҷоҳ сол боз шеър навишта омада, оқибат шоир шудам ё не, намедонам. Инро дигарон муайян мекунанд ва имрӯз не, сонӣ аз афташ, баъд аз сарам. Лекин ба китобӣ, тақлидӣ, яъне ба эпигон набуданам сабаби раднашаванда ва далели қатъӣ дорам. Ин сабаб ва ин далел аз он иборат аст, ки шоирони насли ман, гуфтан мумкин аст, то арафаи солҳои панҷоҳ, аз назми классикии тоҷик қариб пурра бехабар буданд. Аз як тараф, дар вақташ каллабиёрони инқилобӣ ҳазорон-ҳазор намунаҳои назму насри гузаштаи тоҷикро ҳамчун «боқимондаҳои феодализми лаънатӣ» несту нобуд карданд. Он чӣ, ки наҷот ёфт, дастнорас гардид. Аз тарафи дигар, мо аз ҳарфи арабӣ ба лотинӣ гузашта, аз адабиёт ва маданияти классикии худ хеле дур шудем, бадтар ҷудо шудем. Ва ин гӯё камӣ карда буд, ки дере нагузашта ба алифбои славянӣ гузаштем ва дар натиҷаи ин қадамҳову қарорҳои саросема гӯё ба сар-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

вати оламшумули адабиёт ва маданияти мардуми славян наздиктар шуда бошем ҳам, аз гузаштагони худ боз бадтар рондаву монда гардидем. Яъне ҳамин хел шуда монд, ки насли мо қариб бе китоби тоҷикӣ калон шуд. Шеъри шоирони насли мо маҳз аз он сабаб ба дараҷаи бояду шояд рехтаву суфта нест ва фасоҳату малоҳати дилхоҳро надорад, ки мо шоириро аввал аз эҷодиёти даҳанакии халқ, сонӣ аз маяковскийбозиҳои шоирони даври советӣ, баъд аз ин аз тарҷимаҳои сернуқсони адабиётҳои дигар омӯхта будем. Яъне айни ҳамон фасле, ки услубу равияи эҷодии ҳар як шоир шакл мегирад ва муқаррар мешавад, мо аз таъсири ҷонфизо ва устодонаи шеъри классикӣ бебаҳра монда будем.

Мардуми музофоти Кӯлоб дар эҷодиёти сухани бадеӣ табиатан соҳибистеъдод аст. Пиру ҷавон ва хурду калони ин сарзамин сатреро ба сатре зам карда метавонад ва ками дар каманд онҳое, ки ҳеҷ набошад, бофтани рубоӣ аз дасташон наояд. Аммо бо вуҷуди ин ман устоди муайян надоштам. То соли чилу панҷ, то барои таҳсил ба институти педагогии шаҳри Душанбе омаданам касе ёфт нашуд, ки ба ман роҳбар ва маслиҳатчии эҷодӣ гардад. Ёд дорам, дар солҳои бофайзу баракати сию ҳашт, сию нӯҳ, чил ман бо як ҷӯраи ҳамсинфам, ки Судур Ҳалим ном дошт, ҳамаи шеърҳои парокандаи худро ба як дафтари ғафси муқовадор гирд оварда, дар суроғи устод ва маслиҳатгар дар ба дар мегаштам. Ниҳоят ин суроғу дарбадарӣ моро ба назди сардори райлити Ховалинг овард. Мо дафтари худ, осори чандинсолаи навиштаҷоти худро ба дасти он кас супурдем. Аммо он кас, чуноне баъд аз даҳ сол шинос шудаму аниқ дониста гирифтам, аз қабили ҳамон шахсоне будаанд, ки дар пеши сухани шикастаи вазну қофиядор қурутанд. Лекин чи қадар холис, ҷавонмард ва хайрхоҳ будан даркор аст, ки ба айби худат қоил бошӣ. Ин аст, ки сардори райлити Ховалинг аз қурут будани худ ошарф надода, дафтари моро гирифт ва ба мо на танҳо ҷавоб нагардонд, балки дафтарро ҳам гум кард. Дар натиҷаи ин хунукназарӣ ва бепарвоӣ дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

заминаи эҷоди ман рахнаи кушоду чуқуре ба вуҷуд омад. Ва бояд гуфт, дар мурури эҷодиёти ман ин гуна рахнаҳои марҳилавӣ, ин гуна холигиҳои эҷоди бебаҳрагӣ ва холигиҳои эҷодӣ бисёранд, ки сабаби онҳо аксар надоштани мададгор, устод ва роҳбаладй эҷодӣ буд. Вале ман дар тақдири худ як аломати аҷоиб таассубмонандеро нишон кардаам: ҳар дафъае, ки дар орзуву умеду эҳтиёҷи худ ба дараҷаи фавқулоддаи талаб ва илтимос мерасам, яъне ҳангоме ки тамоми захираи биотокҳои ҷони дар азоби худро ба талаби ин ё он эҳтиёҷи худ сафарбар ва равона мекунам, тақдир ниҳоят ба додам мерасад ва талабамро баҷо меорад. Доир ба маслиҳатчӣ, насиҳатгар ва раҳбаладй шеър ҳам тақдир дар навбати ман ҳамин имтиҳонашро такрор кард.

Ман дар омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб канда-канда бошад ҳам, аз соли чилу ду то чилу панҷ таҳсил кардаам. Ва имрӯз гаштаи баргашта тааҷҷуб мекунам, ки ба ҳамон ҳоли зори тоқатфарсои моддию маънавӣ нигоҳ накарда, боз шеър ҳам менавиштам. Навиштан ҳам гап шуд? Чуноне кадом-як шоири рус кадом-як ҳамқаламашро, ки ҳар чӣ пеш омад хуш омад, тарҷима кардан мегирифтааст, «не стой на виду, не то переведу» гуфта ҳазлу мазоқ кардааст, ман ҳам айнан монанди ҳамон тарҷимон будам: ҳар чӣ, ки медидам, мешунидам ва медонистам, ба шеър медаровардам. Хусусан бетартибию бетамизиҳои муҳити хонаи бачагон ва омӯзишгоҳи педагогӣ мавзӯи шеърҳои ман буданд. Аммо устод надоштам. Аҷиб ин, ки дар коллективи муаллимони омӯзишгоҳ, ки ҳамаашон ба тавраш зиёиёни маданию маърифатнок ҳисоб мееёфтанд, ягон кас пайдо нашуд, ки маслиҳате диҳад. Менавиштам ва намедонистам, ки чӣ менависам ва чун менависам.

Ниҳоят баҳори соли чилу панҷ, чуноне дар боло зикр кардам, тақдир мурувват кард, ба додам расид. Дар Кӯлоб овоза паҳн шуд, ки шоир Абдусалом Деҳотӣ омадааст. Абдусалом Деҳотӣ бошад, он солҳо дар қатори Мирзо Турсунзода ва Муҳаммадҷон Раҳимӣ яке аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

сутунҳои сегонаи назми советии тоҷик ҳисоб меёфт. Китобҳои ӯ дастрас буданд ва мо, шогирдони мактабҳои тоҷикӣ, онҳоро нисбатан нағз медонистем. Баробари шунидани ин овоза ман дар ҷустуҷӯи ӯ шудам. Фаҳмам, кадом-як пйесаи он касро театри Кӯлоб қабул карда ба саҳна гузоштанӣ будааст ва ӯро ана ҳамин эҳтиёҷ ба Кӯлоб оварда будааст. Он вақт театр дар бинои Хонаи аскарони сурх ҷойгир буд, ки сонитар онро оташ заданд ва ягона марказ, ягона сарпаноҳи маданияти мардуми Кӯлоб то ба чандин сол барҳам хӯрд. Ман якчанд шеъри ҷиддӣ ва тантанавиямро гирифта, ба ҷустуҷӯи он кас рафтам. Рафтам, вале намедонистам, ки он кас куҷо бошанд. Бинобар ин чанд дақиқа таг-таги тирезаҳои Хонаи аскарони сурх моку зада пасу пеш рафтуо кардан гирифтам. Устод Деҳотӣ, ки ҳамин вақт дар идораи директори театр Смирнов нишаста будаанд, моку зада рафтуо кардани маро дида, ба он кас гуфтаанд:

– Ана ҳамин бача шоир аст, шеър овардааст ва мехоҳад маро бинад.

Ин аст, ки Смирнов берун баромад ва аз ман пурсид:

– Писар, ту шеър овардаӣ ва мехоҳӣ онҳоро ба шоир Деҳотӣ нишон диҳӣ?

Ман тасдиқ кардам ва он кас маро бо худ ба идорааш бурд ва бо устод шинос кард.

Шоири забардасти рус ҳамзамони мо Евгений Евтушенко чунин як ҳикмате дорад: «поэт в России больше, чем поэт» – гуфтааст ӯ. Яъне «шоир дар Россия аз шоир авлотар аст», «шоир дар Россия фақат шоир нест, боз ким-чии дигар ҳам ҳаст». Ин ҳикматро мебоист тоҷикон гӯянд ва албатта гуфтагистанд, вале кӣ гуфтанаш ҳанӯз ба назари таъкид наафтидааст. Шоирони бузурги гузашта бо мӯъҷиза, бо сеҳру ҷодуи сухан номи шоирро ба дараҷае азиз ва муқаддас гардонда буданд, ки шоир маҳз дар мардуми тоҷик аз шоир зиёд буд. Шоир лисонулғайб буд, пайғамбар буд, омӯзгор ва устод буд. Шоирони бузург обурӯ ва қадру қимати суханро ба дараҷае бардошта буданд, ки халқ сухани шоирро каломи Худо ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

пайғамбар медонистанд. Китоби шоирро ба таги болишти кӯдак мегузоштанд, ки ӯро сиёҳӣ пахш накунад, ба ӯ ҷину аҷина асар нанамояд, бемор нашавад. Сатри шоирро дар коғазпорае рӯбардор мекарданд ва он коғазпорароба об тар карда, обашро ба бемор ҳамчун марҳам менӯшониданд. Мардум китоби шоирро ҳамчун китоби тақдир мекушоданд ва ба воситаи каломи шоир, ба воситаи сатру байту ғазали шоир фоли рӯзгор, ишқу муҳаббат, зироат, тиҷорат ва сафорати худро муайян мекарданд. Дар мардуми тоҷик мақоми шоир пас аз мақоми Худову пайғамбар буд. Ин ҳурмату эътибори олӣ агар аз як ҷиҳат подоши мӯъҷизаи сухани шоирон бошад, аз ҷиҳати дигар изҳори шукрона ва миннатдории мардум буд. Зеро ягона касе, ки дар рӯи замин, дар зиндагӣ, дар рӯзгори пур аз мушкилот бевосита ва дар амал ба доди халқ мерасид, халқро аз ҷабру ситами золимон ҳимоя мекард, ягона касе, ки сухани ҳақро ба талхию тундӣ ба шоҳону амирон мегуфт, шоир буд. Мо имрӯз китоби гузаштаҳои худро варақ гардонда, ба садҳо шоироне дучор меоем, ки дар паҳлӯи номашон тахаллуси «девона» доранд. Аксари ин «девонагон» шоироне буданд, ки дар дилу ҷигару гурдаи худ ҷуръату ҷасорат пайдо карда, айби шоҳону амиронро ба рӯи онҳо гуфтаанд. Айби шоҳону амиронро бошад, дар рӯи худи онҳо гуфтан дар ҳақиқат «девонагӣ» буд ва «девонагӣ» мондааст.

Хулласи калом, дар ҳама замонҳо шоир барои халқи тоҷик на танҳо барандаву орандаи пайғоми Худованд, на танҳо саҳобаи пайғамбар, балки устоди рӯҳ, омӯзгори маърифат, мададгори яқин ва дастраси заминӣ, ҳомии нангу номуси бечорагон ва мазлумон буд. Он касе, ки дар ҳама гуна боду бӯрон ва тӯфону самумҳои реаксионӣ оташи анъанаҳои халқро фурӯзон дошт ва куштан намонд, он касе, ки дар рӯзҳои рӯҳафтодагӣ ва маъюсии халқ мардумро бо нӯшдоруи сухан ба худ меовард, ҳушёр мекард ва ба давом додани ҳаёт ва мубориза омода менамуд, шоир буд. Ҳаққо, ки «шоир андар синаи миллат дил аст».



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ман ҳам, қатра ба қатра, пайванд ба пайванд аз хуну аз пайкари мардуми тоҷикам, ба шоир ҳамин тавр эътиқод доштам. Бинобар ин ба назди устод Абдусалом Деҳотӣ даромаданам монанд ба он буд, ки гӯё ба мақбараи Ленин медаромада бошам. Ҷони ман омодаи таъзим ва дили ман саршори тавозӯъ буд.

Устод Деҳотӣ шахсе буд хеле ботамкин, боадаб ва хоксор. Ва агар кас ин се хислатро муттаҳид кунад, аз онҳо симое ба вуҷуд меояд хеле шармгин ва боҳаё, беандоза бамулоҳиза ва фурӯтан. Масалан, ӯ шарм медошт, ки ман аз ӯ шарм медорам. Дар хиҷолат монда буд, ки ман корафтодаи ӯ шудаам ва худро дар ҳузури ӯ дар хиҷолат ҳис мекунам. Боз чӣ гӯям? Воқеан, хонанда гумон набарад, ки бо ҳамон як дидани дидор ман ба ин хулосаҳо омада будам. Ин хулосаҳо сонӣ шакл гирифтанд. Вале он шиносоӣ, он мулоқоти нахустинро ба ёд оварда истода, симои ҳамонлаҳзагии он касро ба хотир меорам. Ӯ шеърҳои маро шунида истода, намедонист, ки ки чӣ гӯяд. Нағз гуфта наметавонист, зеро онҳо барало бад буданд. Бад гуфта наметавонист, зеро намехост маро ранҷонад. Ва бояд гуфт, ки хусусияти дараҷаи аввалини устод ҳамин буд, ки ӯ ҳеҷ касро ранҷондан намехост. Сонӣ, вақте ки бо он кас дар журнали «Шарқи сурх» ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ҳамхизмат шудам, дар муҳокимаҳои асарҳои нависандагон иштирок карданӣ ӯро дидам, хулоса баровардам, ки ӯ хотири касро аз ҳама гуна асар боло мегузошт. Ягон асар на ба некӣ, на ба бадӣ арзандаи он нест, ки барои он шуда, дили касеро шикастан мумкин бошад. Ӯ танқид карданро бад медид ва ман авзоъи он касро пеши назар оварда, кунун тасаввур мекунам, ки ӯ чӣ хел азоб мекашид, таҳ ба таҳ ба хиҷолату изтироби хиҷолату шарму маъзарат гирифтор шуда, маҷбурияти танқиди болшевикиро чӣ сон бо дили нохоҳам баҷо меовард. Ӯ комилан маданӣ ва боадаб буд ва на аз он боадабоне, ки адабро аз беадабон ёд гирифта бошанд. Устоди ӯ боадаб буд. Муҳиту мураббии аиёми кудакӣ ва ҷавонии ӯ боадаб буданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Вакте ки ман шеърҳоямро хонда шудам, он кас, такрор мекунам, чи гуфтанашонро надонистанд. Мижгонашонро набардошта, ба рӯям нигоҳ накарда, бо овози канда-кандаи пур аз узр гуфтанд, ки:

– Писар, ба Душанбе рав. Таҳсилатро, мактаби шоириятро дар Душанбе давом деҳ.

Ин суханҳо, чуноне мебинед, бисёр оддӣ ва холисонаанд, иддаои таълими шеър ва ҷунбондани тақдири эҷодии маро надоранд. Аммо, кӣ медонад, шояд онҳо, шояд маҳз онҳо дар амал роҳхат, дуову фотиҳаи эҷодии ман гардида бошанд.

*7 феврали 1992*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ЁДИ ДАҲ ДАРДИ ДИГАР

Тобистони соли 1943, ҳамон соле, ки мо, нӯҳ нафар шогирдони омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб, курси дуюмро хатм кардем ва гӯё аз сабаби кофӣ набудани шумораи талабагон курси сеюмро накушоданд, ман ба Ховалинг рафтам. (Гӯё гуфтанам аз он аст, ки чуноне акнун, баъд аз панҷоҳ соли таҷрибаҳо ва мушоҳидаҳо пай мебарам, «кам будани талабагон» баҳона буд ва бастани курси сеюм сабаби дигар дошт: дар ҳукуматдорӣ, давлатдорӣ, раисӣ, мудирӣ ва ҳазор гуна хӯҷаинии дигар ҳар кию ҳар чии моро ҳар як мансабдори барқасдкор мувофиқ ба мақомаш ва нуфузаш, мувофиқ ба дарозии дасташ мебандад ва мекушояд. Яке барқасди ину он метавонад курсеро бандад ва кушояд, дигаре заводу колхозу совхозро мебандад ва мекушояд, сеюмӣ хоҳад, қишлокҳоро, районҳоро, вилоятҳоро мебандад ва мекушояд ва агар ба ёд биёрем, ҳатто баъзе дастдарозон масъалаи кушодану бастани республикаи тоҷиконро ҳам ба миён гузошта буданд). Лекин ин ҳамту, дар омади гап… Ман ба Ховалинг рафтам. Дар он ҷо собиқ мудири илмии омӯзишгоҳи мо Бадриддин Сироҷӣ мудири маорифи район буд. Ӯ маро дар курси ғоибонаи тайёрии муаллимони мактабҳои ибтидоӣ муаллим таъйин кард ва то якуми август дарс додам. Вақте ки курс ба охир расид, ӯ пурсид:

– Акнун куҷо равонат кунам, писар? Ба қишлоқи падарият меравӣ? Он ҷо мактаби миёнаи нопурра ҳаст. Муаллим намерасад. Мудири илмӣ ҳам надорад. Рав, як соли таҳсил кор кун, соли оянда баргашта мактабатро тамом мекунӣ, – бо меҳрубонӣ маслиҳатам дод муаллим Сироҷӣ.

Ман «хайр» гуфтам, зеро таклифу илтимоси шахсии худро надоштам.

Рафтам, вале кошки намерафтам. Даҳ сол пеш аз он ману апаам Мукаррам чордевори падар, чашми танг, қавоқи гирифта, дуову дабара ва таънаву кинояи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

даҳанишолиҳои нодору ночорро тарк карда, ба Ховалинг рафта будем. Дар ин миёна апаи ноком ва сияҳпичаам сари фарзанд рафт ва аз зоту зурёти Мирзохону Ширинмоҳ акнун ман танҳо монда будам. Муаллим Сироҷӣ маро ба Даҳани Шол бешубҳа ба он умеду боварӣ фиристод, ки он ҷо ман на танҳо хешу тобори ҳамхун ва ҳамбеху ҳамбунёд дорам, балки ҷамъи аҳолии қишлоқ ба хотири ҳамхоку ҳамсояву ҳамдевор будана-мон маро бо мурувват ва меҳрубонӣ қабул мекунанд. Ман ҳам фирефтаи ҳамин фикру андеша будам. Вале саргузашти соли 1943 ва панҷоҳсола таҷрибаи мин-баъдаи рӯзгор ба ман гаштаи баргашта таъкиду талқин намуданд, ки каси аз Ватан фирор оварда то аспи сафеди шаъну шӯҳратро дар ғарибиҳо зин зада савор нашавад, ба ҳеҷ ваҷҳ ба ватан бояд бар нагардад. Ман агар соли 1933 аз Даҳани Шол сесола ё чорсола тифлаки дармонда ва зору низор рафта бошам, дар бозгашти тасодуфии со-ли чилу сеюм мудири илмии мактаб ва муаллими се-чор фан таъйин шуда омадам. Ба ин гардиши фалак, ба ин мӯъҷизаи тақдири кӯдаки бекас, ба ин табаддулоти аф-сонавии шахс ба кадом назаре, ки назар накунӣ, ҳам нис-бат ба давлату ҳокимияти советӣ, ҳам нисбат ба ману тақдири ман бояд ҳиссиёти ифтихору офарину боракал-ло бедор шавад, Ва қабули муносибат бо ман мебоист дар асоси ҳамин ҳиссиёт сурат мегирифт. Лекин ин тавр нашуд. Даҳани Шол ва мардуми он дар соли ҳазору нӯҳсаду чилу се ҳам ҳамон буданд, ки соли сию се бу-данд. Ва ман акнун медонам, аниқ медонам, ки ҳама гуна ҳиссиёти инсон, ҳусни инсон, маданияти инсон вобаста ба дараҷаи фаровонии нозу неъматҳои моддию иқтисодии ӯ мебошад. Яъне агар аз содаҳо ҳам содатар карда гӯем, инсон ҳамон вақт ба гадо нон медиҳад, ки он нонро худаш дошта бошад. Он нонро агар худаш дошта бошад, онро ба гадо бо табассум, бо рӯи хуш, бо дуову фотиҳаи нек медиҳад, ки инҳо ҳама ҳарфҳои аввалини ҳусн ва маданияти инсонанд. Дар ҳамин асос бо имони комил метавон гуфт, ки дари кушода ва қавоқи кушода



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳусни дороиянд ва дари баставу қавоқи баста айби нодорӣ.

Аз тарафи дигар, одамон каси омадро ҳамон вақт нағз қабул мекунанд ва рӯи хуш нишон медиҳанд, ки ӯ мансаби иқтисодӣ ва хоҷагӣ дошта бошад ва онҳо аз вай умедвори ягон ғанимат буда тавонанд. Барои мисол, мудири магазин, ҳатто на мудир, балки фурӯшандаи оддӣ, мудири амбор, ходими амбор, мудири ферма, ходими ферма ва ҳоказо.

Дар ин хел солҳо, чуноне ки солҳои сию се ва чилу се буданд, ҳатто ҷувозкаши оддӣ, ҳатто осиёбони муқаррарӣ нисбат ба муаллим мӯътабар ва мӯҳтараманд. Андеша мекунам, муқоиса менамоям ва бо як парадокси бисёр аҷоиб дакка мехӯрам, ки баъд аз Инқилоби Октябр аз як тараф мардуми сартосар бесаводи мамлакати моро дар як муддати кӯтоҳ маҳз муаллим босавод кард. Аз тарафи дигар, нисбат ба давраи пешазоктябрӣ ва нисбат ба солҳои аввали ҳокимияти советӣ нуфузи муаллим дар назди мардум паст шуд ва обурӯву эътибори ӯ коҳид. Ва ин таназзул ба дараҷае расид, ки дар солҳои ҷанг муаллим дар қишлоқ ба гадои босавод, ба гадои нисбатан босаводу нисбатан маданӣ монанд шуду монд. Яъне дараҷаи осудаҳолии муаллим аз дараҷаи осудаҳолии дигар мардуми қишлоқ пасттар шуд. Ҳол он ки деҳқони бечора ҳам бечора буд. Чаро ин тавр шуд? Ба гумони ман ин норасоӣ ҳам бо айб ва хатои сиёсати давлатдории роҳбарони мо сар зад. Асрҳои аср муаллим дар деҳот чӣ кас буд? Вай муаллим ва мураббии фарзандони мардум, аъзои соҳибҳуқуқи оилаи халқ буд ва дар ҳамин асос дараҷаи осудаҳолии ӯ ҳам ба мардум вобастагӣ дошт. Аммо дар солҳои ба тавраш шикасту рехти ба тавраш револютсионӣ кадом як маҳмадонои дароздаст пайдо шуду қарор дод, ки «ба нияти ба вазъияти иқтисодии халқ сабукӣ бахшидан маоши муаллимонро аз гардани халқ гирифта ба зиммаи давлат бояд гузошт». Қарор қабул шуд, гузоштана гузошт, вале давлат аз ӯҳдаи таъмин кардани маоши муаллим набаромад. Ризқу рӯзии



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳарҷониба бо халқ, яъне бо истеҳсолоти хоҷагии мардум вобастаи муаллимро ба пул иваз кард, ба пуле, ки аз коғази оддии суратдор қурб ва фарқи зиёд надошт. Дар натиҷаи кандани ин риштаи алоқа муаллим аз халқ қадаре ронда шуд. Вале аз сабаби беқурбии пули давлат аз давлат ҳам монд. Муаллим аз он ронда ва аз ин монда боз баргашта ба дари халқ омад. Аммо агар пеш аз реформаи аблаҳонаи мактаб муаллим ба дари мардум ҳамчун мураббӣ ва омӯзгори фарзандони ӯ, ҳамчун аъзои соҳибҳуқуқи оилаи ӯ бо сари баланд меомад ва дар иззати нафси худ иллате ҳис намекард, акнун бошад, яъне дар солҳои сахти баъд аз он ҷудоӣ, масалан, дар солҳои ҷанг, ӯ ба дари мардум бо ҳуқуқи коҳида меомадагӣ шуд, қариб ба гадо монанд, дар хиҷолат, бегона ва зиёдатӣ.

Муаллимон дар қишлоқ ҳоло дар чӣ ҳоланд, нағз бохабар нестам. Аммо аҳволи муаллим дар солҳои ҷанг аз аҳволи гадо, аз аҳволи чуноне дар боло гуфтем, гадои нисбатан маданӣ фарқе намекард.

Ана дар ҳамин асос, дар асоси вазъияти ҳамонвақтаи муаллим, ман соли 1943 мудири илмии мактаб, муаллими якчанд фан таъйин шуда омада бошам ҳам, аз ҳамон сағераи се-чорсолаи зору низори соли 1933 фарқи казоӣ надоштам. Омадам ва худро боз ҳамон тавр бекасукӯ, ҳамон тавр бехонумон ва бесарусомон ҳис кардам.

Аз рӯи қоидаи расмии давлатӣ роҳбарони колхоз мебоист маро на танҳо бо хонаву ҷой, балки бо воситаҳои дигари рӯзгузаронӣ низ таъмин мекарданд. Аммо ман он вақт аз чунин қоидаву қонунҳо бехабар будам. Роҳбарони колхоз бошанд, ҳама дар ғами ҷони худ, дар ғами ҷони зина-зина вобастагони болотар аз худ сарсону саргардон буданд. Ва ин хел қонуну қоидаҳои сар дар гиребон, нотавон ва ғайриҳатмӣ ба ёдашон намерасид.

Надонам, аз сабаби бисёр ҷавон, қариб кӯдак буданам, ё аз сабаби қадр надоштани оби дари хона беаҳамиятӣ нисбат ба рӯзгори ман ба дараҷае ҷоҳилона буд, ки назарашон умуман маро намегирифт ва ғами маро касе



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

намехӯрд. Масалан масъалаи истиқоматгоҳи маро ин тавр ҳал кардан мумкин буд: он вақт хонаи падарам ҳанӯз барпо буд ва бобои Темур ном шахсе дар он зиндагонӣ мекард ва ободаш медошт. Мумкин буд, ки даҳанишолиҳо ба маслиҳат оянду дар як гӯшаяки хонаи падарам ба ман сарпаноҳ диҳанд? Аммо ин фикр ба сари ҳеҷ кас наомад. Нағз, ки ҳоло моҳи август буд. Моҳи август моҳест, ки сағера ба ҳеҷ кас тангӣ нахоҳад кард. Тангӣ накарданаш он тараф истад, сағера дар ин моҳ ҳатто метавонад азизгӣ шавад: хусусан дар моҳи август дар қишлоқ кор бисёр аст: алаф даравидан даркор, гандум даравидан даркор, тапак ҷамъ кардан лозим, себу санҷид қоқ кардан лозим, чормағзу дулона захира кардан лозим, аз пушти гову гӯсола ва бузу бузғола даводав кардан лозим ва ғайра ва ҳоказо. Дар баробари ин қадар серкорӣ сағераро дар моҳи август хӯрокаш аз хона, аз сари дастархон нест, аз саҳрост, дар таги пои худи ӯст, дар таги чормағзу дулона, дар боғу роғ аст. Сағера дар моҳи август ҷои хоб ҳам талаб намекунад. Ҳаво нарм аст, замин хушк ва гарм аст, сағера дар ҳар сари санге ё кундае сарашро монад, бо роҳат ва фароғат хоб мекунад. Ман ҳам моҳи август ва аввали сентябрро дар хизмату дастёрии писари амакам, ки домоди ана ҳамон мӯсафеди Темур буд, гузаронидам. Як моҳ, якуним моҳ қавоқи писари амакам ва зани соҳибҷамоли ӯ монанди ҳавои охири тобистон кушода ва мӯътадил буд. Ана ҳамин ки дар осмон абрҳо пайдо шуданд ва як борону ду борон борида, аз омад-омади тирамоҳ хабар оварданд, қавоқи ҳардуи онҳо ҳам баробари қавоқи осмон зуд-зуд гирифтан ва гиреҳ задан гирифт. Ва паи ман аз хонаи онҳо канда шуд.

Баъди ин чанд шаб хонабахона гаштам. Оқибат, вақте ки ба хонаи касон рафтан аз мусофирӣ ва гадоӣ бадтар шуда монд, дар як гӯшаи мактаб хона гирифтам. Бе ҷои хоб, бе дегу коса, бе хӯрду хӯроки таъин… Панҷ-шаш ҳазор суми курси тайёрии муаллимон дар киса, вале онҳо, сабилмондаҳо чунон беқурб, чунон беқурб, ки на



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

танҳо умеди аз касе чизе харидан нест, балки ҳатто қасди дуздидани онҳоро касе намекунад. Ба ин муносибат боз ба ёд овардан лозим аст, ки он вақт дар қишлоқҳои кӯҳистони Кӯлоб хӯрокаро умуман намефурӯхтанд, фурӯхтани хӯрока убол ва гуноҳ ҳисоб карда мешуд.

Ниҳоят вақте ки қитъаи ба тобистон моили тирамоҳ ба охир расиду қитъаи ба зимистон моили он сар шуд ва боронҳо думбадум шуданд, як рӯз раис дар гузари Шоҳмансур ба ман дар як кулбаи бесоҳиб хонаеро ҷудо карда дод. Вале он хона чунон нам ва чунон заҳ буд, ки ягон заминкани дунё бо он баробар омада наметавонист. Ба болои ин ҳамин, ки ҳаво абр шуд, боми маътали ишораташ ба чакидан сар мекард ва чунон талх, чунон самимӣ мечакид, ки гӯё ҳоло ҳам азодори соҳиби пешинаи худ бошад. Ва рӯзи чакиданаш дар хона ягон метри мураббаъ ҷои хушк намемонд. Ва барои он, ки ҳамин гуна як ҷояки қомат рост кардан ва дароз кашидан пайдо кунам, ман чӯбу чахсу чапаракҳои шиғи ҳамсояро паноҳӣ-паноҳӣ канда меовардам ва аз ҳамон чӯбу чахс гулхан гиронда шабҳои сарду тираву тари аввали зимистонро рӯз мекардам.

Ҳарчанд ки ин аҳволро зиндагонӣ шуморидан ҷоиз нест, лекин азбаски ман аз ин бадтарашро ҳам дида будам, тоқат мекардам. Мададгори ман дар ин сахтиҳо ҷавонӣ буду халос, ки маҳрумиятҳои тамоман тоқатфарсову дилшикани маро бо қудрати безаволи оптимизми худ осон мекард, қуввати аз ман рабудаи онҳоро бар мегардонд, ҳатто илҳом мебахшид, ки дарс диҳам.

* * *

Ҳангоми ҳамон чор моҳи соли чилу се дар Даҳани Шол буданам як воқеае аз сарам гузашт, ки ҳам ба латифа, ҳам ба мазҳака ва ҳам ба фоҷиа монанд буда, инъикоси тасвирии ин гуфори ман шуда метавонад.

Ба наврасони поякҳошон имрӯз пӯшида маълум бод,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ки мардуми тоҷик ва хусусан мардуми кӯҳистони тоҷик, зану мард, писару духтар, дар як сол қариб даҳ моҳ пои луч мегаштанд. Ҳатто дар сармои қаҳратуни зимистон ҳам, дар роҳи наздик, аз ҳамсоя то ҳамсоя, пои луч давида рафтуо мекарданд. Ва дар соли ҳазору нӯҳсаду чиле се дар Даҳани Шол ба ин аҳвол тағйироти мусбатеро мушоҳида кардан мумкин набуд. Қариб ҳамаи талабагон ба мактаб пои луч меомаданд, духтарон ҳам, дар барф ҳам,дар борон ҳам. Маро ҳам пои луч ҳисоб кардан мумкин буд. Ботинкаи шаҳрии ман кайҳо боз дар поям намепоист, вале ман онро аз чанд ҷояш бо латтаву ресмон бастаам ва дар пеши талабагон вонамуд мекунам, ки пойафзол дорам. Вагарна пойҳои мани бечора ҳам ҳамеша ҳамон хел тар, ҳамон хел лойолуд буданд. Ягона касе, ки дар поякош чамбуси тарангу рехтаи тозаву озода дошт, Ғулом буд, писари Устоқодири мӯзадӯз, аз Сафедшаҳрак. (Ин ҳамон Ғуломест, ки дар рӯзҳои мо Устоғулом ном дорад ва бо чандин ҳунараш машҳури олам гардидааст. Он вақт ӯ аз Сафедшаҳрак ба Даҳани Шол ба мактаб меомад).

Як рӯз, вақте ки ба ботинкаҳои ман назар карда истода дигар шарм надоштан номумкин шуда монд, раиси колхоз, як мардаки хушбурути боймушӣ[1], надонам ба ҳукми раҳму шафқат ё ба ҳукми манфиати шахсӣ, таклиф кард, ки ӯ як ҷуфт мӯзаи фурӯшӣ дорад ва ман оқибат аз нӯги ҳамон пуле, ки ҷамъ шуда бекор мехобид, як ҳазору ҳафтсад сӯм дода, мӯзаҳои раисро харидам. Мӯзаҳои пошнабаланди наълдори сурхи таҳҷоӣ. Аммо бигузор хонандагони имрӯза фирефтаи ин муайянкунандаҳои хушсифат нашаванд. Хироми сурх дигар асту ранги сурхи чарми тоҷикӣ дигар. Чармгарони кӯҳистон пӯстро нимкола косибӣ карда, ранг мекарданд. Ва пӯст ба чарм монанд шавад ҳам, аз нуқтаи назари техникӣ тамоман хом мемонд. Дар натиҷа он қисми мӯза, ки «соқи мӯза» ном дорад ва ба вай об намерасад,

[1] *Боймуш* – деҳа.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

хизматашро як навъ бачо меовард. Аммо агар чарми таги мӯзаро ҳам аз ҳамин чарми соқи мӯза тартиб дода бошанд, донед, ки ҳеҷ кор намеояд. Ғафсии он даҳ қабат ҳам бошад, вай ба об расидан баробар туппа шуда мемонад. Ба чоруқи хомак айнан монанд мешавад. Надонам, дониста ё надониста раиси колхоз ана ҳамин гуна як ҷуфт мӯзаро ба ман фурӯхт, ки ба об расидан баробар тагаш туппа барин шилтаву овезон шуда монд. Айнан монанди чоруқи хомак ё агар шаҳриёни имрӯза чигуна будани чоруқи хомакро тасаввур накунанд, ташбеҳи дигар меорам: айнан монанди халтаи пеликан. Ва ба ин ду халтаи таги панҷаҳои поям ҳар қадар, ки бештар хасу каҳу пахол ҷо мекардам, халтаҳо ҳамон қадар калонтар ва мувофиқ ба вазнин шуданашон овезонтар шуда мерафтанд. Ин калонӣ ва овезонии халтаҳо ба ҷое расид, ки ба таври муқаррарӣ қадам заданам номумкин шуда монд. Яъне агар ба таври муқаррарӣ роҳ мегаштам, халтаҳои таги мӯзаҳоям ба замин расида кашола шуда мерафтанд, бинобар ин қадаммониам дигар шуд. Онҳое, ки ҳеҷ набошад як бор таги ботинкаҳояшон ҷудо шуда бошад, ин вазъиятро тасаввур мекунанд: кас зонуҳояшро баланд-баланд бардошта роҳ мегаштагӣ мешавад. Хонанда метавонад ин гуна роҳгардиро имтиҳон карда бинад, манзараи хеле қизиқ.

Як рӯз котиби идораи колхоз апаи Қиматгул, як бачазанаки қадбаланди батана ва бар акси ҳамаи занҳои қишлоқ рухсораҳо арғувонӣ барои калонҳои қишлоқ зиёфат таъйин кард ва маро ҳам таклиф кард. Рафтем, ба гирдогирди ҳуҷраи ӯ нишастем ва банохост чашми ман ба болои кулӣ афтод. «Кӯр чӣ мехоҳад, ду дидаи бино». Он ҷо, медонед, чӣ мехобид? Тасма мехобид, тасмаи элеватор, тасмаи мошинаи гандумкӯбӣ! Паҳнияш ду кафи даст. Расо барои таги мӯза. Аммо аз паҳнияш чӣ мегӯед, ки аз сахтию бақувватию тасмагии он гап занед. Ғафсии онро бинед! Агар ин ҷонварро ба таги мӯза дӯхта монӣ, даҳ соқи мӯзаро кӯҳна мекунаду худаш хабар намеёбад, сағераи соҳибашро пир мекунаду худаш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷавон мемонад, то ба наслҳоиояндаи вай низ хизмат кунад. Ба кадом роҳ, ба кадом тадбир се ваҷаби ҳамин тасмаро ба даст овардан мумкин бошад? Ба воситаи илтимос? Не, илтимос мумкин аст корро вайрон кунад. Илтимос кунаму апаи Қиматгул «не» гӯяд ва тасмаро аз болои кулӣ гирифта дар ягон ҷои хилваттар пинҳон кунад, он гоҳ тасмаро дар хоби шабам ҳам намебинам. Ё валвалаи ватандӯстӣ ё ҳалолию покизагӣ бардорад, ки: «ту магар девонаӣ? Ин моли колхоз аст! Тасмаи мошинаи гандумкӯбист! Ба вай агар зиён расонем, тороҷкунандаи молу мулки колхозӣ мешавем!» Лекин ку худи ҳамон мошинаи гандумкӯбӣ? Гандумро боз бо ҳамон доси бобоӣ даравида, бо ҳамон галагови бобоӣ кӯфта будемку? Не, ин тасма ҳамон вақт тасмаи элеватор буд, ки худи элеватор вуҷуд дошт. Акнун, ки элеватор вуҷуд надорад, тасмаашро колхоз ба сараш мезанад? Ва ман ҳамаи далелҳоро «беғаразона» рад карда, ҳузури ҷони пойҳоямро баръало ҳис намуда истода, қарор додам, ки ба ҷуз дуздӣ дигар илоҷ надорам. Ва шаб, ҳамон шаба худаш барои баҷо овардани ҳамин қасди худ баргашта омадам. Бо корд омадам ва то ҳол ба ёд оварда наметавонам, ки кордро аз куҷо гирифта будам. Омадам. Ин нишонаи барори корам буд, ки дари ҳуҷра дамашро набаровард, ҷиғғӣ накард. Даромадам. Ҳар касе буд дар ҳуҷра, дар хоб буд. Ман монанди сиёҳӣ, ҳатто аз сиёҳӣ ҳам бегумонтар, монанди сояи шаб ба болои кулӣ баромадам. Нафасамро рост карда ва аз нӯги тасма се ваҷаб чен карда ба буридан сар кардам. Чанд вақт моломол кардам, намедонам, фурсати ҳисоб кардан набуд. Тасмаро буридам, боз ҳамон тавр оҳиста, монанди сояи шаб беошарф фуромадам ва ба сӯи кулбаи тару тираи худ «намедавӣ, ки бидав!»

Шаб барф борид ва барфи Ховалинг ба ҳама маълум аст: як борад, камаш то зону меборад. Саҳар ман пайтобаҳои дар гирди гулхан, сар-сари чӯбҳои шиғ овезонамро ба пойҳоям печонида, чамбуси дар гармии гулхан хушк шуда ба тутаи тунука монанд шудаамро ба по-



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ям кашида, роҳи Сафедшаҳракро пеш гирифтам. Зеро ягона устои мӯзадӯзе, ки дар он гирду атроф дастрас буд, Устоқодир буд ва ӯ дар Сафедшаҳрак истиқомат дошт.

Рафтам. Се-чор километри байни Даҳани Шолу Сафедшаҳракро чуноне мегӯянд, сари бод тай кардам ва ба дари Устоқодир ба умеде омадам, ки ӯ маро ду-се соат маътал мекунаду дар ин муддат мӯзаҳои маро ба тартиб меорад ва ман онҳоро пӯшида бармегардам. Аммо Устоқодир нақшаи маро қабул накард ва ман маҷбур шудам, ки нақшаи ӯро қабул кунам.

–Не, – гуфт ӯ, – мӯзаҳота мону гашта бра. Пагоҳ онҳоро ба дасти Ғулом роҳӣ мекунум.

Хонаи гург бе устухон, ки набошад, хонаи устои мӯзадӯз ҳам, кафшдӯз ҳам бе попӯшӣ нест. Лекин бигузор имрӯз хонандагони ин сатрҳо худашон кроссворд-психологияи Устоқодирро ҳал кунанд, ки ӯ дар асоси кадом ҳиссиёт, дар асоси кадом андеша ба ман ягон попӯшӣ таклиф накарду ман маҷбур шудам, ки ҳамон чор километри барф то зонуро, як хаму ду кӯталу як пуштаи паи зоғу пои гург норасидаро пои луч тай намоям. Касе, ки чунин ҳолат ва вазъиятро аз сар гузаронида бошад, ӯ медонад, ки чунин роҳро мӯътадил, ба таври муқаррарии роҳгардӣ тай намекунанд. Дар чунин вазъият кас ба як тарзи аҷиб, ба услуби рақси ёбоиҳо, хез зада, ҳалосак зада медавад. Ман ҳам хеззанон, ҳалосакзанон медавидам ва дар сари ҳар панҷоҳ-сад қадам як бор ба замин менишастам, панҷаҳои карахтшудаи поямро молиш дода гарм мекардам ва боз бархоста медавидам. Ба ҳамин аҳвол ба Даҳани Шол расидам ва яккаса намоиши мазҳакавии ман, ки ҳам артист ва ҳам тамошобинаш худам танҳо будам, ба охир расид.

Рӯзи дигар Ғулом мӯзаҳои маро овард ва Худо бигирад ҳиммати тақсимгари ризқу рӯзии маро, ки тамоми умр аз нӯги ҳама ризқҳои ман албатта порчаеро канда мезанад. Ва ҳамон ризқу рӯзии додагиашро ҳам ҳарому хараҷ мекунад.

Ин дафъа ҳам зад: ҳангоми ба ваҷаб чен карда бури-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дани тасма ман тахминан ба паҳнии ду ангушт сабилмондаро кам бурида будаам. Бинобар ин тасма ба як пои мӯзаам басӣ карда бошад, ба пои дигари мӯзаам ду ангушт нарасидааст. Ва он камӣ ба нӯги мӯзаам рост омадааст. Устоқодири бечора маҷбур шудааст, ки ба нӯги музаам як порча чарми худашро қуш карда дӯзад. Вале азбаски тагчармии пойафзол ҳаргиз аз ду қисм иборат намешавад, вай бояд яклухт бошад ва азбаски усто маҳорати фавқулодда ҳам нишон диҳад, онҳоро чунон мос карда наметавонад, ки об надарояд, ин аст, ки пои рости ман ба қаламкаши ҳамин қонун афтод. Пои чапам ниҳоят ба гармию хушкии фароғатноки пойафзоли ҳақиқӣ расида бошад ҳам, пои ростам, нӯги панҷаи пои ростам хушк нашуд, ки нашуд, гарм нашуд, ки нашуд, роҳат надид, ки надид. Порчаи чарми қуш кардаи усто як рӯз-ду рӯз поисту сонӣ туппа шуда афтид ва таъҷиб, ки дар ҳамон ду ангушти рахнаи чоруқмӯзаи ман гӯё тамоми барфу борону лою чали Даҳани Шол метавонист ғунҷад.

Ана ҳамин хел як бахт дорам ман.

*1 августи 1991*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# БА ХОТИРАИ ҲАМ ИНУ ҲАМ ОН

Қариб ҳамаи мо як хел фатилапӯш, жӯлидамӯй, қарқ ва почаканда, як хел беадаб, шӯрапушт, ҳавои даҳан ва чангара будем. Ӯ бошад, на танҳо қаду қомати дилкаш, сару фусуки тару тоза ва либоси чингу линги шинаму олуфта дошт, балки бо муомила, гуфтор ва рафтори дар ҳама ҳолат боадабона, ҳалимона, хушомадона ва оштипазирона аз мо фарқ карда меистод. Мо аз паи ризқу рӯзӣ пайваста дар ҷунбуҷӯл ва такудав сарсону саргардон будем. Яке рӯзи дароз шохабашоха аз чинор ба чинор хазида, ҳезум тайёр мекард. Дигаре дар саҳро тапак мечид. Сеюму чоруму панҷум аз туғай қамиш мекашонданд ва хонабахона гашта онро мефурӯхтанд ё ба хӯрока иваз менамуданд. Ва мо ягон бор наметавонистем бинем, ки ӯ дасти худро ба косаи тар зада бошад. Ӯ дар хобгоҳи умумии мо ҷой ва ҷогаҳ дошт, зеро монанди ҳамаи мо қишлоқӣ буд. Лекин дар хобгоҳ ва ҷогаҳи худ хоб намекард. Шабҳояшро дар ким-куҷои дигар мегузаронид ва ҳар саҳар ду даст дар киса, даҳан пури табассум, чеҳра арғувонӣ, лабҳо равғанӣ, чашмҳо мастона ва димоғ чоқ пайдо шуда меомад. Ба касе монанд меомад, ки хазина ёфтааст ва ҳар шаб аз чашми мардум паноҳӣ аз як гӯшаи он як порчаяк шикаста харҷ мекунаду кайфу сафо карда меояд. Ӯ дар шаҳр кӣ дошт, куҷо мерафт, чӣ кор мекард, – касе намедонист ва худаш ҳам бо забони ҳол сир бой намедод. Вале забонашро дар даҳон пинҳон дошта тавонад ҳам, бо чашмонаш, рӯяш, бо баъзе қилиқҳои нав ба нав аз ким-кӣ иқтибос кардааш беихтиёр нӯги он сирро мебаровард, хира ҳам бошад, тарҳи он сирро тасвир мекард ва мо пай мебурдем, ки ӯ бо кадом-як ғанимати ғайримеҳнатӣ вобаста аст. Медидем, ки аз баландию ваҷоҳати он сирри махфияш назараш моро намегирад ва қариб ҳамаи мо як хел бадаш медидем. Муаллимон, мураббиҳо ва ходимони дигари интернат ӯро дӯст медоштанд. Аммо ин дӯстдории онҳо рашку рақобату бадбинии моро зиёд мекард, ки кам не. Мегӯянд, ки дар



бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

муҳити зоғони сиёҳ худо накарда зоғи сафеде пайдо шуда монад, онҳо ӯро нӯл зада-нӯл зада ё ба куштан мерасонанд ё аз қаторашон бароварда ҳай мекунанд. Мо ки зоғ не, бачаи ҳазрати Одам будем, ақламон мерасид идрок кунем, ки ӯро кушта ё ҳай карда наметавонем. Лекин нӯл задан аз дастамон меомад. Агар, масалан, куртаи нави оҳарӣ пӯшида меомад, мо онро «беихтиёр» ва «банохост» доғдор мекардем. Ва ин беадабии мо маънии онро надошт, ки мо ҳамаамон бахили ислоҳнашавандаем. Ин як тарзи эътироз ва шӯриш буд, эътироз ва шӯриш ба муқобили беадолатие, ки ба ӯ ноҳақ имтиёз дода, моро ноҳақ паст мезад. Дар муҳити кӯдакон рафтори нек ва боадабона, иззати нафс ва азиз доштани молу мулк ва чизу чораи шахсеро фақат ба воситаи гап талқин намудан мумкин нест. Ибрати холис ва намунаи баробарие лозим аст, ки аёнӣ бошад ва назарияи бо гап тарғибшавандаро тасдиқ карда истад. Ин муомиларо чӣ тавр риоя кардан мумкин буд, ки ӯ қариб ҳар ҳафта дар либоси нав меомад, мо бошем, чанд сол боз ба обшустагии ямоқ болои ямоқ гирифтор будем? Рахи дарзмоли шими ӯ ҳар саҳар монанди дами шамшер рост ва тез буд. Мо бошем, шимҳои худро вақти хоб дар таги матрас паҳн карда мемондем, ки пагоҳ ҳеҷ набошад, аз эзори муқаррарӣ каме фарқ карда тавонанд.

Дар чунин вазъият мо магар метавонистем, ки ба шалвори ӯ «беихтиёр» ва «банохост» лой напаронем? Ё попӯширо гирем. Он чӣ мо дар пои худ кашида мегаштем, умуман пойафзол ном надошт. Аммо ӯ пойафзолашро дар як ҳафта ду-се бор иваз мекард ва ҳар рӯз лок молида меомад. Ва мо маҷбур будем, ки бо «калуштуфлӣ» ва «чоруқтуфлиҳои» дарида, каҷу килеб ва ифлоси худ пойҳои ҳамчун кабку кабӯтар хиромони ӯро гоҳ-гоҳ зер карда гузарем.

Дар силсилаи ин бетамизиҳо ва шӯрапуштиҳои мо ва муносибати ӯ нуқтаи аз ҳама аҷоибаш ин буд, ки вай умуман ба хашм намеомад, қаҳру ғазаб намекард, дашном намедод ва дастбагиребон намешуд. Худро пайваста



бароu мутолиаu бештар ба сомонаu https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бепарво, дилпур ва хотирҷамъ медошт ва дар баъзе мавридҳое, ки ҳар кадоми мо дар ҷои ӯ аз қаҳру ғазаб кафида рафтанамон мумкин буд, вай ҳакимона табассум мекард. Ана ҳамин хел як бача буд Аъзам Шариф.

Чӣ ҷои тааҷҷуб, ки дар гирди номи ӯ, хислату рафтори ӯ, дар гирди муаммои ӯ сад гуна фолу тахмину ривояту ғайбат ба вуҷуд меомад, вале ҳеҷ кадоми мо имконияти тафтиш ва аниқ кардани онҳоро надоштем. Ниҳоят миш-миш, овозае паҳн шуд, ки ӯ хабаркаш аст, хабаркаши оддӣ не, – сексот.

«Ана гап дар куҷо будааст!» – ба хулосаи фавқулодда қатъӣ омадем ҳамаи мо.

Одатан хабаркашро дар ҳама гуна муҳит одамон бад мебинанд. Лекин муносибати одамони калонсол ба хабаркаш монанди муносибати бачагон қатъӣ нест. Калонсолон ӯро бад бинанд ҳам, метавонанд бо ҳукми таҳаммул ва эҳтиёт ба ӯ кордор нашаванд, метавонанд муғамбирии сохта зоҳир намуда, ба ӯ рӯи хуш нишон диҳанд. Ҳатто «аз бало ҳазар» гӯён дурӯӣ карда истода, метавонанд ба ӯ хушомад гӯянд ва нишон диҳанд, ки муносибаташон бо ӯ нағз аст, ӯро дӯст медоранд ва ҳурмат мекунанд. Лекин бачагон умре надидаанд ва таҷрибае надоранд, ки рӯзгор онҳоро муғамбир ва дурӯя карда бошад. Онҳо ё ҷавонмарди модарзод ё йигити тарбиявӣ ва китобиянд ва айберо монанди айби хабаркашӣ ва сексотӣ ҳаргиз бахшида наметавонанд. Бинобар ин бо он овоза масъалаи Аъзам Шариф дар байни бачагон ҳал шуд. Ҳама бо як овоз ба қароре омаданд, ки ӯ бояд танбеҳашро бубинад ва чуноне ба ҳама маълум аст, ягона воситаи ҷазо дар шуури бачагон кӯфтан мебошад. Аз афташ, дар муҳокима ман ва Ҷумъа Раҳим ном бачаи дигар аз ҳама бештар фаъолият нишон дода будем, ки ба иҷро расонидани он ҷазо ба ману ӯ супурда шуд. Он вақт не, имрӯз тааҷҷуб мекунам, ки чаро мо, даҳ-дувоздаҳ бачаи курси сеюми омӯзишгоҳ, қарори кӯфтанро ба чунин осонӣ қабул кардем ва ба гирду



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гӯшаи хаёламон наомад, ки: «бачаҳо, о ин ҷиноят аст-ку!» Ин кӯтоҳфикрии мо сабаб дошт: он вақтҳо дар муҳити мо ҷангро ҳеҷ кас ҷиноят намешуморид. На танҳо машғулиятҳои ҳарбӣ ва машқҳои тарбияи ҷисмонии мо аз ҷангбозӣ иборат буд, балки миёни шогирдони омӯзишгоҳ, бачаҳои шаҳрӣ ва аскарбачаҳои гарнизони Кӯлоб зуд-зуд афтударафту кӯбокӯби ҳақиқӣ сар зада меистод ва ҳеҷ кас ҳеҷ касро гунаҳгор намекард. Ин аст, ки қарори кӯфтани Аъзам Шариф ба чунон осонӣ қабул карда шуд, ки гӯё чирти бинӣ бошад ё ҳуппоқи пешонӣ.

Қисса кӯтоҳ, як рӯзи моҳи феврали соли 1945, ки шаб ҳаво хуб борида буд ва оби пур аз лойқа дар ҷӯйборҳо туғён мекард, ману Ҷумъа бо Аъзам Шариф рӯбарӯ омадем. Ҷумъа ӯро пешпо дод ва ӯ калладав хӯрда ба ҷӯйбор афтод. Ман бошам, ҳадаҳа аз гиребони костюмаш дошта, ӯро дар оби ҷӯйбор ду-се маротиба ғӯтонда гирифтам ва баъди ин «нагурезу рӯзата бин». Ҷумъа ба куҷо гурехт, намедонам. Ман бошам, ҷои гурез ва паноҳгоҳи муваққатӣ надоштам. Бинобар ин ҳамин ки бегоҳӣ баргашта ба хобгоҳ омадам, тарафдорони Аъзам Шариф маро ба рӯи тӯри каравот, ки аз арғамчини тросс барин сахт иборат буд, ба пушт хобонда маҳкам бастанд ва саҳар, вақте ки кушоданд, то ба пеши директор баранд, дидагиҳо тахтапушти маро ба тахтапушти Айнии ҳафтоду панҷ чӯбхӯрда монанд донистанд. Фарқаш фақат ҳамин буд, ки изи чӯбҳо дар тахтапушти Айнӣ бетартиб буданд, изи тури аз арғамчин бофтаи каравот бошад, ба он монанд буд, ки гӯё панҷараи оҳанинро дар оташ сурх карда, тахтапушти маро бо он доғ карда бошанд.

Маро он рӯз аз омӯзишгоҳ хориҷ карданд.

Омӯзишгоҳе, ки пас аз се моҳ хатмаш мебоист кунам.

Аз як нуқтаи назар ман дар ҳақиқат гунаҳгор будам ва ба ноҳақ будани ин ҷазо далел намеёфтам. Аз тарафи дигар, медонистам, ки кӯча чист, медонистам, ки полизбон,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

алавмон, подабон, кӯдакбон ва дастёри хонаи мардумон будан чист ва он ҳамаро бо орзуҳои ба ҷони ҷавонӣ парвардаи худ баробар гузошта, ба тақдирам тан дода наметавонистам. «Омӯзишгоҳ нотамом монад, ба институт қабул намекунанд, мегуфтам, ба институт қабул накунанд, адабиёт чӣ мешавад, мегуфтам, ҳаваси шеъру шоирӣ чӣ мешавад, журналу газета чӣ мешавад. Душанбе бо бузургони илму маданият ва маърифаташ чӣ мешавад, мегуфтам. Не, гузаштаи маро тақдирам ба ғорат дод, бас аст. Ояндаамро ба ғорат намедиҳам!». Ва ман ба назди Шкарбан рафтам. Ӯ котиби якуми обкоми Кӯлоб буд ва дар байни хурду калон ва пиру ҷавони вилоят ба хушфеълӣ, некӯкорӣ, ҳоҷатбарорӣ ном баровarда буд. Рафтам ва ҳеҷ кас дар остонаи обком аз ҷояш ҷаста дар пешорӯи ман найза наистод, иҷозатнома напурсид ва аз дар берунам накард, чуноне ки ҳоло мекунанд, баъд аз шастсолагиям, баъд аз чилу панҷ соли стажи меҳнати ҳалол ва муборизаи ҷонсупорона, баъд аз навиштани чилу чор китоб, баъди сию панҷ сол аъзои КПСС будан. Хайр, ба ин гилаҳо аҳамият надиҳед. Ин ҳамту, дар омади гап. Хулоса, ки даромадам. Шкарбан, як марди чу оҳангар шонапаҳни тануманде пеши мани сағера бархост ва бо дасту панҷаи қавии худ дастаки маро гирифта бурда ба паҳлуяш шинонд ва бо ҳамон талаффузи махсусан ширину ширадор, ки ҳарфи тоҷикӣ дар забони русҳо садо медиҳад, пурсид:

– Ку, ҷӯра, гап зан, киӣ, аз куҷоӣ, чӣ кор дорӣ?

Ман гуфтам, ки: – Хонандаи курси сеюми ҳамин омӯзишгоҳи педагогиям. Лекин имрӯз аз омӯзишгоҳ хориҷам карданд.

– Ай, барои чӣ? – Шкарбан, ки ба пурсупосаш оҳанги шӯхӣ ва ҳазл муқаррар карда буд, якбора ҷиддӣ шуду стулашро ҷунбонда, гӯё ба ман наздиктар нишаст ва сару синаашро ба сӯи ман моил кард.

– Барои он, ки мо дукаса шуда як хабаркашро лат кардем, – гуфтам ман.

– Хабаркашро?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ҳова.

– Лат карден? Яъне чӣ хел лат? Албатта то мурданаша назадагистен?

– Не, ин хел лат не.

– Маъибуш ҳам накарден?

– Не. Ду-се бор сараша ба ови ҷӯйбор зада гирифта, камтар таруш кардем, камтар ов ҳам хӯрд.

– И хел боша, гапи дигар. Бо ма тарсидум, ки ё куштенуш ё маъибуш карден, – мегуфт Шкарбан ва шавқи хандиданашро базӯр пинҳон мекард.

– Не, ҳеҷ балош назад, тар шуду халос.

Шкарбан ниҳоят завқашро дар дил дошта натавониста қоҳ-қоҳ зада хандиду гуфт: – Барои ҳами қадар кор тура хориҷ карда бошанд, парво накун, боз гашта медроремут, – ва ба котибаш фармуд, ки «Мансуровро ёбед».

Мансуров, ки мудири шӯъбаи вилоятии маориф буд, дар кабинеташ будааст.

– Мансуров, салом. Чӣ хелӣ? Созӣ? Корот чӣ? Мешаван?.. – Сонӣ, баъд аз се-чор саволи партиявию хоҷагии дигар ба масъалаи ман гузашт: – Мансуров, о и ҷӯраи мора барои чӣ аз интернат хориҷ карден?

Аз афташ, Мансуров нафаҳмид, ки сухан аз кӣ меравад ва «кадом ҷӯратона?» гуфта пурсид.

Шкарбан мембрани дастаи телефонро ба кафи дасташ пӯшонида, оҳистекак пурсон шуд, ки «чӣ ном дорӣ?» Ман номамро гуфтам ва ӯ номи маро дар телефон такрор кард.

Такрор кардан баробар дастаи телефон аз дасти Шкарбан канда парида мерафтагӣ шуд ва ӯ онро аз буни гӯшаш хеле дуртар дошта истода, ба ман нигоҳ мекарду ба маънии «ҳай-ҳай» сар меҷунбониду механдид. Мансуров қариб даҳ дақиқа шикоят кард. Ниҳоят, вақте ки ӯ хомӯш шуд, Шкарбан гуфт:

– Рафиқ Мансуров, нахо ба ҳами дараҷа ноилоҷ бошен? Нахо аз гуноҳаш гузашта натавонен?.. Мактабашро се моҳ мондааст. Нахо ҳаминро ҳам ба назар нагирен?

Лекин Мансуров қабул накард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шкарбан дастаи телефонро аз гӯшаш дур карду ба ҷояш намонд, дошта истод, вале аз он ҳоло ҳам овози Мансуров меомад.

Шкарбан дастаи телефонро ба ман нишон дода истода гуфт: – О ту, ҷӯра, сардорота девона кардаӣ-ку! Чӣ кор кардӣ, ки иҳо иқа чапут гирифтан? – Ва ман ду-се воқеаи ҷанҷолии дигарро холисанлиллоҳ ба ӯ нақл кардам. Ӯ сар меҷунбониду механдид. Ниҳоят ӯ хандаашро бас карду ҷиддӣ шуд.

– Чӣ кор кунем? И Мансуров гапа нагирифта истода-аст. Бест, ки ту ай куҷо мешавӣ? Ховалинг? Дар Ховалинг кӣ дорӣ? Ҳеҷ кас надорӣ? Детдомиӣ? О детдоми Ховалинга соли чилум баста буданд-ку? А-а, ай детдоми Кангурт омадаӣ? О и хел бекасу кӯй бошӣ, ай интернат хориҷут кунанд, куҷо меравӣ? – Шкарбан ҳолу аҳвол ва шарту шароити маро пурра тасаввур карда истода, ба қарори қатъӣ омад ва дастаи телефонро ба гӯшаш монда, ба Мансуров бо забон ва оҳанги дигар гап зад:

– Рафиқ Мансуров, ман аз шумо илтимос мекунам, ки ин дафъа ҳам аз гуноҳаш гузаред ва монед, ки мактабашро тамом кунад... – Аммо вақте ки Мансуров нею нестони бисёр кардан гирифт, Шкарбан каме ба ғазаб омад ва гуфт:

– Рафиқ Мансуров, дар омӯзишгоҳатон ҳамин хел бачаи шӯрапушт якта буд ё боз ҳаст? Боз ҳаст? Чандта? Тахминан панҷ-шашта? Набошад, аз ман ба шумо маслиҳат: ҳамон панҷ-шаштаи боқимондаашро ҳам аз омӯзишгоҳ хориҷ кунед. Истед, ман маслиҳатамро ҳоло тамом накардаам. Ҳамаашро хориҷ кунед ва ба обком биёед. Ман ба ҷои онҳо аз қатори коркунони обком ба шумо панҷ-шаш кадри аз ҳар ҷиҳат тайёри ба таълиму тарбия эҳтиёҷ надоштагиро ҷудо карда медиҳам. Онҳоро мебаред, ба омӯзишгоҳ ба қайд мегиред ва ба потолок, ба тори кос туф карда мегардед. Ба онҳо ҳеҷ чиз лозим нест: на таълим, на тарбия, на сару либос, на хурду хӯрок. Ҳамаашро худашон доранд. Чӣ гуфтед дар ҳами



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

маслиҳат? – ва чи гуфтани Мансуровро интизор шуда наистода, дастаи телефонро таққӣ ба ҷояш монд.

Монд ва аз ҷояш бархоста ба тарафи ман гузашту сарамро сила карда истода гуфт:

– Бра, ҷӯра, мактабата тамом кун. Лекин кӯшиш кун, ки ба ҳеҷ кас и хел корут наафтад. И хел дастгирӣ ай дасти ҳар кас намеояд,– ва гоҳ ба сарам, гоҳ ба китфам досташро гузошта то дари кабинеташ оварду гуселам кард. Ман дар даҳлез се-чор қадам монда, баргашта ба ақибам нигоҳ кардам. Ӯ ба маънои тасдиқ ва тасалло мижа заду сар ҷунбонд ва дарашро пӯшид.

*25 июли 1991*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ХАРА ХАНДА, БУЗА БОЗӢ

## 1. ДАР ҶУСТУҶӮИ «ТАШАББУСИ МЕҲНАТӢ»

Дар сари замин мо панҷ нафар будем: сардори звено акаи Забир, мардаки зардинаи фатилариши як дасту як пояш шал, холаи Мошариф, зани аз чил зиёд не, вале дар куртаи карбосию рӯмоли докаи кайҳо боз бо собун дучор ноомада ба кампири шастсола монанд, ду духтараки ҳанӯз ба қад норасида ва ман, – сағираи чордаҳ-понздаҳсола, мухбираки газетаи вилоятии «Ҳақиқати Кӯлоб». Ба ман аз тарафи котиби масъули идораи газета вазифа супурда шудааст, ки дар мавзӯи «Ташаббуси меҳнатӣ» ду-се хабар ташкил карда биёрам. Дар тори сарамон – тобаи сӯзони офтоби моҳи июли соли 1942, дар зери по ва ҳудуди назарамон – замини пахта, аммо ба номаш замини пахта, дар амал бошад, як қитъаи бесоҳиби сартосар ғумай зер карда. Одатан буттаи ғумай ҷамъу гирд аст ва агар ба он даст нарасонӣ, чуқур реша медавонаду паҳну парешон намешавад. Берун аз замини кишт буттаҳои ғумай кам нестанд, буттаҳои ғафси ширадор, вале ягон-ягон, тоқа тоқа. Дар ин замини пахта бошад, ба дараҷае парешон шудааст, ки ниҳолҳои пахта ба чашм умуман наменамоянд. Гӯё ғумайро дар ин замин кишт карда бошанд. «Гӯё» не, ростӣ-ба-ростӣ кишт кардаанд. Заминро, ки рӯякӣ шудгор кардӣ, решаҳои ғумай шикаста пора-пора мешаванд, яъне ҳар буттаи ғумай ба даҳ-бист қаламча тақсим мешавад ва ҳар як қаламчаи дар замин монда, хоҳ ба таги хок монад, хоҳ ба рӯи хок, зуд реша давонда, сабз мешавад. Ин замин айнан ба ҳамин аҳвол гирифтор шудааст. Якум ин, ки онҳо шудгори чуқур накардаанд, дуюм ин, ки баъд аз шудгор заминро аз решаҳои шикастаи ғумай тоза накардаанд. Ва дар натиҷа замини пахта ба ҷангали ғумай мубаддал шудааст. Ва ин чор мискини бечора бо чор каландаки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кайҷукилебдастаи дамгаштаву зангзадагӣ бояд ҳамин қадар ғумайи маҳшарро нест кунанд ва заминро ба замини пахта табдил диҳанд. Коре, меҳнате, ки тасаввураш кунӣ, дилу дастат хунук мешавад ва ҳеҷ гуна ташаббус, ҳатто ташаббуси деҳқони сархаму итоаткори советӣ, аз ӯҳдаи он баромада наметавонад. Ин аст, ки он чор нафар, як ятиму се чурии ба ғаму кулфату қашшоқӣ гирифтор, дар сари он замин ба дараҷае афтодарӯҳ буданд, ки ҳозира худаш ҳазрати Азроил фуруд ояду амонати Худованди каримро талаб кунад, онҳо шод мешуданд. Не, дурӯғ гуфтам. Он ду духтараки дувоздаҳ-сездаҳсола, бо вуҷуди он, ки побараҳна буданд ва дар кафидаҳои кафҳои пояшон келас ҷой шуда метавонист, бо вуҷуди он, ки ба тан куртаҳои карбосии чиркин ва пур аз поргӣ доштанд, бо вуҷуди он, ки рангакашон зард буд ва рухсораҳои барги гул барин нозуки онҳо пӯсту-устухон буданд, бо вуҷуди ин ҳама бечорагиву бенавоӣ онҳо каланд зада истода, ба якдигар ким-чӣ гӯшакӣ мекарданд ва қиқир-қиқир механдиданд. Онҳо кӯдак буданд. Дар пеши пои кӯдак мурам! Дар ҳама ҳолат барои хандаву хурсандии худ сабаб меёбад. Дар пеши хонаи сӯхтаи падараш, дар сари тобути модараш пишаке, кучукаке бо ӯ майли бозӣ кунад, кӯдак не намегӯяд, ба бозӣ медарояд.

Дар сари замин каланди зиёдатӣ набуд. Ман гоҳ аз дасти духтаракон, гоҳ аз дасти холаи Мошариф каландашонро гирифта чобук мекардам. Вале на дар вуҷуди худ, на дар симои онҳо «ташаббуси меҳнатӣ»-ро пайдо наменамудам. Онҳо ба кадом як асбоби даври бобоӣ, асбоби шалақи кайҳо таъмир надида ва равған намолида монанд буданд, ки корашонро оҳиста-оҳиста баҷо меоварданд, шитоб намекарданд ва дар ҳаракатҳои онҳо хушию хурсандӣ ҳис карда намешуд.

Ҳамчун мухбири советӣ ман ҳам дурӯғгӯиро ёд гирифта будам, вале дар айни ҳол вазъият ба дараҷае ғамангез буд, ки ба гуфтани дурӯғи оддии мухбири советӣ дилёб намешудам. Ҳайрон будам, ки ба идораи газета доир ба «ташаббуси меҳнатӣ» чӣ хабар мебарам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба болои ин даме нагузашта, худи барқасд кардагӣ барин як воқеае рӯй дод, ки «ташаббуси меҳнатӣ» он тараф истад, акнун намедонистам, ба котиби газета доир ба командировкаам ҳисоботи оддиро чӣ хел нависам.

Воқеа ин хел сар зад: аввал аз дур аспсаворе намудор шуд. Вай ба пайраҳаи лаб-лаби беша ба тарафи роҳи калон мерафт. Аммо, вақте ки ба мо баробар шуд, баногоҳ ҷилави аспашро гардонду пахтазорро миёнабур карда, ба назди мо омад. Дигаронро намедонам, ман ӯро шинохтам: ӯ раиси комиҷроияи шаҳр ва райони Кӯлоб, депутати Совети Олӣ, аъзои чандин бюроҳо ва чандин комиссияҳо... апаи фалонӣ буд. Ба мо наздик шудан баробар аз асп нафуромаданаш кам буд, ки салом надода, ҳолпурсӣ накарда, ба дӯғу пӯписа ва дашному ҳақорат сар кард.

– Соҳиби ин замин кияй? – дӯғ зад апаи раис аз болои асп.

Акаи Забир, мискин аз таъсири хиҷолату шарм, даҳанакашро каҷ карда, тарсону ларзон пичиррос зад, ки: – Ман.

– Даҳани каҷут дар гӯр, ин заминро ба чӣ аҳвол расонидаӣ! Мемурдӣ, ки ҳамин чобуқта даҳ рӯз пеш сар мекардӣ! Акнун пахтае, ки аз ин замин меруёнӣ, ба кафанут ҳам намерасад! – мегуфт апаи раис ва дар ҳар ҷумлааш албатта як дашноми таҳҷоиро қуш мекард.

Ман ҳам, мухбираки сездаҳ-чордаҳсола, аз мардуми ҳамон тарафам ва забони ман ҳам он қадар баодобу маданӣ нест. Лекин айғоқӣ ва берӯии он занак ба дараҷае ноҳақ ва бераҳмона буд, ки сабру тоқат дар дилам ба печутоб хӯрдан сар карданд.

– Дониста бош, мурданӣ, пагоҳа худаш омада хабар мегирам: агар заминат тоза набошад, дастаи ана ҳамин қамчина… – ва беваи хонасӯхта чунон ҳақорати қабеҳ кард, ки замин накафиду мо дароем.

– Апаи фалонӣ, – номашро гирифта гуфтам ман. – Худо ҷони ту барин роҳбара бигирад, намешавад?

– Чӣ-й! Чӣ гуфтӣ, сағераи падарнаълат! – беваи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бачаҳалок чунон хашмгин шуд, ки алмастии девона барин ба чор тарафаш кашм парронда қамчинашро бардошт ва аспашро ба сари ман ҳай кард.

Аммо ман исту-бист накарда, кулӯхи барзангии офтобхӯрдаеро бардошта бо тамоми қувватам ҳаво додам, ки он ба сари асп хӯрд ва асп дард ёфт ё тарсиду тур гирифт, ки чапғалат ҳалос кард ва депутати даҳанбефаровез аз болои асп ҷуволи пору барин гуппӣ омада ба замин зад.

Ба ин дараҷаи ҳайрату тааҷҷуби ӯ, ба ин дастур лолу гунг шудани ӯ ман он вақт шояд пурра сарфаҳм нарафта бошам, аммо имрӯз онро батамом дарк мекунам. Беҳаёе, ки солҳои дароз бе танбеҳ ва бе ҷазо беҳаёӣ карда омадааст, рафта-рафта ба гумоне одат мекунад, ки ӯ сутуни замин аст ва ягон бандаи хокӣ ба ӯ бояд шак наорад ва гапашро нагардонад. Ва дар натиҷа ба эгоизми девонавор гирифтор мешавад, ки ман ин девонагиро дар симои он зан дидам.

Дар ин байн апаи депутат ба худ омад, бо ҳақорату тааддӣ аз ҷояш бархост. Аз афташ мехост маро қамчиншап кунад, лекин чашмаш ба дастам афтод, ки бо кулухи дигаре тайёр шуда истодаам, аз нияташ баргашт ва ба аспаш савор шуда таҳдид кард:

– Ман туро меёбам, сағераи падарнаълат!

– Маро кофтан лозим нест, ман мухбири газетаи худатонам, – гуфтам ман бепарво ва нотарсона.

Ӯ рафт. Дар сари замин чанд дақиқа хомӯшии нохуши ба тарсу бим сиришта ҳукмрон шуд. Вале ҳама гапу калочаи дунё гузарандаанд. Ин хомӯшӣ ҳам гузашт. Ва мо хандидем. Аввал духтаракон хандиданд. Онҳо дар ин моҷаро пеш аз ҳама воқеаи хандаоварро медиданд. Сонӣ ман хандидам, чунки ба хандаи кӯдакона софу беғубори духтаракон шарик нашудан мумкин набуд. Баъд охир дили ман, рӯҳи ба як буғзи бисёр кареҳ гирифторшудаи ман сабук шудан мехостанд. Ин моҷаро ва дилхунукии ба тавраш ба ҷисми инсон бегона мебоист фирор кунад. Зеро на танҳо ҷисми инсон узви бегонаро аз худ зада



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

пеш мекунад, балки рӯҳ ҳам тоқати ба вазъияти бегона муросо кардан надорад. Ин аст, ки аз хандаи мо ҳатто дар симои кайҳо боз хандаро фаромӯш кардаи холаи Мошариф табассум пайдо шуд. Акаи Забир ҳам худашро то охир ҷиддӣ ва ғамгин дошта натавонист. Хулоса, дар сари он замини ҳамчу соҳибонаш бесоҳиб як замзамаву як тантанае боло шуд, ки гӯё ҳамаи мо бойбачаҳои масти холабеғам бошем.

Ин аст, ки он хандаро дар он муҳити ғаму кулфату бедармон ман хамчун мукофоти бебаҳои тақдир як умр фаромӯш накарда меоям.

*1990*

## 2. ХУНИ ҶИГАР

Шарифзода аввал ин, ки кӯлобӣ буд. Сонӣ бояд таъкид кунам, ки аз ховалингиҳои Кӯлоб буд, сеюм ногуфта намонад, ки такягоҳи забардасту тавоно ва пирмуроди бонуфуз надошт. Чорум чӣ? Чорум ин, ки одами ҳалолу покиза ва банангу номус буд, панҷумаш аз ҳама аҷоиб: ростгӯ ҳам буд, боз аз ростгӯҳои оддӣ ва нимча мебуд, як навъ буд, бебахт ростгӯи шартакӣ ва шӯртакигӯй буд ва ҳамаи ин «айбҳояш» бо ҳам муттаҳид гардида, ӯро ба бечорае табдил дода буданд, ки шутур он сӯ истад, аз болои фил ҳам сагаш метавонист газад. Ману ӯ дар ҷараёни кори идеологӣ дучор омадем ва шинос шудем: ӯ инструктори шӯъбаи ташвиқоту тарғиботи ташкилоти партиявии шаҳри Кӯлоб буд, ман бошам, агитатор, газетахон дар чойхона. Ӯ зан дошт, чор фарзанд дошт ва ба пули ҳамон вақтҳо ду хазор сӯм маош мегирифт. Лекин ана ҳамин камбағалии ӯро ҳам тақдир барои ӯ хушбахтии аз ҳад зиёд пиндошта, «саге» шуд, ки як рӯз мискинро аз банди пояш сахтакак газид.

Воқеа ин тавр сар зад: ӯ дар рафти корҳои партиявӣ, советӣ ва иҷтимоияш ба ҳодисае дучор омад, ки дар байни мансабдорони шаҳрию вилоятии Кӯлоб фамилияҳои бо суффикси «ко» тамом мешудагӣ аз ҳад зиёд шуда бу-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

даанд ва дар кадом як маҷлис ӯ гӯё баромад карда, ба ин ҳодиса ба таври таҳқиромез эътироз баён карда бошад.

– Ин ҷо равӣ, «ко», он ҷо равӣ, «ко», Кӯлоб пур аз «коко» шуд-ку, – гӯё гуфта бошад.

Он солҳо ҳаминаш ҳам кифоя буд, ки гӯию поят аз осмон биёяд, ҳафтае ногузашта худро дар кадом як гӯшаи Сибир, Камчатка ё Анадир бинӣ. Агар туғёни даҳшатангези онвақтаи сталинизм ва бедодгариҳои ташкилоти ҷинояткорони Берияро ба назар гирем, ҷазои ба Шарифзода додаро ҷазо не, мукофот номидан мумкин аст. Зеро ба ӯ фақат танбеҳи сахти партиявӣ доданд, аз кор пеш карданд, рав, чор тарафат дӯзах нагуфтанд. Шарифзодаи бечора маҷбур шуд, ки кӯч канад, зану фарзандонашро гирифта ба Душанбе ба сояи девор ва таги боли хешу ақрабои занаш биёяд ва аз нони партиявӣ умедашро канда, ба анбӯҳи хушачинони соҳаи маориф қатӣ шуда, ризқу рӯзияшро он ҷо ҷустуҷӯ кунад.

* * *

Дар комитети иҷроияи шаҳри Душанбе машварат ба охир расид. Доир ба масъалаи чоруми рӯзномаи машварат ба чунин қарор омаданд: ҳамаи лоиҳаҳо тайёранд. Дар банки бинокорӣ маблағ ҷудо кардаанд ва он интизори сарф аст. Ба сохтмони навбати нави Варзоб-ГЭС-и поён сар кардан лозим аст.

– «Сар кардан лозим» ба гуфтан осон аст. Он бисту ҳафт бунаеро, ки дар сари роҳи канал хона доранд, кӯчондан лозим, ҳавлии нав додан лозим, ҳисобу китоби пулию молии худро бо онҳо баробар кардан лозим, сонӣ ба кандани ҷӯйбори ГЭС шурӯъ намудан мумкин аст, – гуфт яке аз иштирокчии машварат.

– Осиёби бобоӣ набудани ГЭС-ро ҳама медонанд. Кӯчондан лозим бошад, мекӯчонем, участкаи нав додан лозим бошад, медиҳем, ҳатто хонаи нав ҳам сохта дода метавонем. Аммо инашро ба ҳеҷ кас овоза накунед, чунки хонаи нав сохта дода наметавонем, – хандид раис ва дигарон ҳам ба ин лутфи раис завқ карданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хулоса, машварат ба охир расид. Супоришҳо тақсим карда шуданд .

Ва дар баробари кори хайр, ки сохтмони ГЭС дар ҳақиқат кори хайр буд, фитнаву шарри шайтон ҳам ба ҳаракат даромад.

Бегоҳӣ, ҳангоме ки ҳамаи хизматчиёни комитети иҷроия аз кор рафтанд, як мардаки паканаи қаду бараш қариб бад-баробар дар кабинети кунҷакии худаш танҳо монд ва ким-киро аз ким-куҷо ба воситаи телефон ба наздаш фарёд кард.

– Авлиёқул, зуд биё, кор ҳаст, – гуфт ӯ.

Баъди тахминан даҳ дақиқа аз кӯча як паканаи ғурри дигар даромада омад. Маълум буд, ки ӯ дар кадом як бинои ба комитети ичроия наздик ё хизмат мекунад ё истиқомат.

– Ассалому алайкум, – гуфт ӯ, дарро кушода, ду кафи дасташро ба поёни шикамаш часпонда ва қомати тамоман бемиёнашро ба пешу пас ҷавлон дода.

– Салом. Биё. Кор ҳаст, кори калон аст. Агар майнаатро дурусттар кор фармоӣ, дар моҳи оянда камаш сад ҳазори муфти қурутро ба киса зада метавонем, – гуфт ӯ.

Ин гап аз даҳони соҳибаш баромадан баробар дар чашмони паканаи дуюм барқе шуду милтӣ кард, айнан монанди он, ки паланг ё бабр банохост сайдашонро мебинанд.

– Канӣ, канӣ, – гуён паканаи дуюм омада дар паҳлуи чапи мизбон нишаст.

Соҳиби кабинет нақшаи Варзоб-ГЭС-и поёнро ба рӯи столаш паҳн кард: – Ана аз ҳамин ҷо, аз парчовгоҳи оби Варзоб-ГЭС-и дуюм канали Варзоб-ГЭС-и сеюм сар мешавад. Дар ин роҳ ана то ба ин ҷо ягон хона нест. Лекин, ана аз ин ҷо, аз поёнтар сар карда, то ба бинои ояндаи станция бисту ҳафт буна истиқомат мекунад. Бисту ҳафт хонаи шахсӣ. Ҳамаи онҳо аз сари роҳи канал бардошта мешаванд. Мефаҳмӣ?

– Не-ку, ақлам нагирифта истодааст, – ҷавоб дод паканаи дуюм.



бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ҳафтафаҳм! – сарзаниш кард ӯро соҳиби кабинет. – Аз ин сохтмон, аз рӯи роҳи канал, аз кӯчондани бисту ҳафт буна ҳоло ҳеҷ кас хабар надорад. Ба гӯши ҳар кадоми онҳо ба таври алоҳида, махфӣ, маънидор карда расонидан даркор, ки сари вақт хонаҳошонро фурӯшанд. Ҳоло ки ҳеҷ кас аз оғози сохтмони канал хабар надорад, ҳар як хонаро ба нархи панчоҳ-сад ҳазор сӯм фурӯхтан мумкин аст. Вақте ки ин хабар паҳн мешавад, он хонаҳоро ба панчоҳ сӯм ҳам касе намехарад. Фаҳмидӣ ё не, ландаҳур!

– Яъне соҳибхонаҳои махфӣ хабардор карда шуда хонаҳошонро ба бехабарон фурӯхта фоида мекунанд ва аз нӯги он фоида ба мо хизматпулӣ ё ширинкома медиҳанд. Онҳое, ки мехаранд, бой медиҳанд, хонаашон месӯзад. Лекин кори мо чӣ! Мо ба ҳеҷ кас ҳеҷ чиз нагуфтаем.

– Ҳақ асту рост, ҷони акош, – гуфт паканаи кабинетдор. – Кора сар кун, Авлиёқул. Чор-панҷ ҳазор сӯм аз савдои ҳар хона. Ҳамагӣ айнан ҳамон сад ҳазоре, ки ба ту гуфтам.

* * *

Яке аз он бехабароне, ки бо нӯги сӯзан, бо гардани каҷ, бо қарзу қаволаи ҷонкоҳона пул ҷамъ карда, дар Душанбе хона харидан мехост, ана ҳамин Шарифзодаи мискин буд. Баъд аз пурсупосу кофтукови бисёре ниҳоят ба ӯ дарак доданд, ки дар паси институти педагогӣ, дар лаби бора хонаеро фурӯхтаниянд. Ва тақдири, барои чӣ бошад, ба Шарифзода монанди моиндари бадхоҳ бераҳм бо он ду қаллоб забон як карда, ӯро ба лаби бора оварданд. Хона ҳанӯз нотамом буд: хишташ хом, беандова, фаршаш хокӣ, ҳавлии бедолударахт, гирди ҳавлӣ – бе девор, бе дару дарвоза. Маълум шуда меистод, ки соҳиби хона сохтмони сар кардаашро бо кадом як сабабе ба охир нарасонида аз баҳраш гузаштанист.

Қисса кӯтоҳ, фурӯшандаи аз қаллобӣ огоҳ чордевори нотамоми худро нағзакак фурӯхт, харидори аз касофат



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

бехабар кисаҳояшро чапаву роста карда, такида, охирин нонрезаҳои дастархонашро афшонда, барои кӯдакони камризқаш сарпаноҳ харид. Хайр, чуноне мегӯянд, ҳаминашба ҳам шукр. Худо аз ин бадтар накунад! Лекин худои маҳз ба бечорагон номеҳрубон чӣ парво дошт, ки дар лаби бораи паси désinститут бечораеро ғорат карда истодаанд.

...Аз байн як сол гузашт. Шарифзода ҳамчу мӯрчае, ки ғариза, яъне инстинкти табиияш ӯро бекор монда наметавонад, шаба шаб нагуфта, рӯза рӯз нагуфта, чӯбу чахс мекашонад, то он чор девори нотамомро ба тартиб дарорад, ҳеҷ набошад, фарши хонаро тахта гирад, то кӯдаконаш нам гирифта бемор нашаванд. Ӯ шитоб намекард, чунки имкон ва илоҷи шитоб кардан надошт. Ӯро дар ягон идораи хишту чӯбу тахта интизор набуданд. Ягон ҷонзоди олам худро аз ӯ қарздор намедонист. Ӯ симои зиндаи одамоне буд, ки талбидан, дуздидан, шилқинӣ, хушомад ва дидадарой кардан аз дасташон намеояд. Ва дар дунёе, ки ба бозори калоба монанд шуда, дар он саг соҳибашро намеёбад, фарзанд падарашро намешиносад, азоб кашидани Шарифзода барин хоксоронро худо худаш фармудааст.

Қисса боз як бори дигар кӯтоҳ, аз байн як сол гузашта буд, ки хабари сохтмони навбати сеюми Варзоб-ГЭС паҳн шуд, ҷояш муайян гардид, роҳи ҷӯйбораш таъйин шуд ва дар қатори он бисту ҳафт бунаи фиребхӯрда хонаи Шарифзодаи камбағал ҳам дар сари роҳи канал афтод…

…Баъди панҷ-шаш соли заҳмати ба ҷонканӣ монанд, вақте ки як рӯз аз кунҷи лабони Шарифзодаи ба ранги зард афтода хун заҳида баромад ва ӯро аз рӯи суфаи ҳанӯз каҷукилеби ноҳамвори ҳавлии наваш ба беморхона бурданд, духтурон муайян карданд, ки хуни ҷигар шудааст.

Ӯ аз он ҷо ба хонаи наваш барнагашт.

*1990*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## 3. МАЗҲАКАИ «ОШ»

Бинои дуқабатаи омӯзишгоҳ ба ҳарфи «Т» монанд буд. Дар қабати поёнаш хоб мекардем, дар қабати болош дарс мехондем. Тирезаҳои даҳлези хобгоҳ равшаниро аз пушти бино, аз ҳавлии дарун мегирифтанд. Думчаи ҳарфи «Т» ҳам ба ҳавлии дарун мебаромад, ки дар вай китобхона, қироатхона ва дар як гӯшааш хонаи истиқоматии директори интернат-омӯзишгоҳ ҷойгир буданд. Яъне ҳавличаи директор аз тирезаҳои даҳлез ҳамеша чун кафи даст дар пеши назари мо кушода буд. Бинобар ин дар ҳавличаи директор чӣ ҳодисае, ки рӯй медод, касе, ки меомад, чизе, ки меоварданд ва мебурданд, аз чашми мо пинҳон намемонд. Ба ҳама гуна рубӯчину пухтупазу шустушӯяшон мо беихтиёр шоҳид будем. Чунки чашм дарёст. Чашмҳои мо бошанд, дарё кучо, барқ буданд. Мо, бачагони чордаҳ-понздаҳсола, бе оила калон шудагон, ҳамекамон бар замми он ташнаи корубори оиладорӣ, гирифтори мароқи кунҷковӣ, ҳавасманди рӯзгори шахсӣ ва маҳрамона будем. Барои мисол, ба торбанд овехтан ва химча зада афшондани гарду чанги палос худаш чист? Ҳеҷ чиз, як кораки ифлоси ятимона. Лекин мо мехостем, ки овехтани ҳамин палос ва афшондани гарду чанги онро ба мо фармоянд. Мо ҳасад мебурдем, ки директор ҳамин хел кӯрпаву кӯрпачаи тозаву озодаи рангоранг дорад ва онҳоро на мо, балки ягон каси дигар ба торбанд овехта офтоб медиҳад. Як худи дар дегдончаи ҳавлӣ алов даргиронидан, ба арзи ду-се кас дегча монда равған ширин кардан дар чашми мо ҳангомаи динию мазҳабӣ менамуд. Ё бӯи пиёзи бирёнро намегӯед! Мо намедонистем, ки кас ҳамон пиёзи тунди бадбӯйро дар равғани ҳалолу покиза, барои оилаи худ бирён кунад, ин қадар хушбӯй мешудааст, ин бӯи хуш аз ҳама дару тиреза ва рахнаву сӯроххо мегузашт, сартосари биноро муаттар менамуд, мои гушнаҳои зорро аз як ҷиҳат мазоқу масхара ва безобитаву беқарор мекарда бошад, аз тарафи дигар орзуву хаёли



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

моро навозиш медод, умеди моро қувват мебахшид ва тасаллои дил мешуд, ки ҳанӯз на ҳама хушиҳои зиндагӣ аз байн рафтаанд, сабр кунед, ба шумо ҳам як рӯз не-як рӯз муяссар хоҳанд шуд. Аммо синну соли мо кучову сабр! «Ман худ ба чашми хештан дидам, ки ҷонам меравад» гуфтагӣ барин барало ҳис мекардем, ки бо зарраҳои бӯю тафт, бо оҳанги дилнавози ҷиззу-бизи мазҳакаи «ош» тобу тоқати мо ҳам мекоҳад.

Вақте ки оби пиёз париду муқобилияти он ба равғани тасфон хотима ёфт ва гӯё ба тақдираш тан дода таслим шуд, вақте ки пиёз ба сӯхтан моил гардид, янгаамон сечор порча гӯшти тару тозаро ба дег партофт ва равғани тасфида аз сари нав туғён бардошт ва ба хотима додани муқобилияти гӯшт сар кард. Акнун ба бӯи хуши равғани доғу пиёзи бирён бӯи кабоб ҳамроҳ шуд ва чуноне ки кулияк, яъне ҷоғи гурги гурусна дар дақиқаҳои аввали сайди худро дидан мебандад мегӯянд, чоғи мо ҳам шикки баста шуд ва кушоем гӯем, кушода намешуд, дард мекард. Мо на танҳо бӯи кабобро мешамидем, балки худи он ҳам дар пеши назари мо шакл мегирифт, гӯшти шиттаи хунолуд ба пораҳои ларзонаки чандир табдил меёфт ва аз бӯи дилошӯби он мо девона намешудему халос. Сонӣ янгаамон чун ҷаллоде, ки қурбонии худро ба ҳазлу лутфу навозиш, ба меҳрубонӣ кушта омӯхта шудааст, дегчаашро мекофт, гӯшту пиёзашро тагурӯ мекард, бӯи ҷонбахши неъмати дастнорасро гӯё барқасди мо зиёда бод медод ва моро маст намуда истода бе корд мекушт. Янгаамон дегчаашро ба сарпӯша пӯшида ба хона даромад. Оҳанги дегча дигар шуд: гӯё онро буғӣ карда истода бошанд. Зарраҳои бухор, ки дар сарпӯша ҷамъ шуда, ба қатраҳо табдил ёфта баргашта ба дег меафтиданд, деги тасфидаро бо мақомҳои гуногуни обу оташ ба шӯр меоварданд. Баъди якчанд дақиқа янгаамон бо як табақча сабзии қалам ба сари дегашон баргаштанд ва дегашонро боз як маротибаи дигар кофтанду сабзиро ба болои гӯшт рехта болиштча барин тапида гирду ҷамъ намуда сарпӯшаро ба ҷояш монданд. Ва аз сар то охири



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ин намоиш, бояд гуфт, ё моро намедиданд, ё медиданду назарашон намегирифт. О янгае! Бо думи шер бозӣ карда истодаӣ, янга! Ту ҳамаи моро мешиносӣ. Як нигоҳ ба сӯи мо афканию табассум кунӣ, шояд сари роҳи он балоеро, ки лап зада деги туро қабу дорад, гирӣ. Вале назари ту моро намегирад. Аммо маънии ин рафтори туро ҳам фаҳмидан мумкин аст, янга. Ту моро медидию табассум карда рӯи хуш нишон медодӣ, ба шӯхӣ, бардурӯғ, бо дили нохоҳам ҳам бошад, мебоист ба ош таклиф мекардӣ. Аммо охир дар таърихи муносибатҳо чунин меҳрубонию саховатмандӣ на як бору ду бор қимат афтидагист. Ту моро таклиф мекардию мо не намегуфтем, чӣ мешуд? Мана гап дар куҷо, янга. Мана чӣ мегӯяд таҷрибаи ҳаёт, янга! Туе, ки ҳамаи мо банавбат ин ё он хизмататро баҷо овардаем, об кашондаем, кунда кафондаем, чӯбу чахс чиндаем, кӯдакатро хап дорондаем, пуштатро гардондию ош пухтӣ, саратро набардоштӣ, ба мо нанигаристӣ, табассум накардӣ, янга. Ё изо мекашидӣ? Охир он ҳундуқоберо, ки ба мо медиҳанд, бо ин оши ту баробар кунӣ, изо ҳам кашидан мумкин аст. Умуман, янга, дар пеши рӯзгор ту ҳам ночорӣ, мо ҳам ночорем.

Ниҳоят, вакте ки янгаамон биринҷро ба дег андохтанд, об рехтанд ва сарпӯшаро пӯшонда ба хонашон даромаданд, тобу тоқати мо ба тамом коҳид ва мо ба қарори қатъӣ омадем. Яъне ҳама фарзу суннатҳои одобу ахлоқ, директорию талабагӣ, апагию додарӣ, шарму ҳаё, тартибу интизом, рӯи хотир, тарсу ваҳм, ҷавобгарӣ, хулоса, ҳамаи он қоидаҳои маълум, ки одамон дар муносибати худ бо одамони дигар риоя мекунанд, банохост моро тарк гуфтанд ва мо танҳо мондем: панҷ сағираи гушнаи балохӯр ва як дегчаи ош. Панҷ гурги гурусна ва як барраи ширмак.

Ин фикрро аввал кӣ ба таклиф мубаддал кард, ба ёдам нест. Аммо дар дили ҳар панҷи мо дар як вақт пайдо шуда будааст, дар як вақт ва хеле барвақт, ҳанӯз ҳангоми дар сартосари бино паҳн шудани бӯи хуши пиёзи бирён.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мо, панҷ нафар тамошобинони фаъоли мазҳакаи «ош» ба ҳамдигар нигоҳе кардем ва дар байни онҳо алолам аз ҳама берӯ, бесар, бебок ман будаам, ки аз тиреза хез заданамро медонаму халос. Бо ду дасти урён дегчаи сӯзонро сари бод бардошта ба дасти онҳо супурдаму худи ба ҳавз паридагӣ барин худро аз пушти дегча ҳаво додам. Ва даме нагузашта мо, панҷ сағираи гушна, дар сари он дегчаи мискин бо даррандагии тамом имтиҳон додем, ки аз дараҷаи «одаму ош» бакуллӣ гузаштаем ва ба дараҷаи «гургу барра» бакуллӣ расидаем.

## 4. ИДИ «ШАВЛА»

Мувофиқи қонуну қоидаҳои сағирапарвари давлати советӣ дар мамлакати мо аз ҳама соҳибҳуқуқи имтиёзнок кӯдаконанд. Шояд ҳамин тавр ҳам бошад. Аммо бадбахтии кӯдакон дар он аст, ки онҳо худашон ҳуқуқи худашонро бевосита идора ва ҳимоя карда наметавонанд. Дар байни кӯдакон ва сарчашмаи ҳуқуқҳои онҳо ҳатман миёнаравоне истодаанд, ки аз ин сарчашма баҳравар шудани кӯдакон ҷобаҷо ба онҳо, ба инсофу маданияти онҳо, ба одамгарию шафқату меҳрубонии онҳо вобаста аст. Афсӯс, дар зиндагӣ бисёр мушоҳида кардаем, ки ин одамон, мутасаддиҳои ба ҳаёт татбиқ намудани он ҳуқуқҳо ва имтиёзҳо он қадар сағирапарвари бетамаъ нестанд. Бисёрашон ин хизматро ба умеди манфиати шахсӣ ба гардан мегиранд, ба умеди суде, ғанимате, ки аз миёнаравии онҳо, аз баковулии онҳо ба даст меояд.

Дар айни ҳол ман интернат-омӯзишгоҳи педагогии Кӯлобро дар солҳои ҷанг мисол меорам. Кӯлоб ақибгоҳи хеле ва хеле дур аз ҷанг буд. Вале вазъият дар омӯзишгоҳ, муносибат бо бачагони вай чунон буд, ки гӯё Кӯлоб ҳам монанди Ленинград дар муҳосираи тангу қавсайни душман афтида бошад. Маълум нест, бо айби кӣ, вале тадқиқотчие пайдо мешуду он солҳоро тагурӯ мекард, меёфт бо айби кӣ ҳамин хел шуда монд, ки як-



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

чанд вақт ҳаққи нон дар Кӯлоб то ба 250 грамм фаромада буд. 250 грамм ноне, ки агар обашро ҷафию каҳу сабӯсашро барорӣ, 150 грамм боқӣ мемонад, айнан баробар ба ҳаққи ленинградиҳои дар муҳосира.

* * *

Ҳар саҳар ба мо як коса ордоб медоданд. Ордбирён не, ордоб. Ва он ордоб ба дараҷае тунук буд, ки истилоҳи «оби раббано» шояд аз ҳамон гирифта шуда бошад. Вақте ки навбатчӣ ордобро ба косаҳо рехта ба рӯи стол мемонд, то қошуқ ба даст гирифтани мо як дақиқа ё ду дақиқа метавонист гузарад. Аммо дар ҳамин муддати кӯтоҳ ҳам орди будагии он ордоб метавонист таг шинад ва рӯи он ордоб ба об, ё дурусттараш, ба ҳундуқоби муқаррарӣ табдил ёбад. Хӯроке, ки ба мо аз давлат дар як рӯз як бор мерасид, ҳамин буд. Аммо ин тавр буданаш на танҳо ба ҳеҷ як қоида, балки ба истисноии ягон қоида рост омада наметавонист. Мо бо ҳамон ақли ноқиси бачагонаи худ медонистем, ки давлати советӣ аз гушнагӣ, аз қаҳтӣ мурда истода бошад ҳам, ба бачагонаш ин тавр рафтор намекунад. Сабаби ин дар дигар ҷост. Сабаби ин калонҳои беинсофанд, мутасаддиҳои тасодуф ва аз таги дор гурехтае ҳастанд, ки ба бачагон расонидани ғамхорӣ ва меҳрубонии давлати советиро ба зиммаи худ гирифтаанд. Ва маҳз бо айби онҳо ин ғамхорӣ ва меҳрубонӣ ба бачаҳо намерасад ё расад ҳам, дар шакли мана ҳамин ордоби раббано мерасад.

Ман шахсан ҳар рӯз ва рӯзҳое мешуд, ки ду-се маротиба шӯриш мебардоштам. Вале азбаски бачагон иттифоқ набуданд ва фаъолонаву якдилона тарафи маро намегирифтанд, ин шӯришҳои ман зуд шикаст мехӯрданд ва дар натиҷа ҳама шаттаву шалоқу сангу чӯби мағлубӣ ба сари ман меомад.

Навбатчӣ имрӯз ҳам ордобро ба косаҳо тақсим кард ва мо боз ба сари стол нишастем. Бо дили нохоҳам нишастем. Зеро бо мурури ин расвоӣ хӯрдани ордоб аксари моро ба маҷбурияти нофорам ва ҳатто манфур табдил



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ёфта буд. Ордоб аз гулӯ намегузашт, дили касро беҳузур мекард, зеро ҷисми мо аз об сер шуда буд ва ягон хӯроки сахт, як даҳан нони қоқ, ягон хел шӯла, ягон хоку балои сағерасеркунандаро талаб мекард. Мо ордобро бо қошуқҳоямон баланд-баланд ду-себорӣ сар карда дидем, ки имрӯз ҳам ордоб ҳамон ҳундуқоб аст. Дар ман дарҳол ҳиссиёти эътироз ва шӯриш дар гирифта рафт ва ман ордобамро ба котелоки аскарӣ рехта гуфтам:

– Касе, ки мехоҳад бо ман равад, хезад.

– Куҷо меравӣ?

– Кошки медонистам куҷо равам. Ба шаҳр меравам. Ягон худоҷӯе ёфт мешудагист, ки маро манъ кунад ва пурсад, ки дар котелокат чӣ дорӣ ва ба куҷо меравӣ. Ба назди кару кӯри олам истода, ордобамро ана ҳамин хел сар мекунаму мегӯям, ки хӯроки мо дар як рӯз як бор ҳамин аст.

Ҳама хомӯш буданд. Ҳеҷ кас ихтиёри бо ман рафтан надошт. Ман идрок карда наметавонистам, ки шикоят ва шӯришҳои сабабнок ва ҳаққонии ман ҳеҷ фоида надоранд ва натиҷаи нек нахоҳанд бахшид. Онҳо бошанд, аз афташ, ба хулосаи акси ин одат намуда, боварии қатъӣ ҳосил карда буданд, ки шӯришу эътироз дар мамлакати мо фоида надорад ва аз ҷояшон намеҷунбиданд.

Ман котелоки пури ордобро гирифта аз дар баромадам. Куҷо рафтанамро ҳоло намедонистам, вале мерафтам. Мерафтам ва оғӯштаи қаҳру ғазаб фикр мекардам, ки «агар директор ё облоно аз пешам ҳозир баромада монанд, бахудо ки ҳамин ордобро ба сару рӯяшон мерезам. Баъд ҳар чӣ коре, ки мекунанд, кунанд».

Хайрият, ки аз пешам ҳеҷ кас набаромаду зуд, ҳанӯз қаҳру ғазабам пасанда нашуда, ба назди облисполком расидам. Вай дар сари роҳи ман ва аз дигар идораҳои шаҳр наздиктар буд. Бе пушт-пушту пурсупоси зиёдатӣ ба даҳлези танги дарозе даромадам ва аввалин дареро, ки аз дасти чап пайдо шуд, кушода дохил шудам. Дар пешгоҳ, рӯбарӯи дар, пушт ба тиреза, дар паси столи хатнависӣ зане нишаста буд. Аз дари даромад ба дасти



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

рост шкафи зарди гирдаш кандакорӣ меистод. Банохост дари шкаф кушода шуду аз он шахсе баромад. Маълум шуд, ки шкаф шкаф набудааст. Вай дари махфии кабинети кадом як калон будааст ва онро дар чунин шакл барои он сохтаанд, ки агар ягон кас ба нияти сӯиқасд биёяд, фиреб хӯрад, надонад, ки дари кабинет куҷост. Хулоса, то ана-мана кардани он зан, яъне котиба, ман ҳадаҳа дари шкафро кушодаму даромада рафтам. Дар кабинети калону баланди барҳаво дар паси столи инчунин калон ва баланду васеъ тамоман номувофиқ бо кабинеташ як мардаки қадпастаки гирдакак нишаста буд. Фикр кардам, ки касе бошаду набошад, аз калонҳо будагист. Даромадан замоно мулоҳиза накарда, маътал ва андармон нашуда бурдаму котелокро ба рӯи стол ба таги бинии ӯ мондам. Вай – «ибби!» гуфту халос. Ман он вақт намедонистам, ки «ибби» чи маънӣ дорад. Хеле сонӣ фаҳмидам, ки онро агар ба лаҳҷаи кӯлобиҳо тарҷима кунем, «ай!» мешавад, мухотаби ҳайрат ва тааҷҷуб. Ман гап назада, қошуқамро аз кисаам баровардаму дар бари котелок мондам. Он мардаки қадпастаки кулӯла маълум нест, аз муғамбирӣ ё аз сабаби ҳақиқатан ба тааҷҷуб омаданаш чанд сония чизе гуфта натавонисту гоҳ ба ман, гоҳ ба даруни котелок нигоҳ карда ниҳоят пурсид:

– Ин чист?

– Ин ордоб аст, – ҷавоб додам ман ва қошуқамро бардошта, ордобро сар кардан гирифтам. – Ин хӯрокест, ки ба мо дар як рӯз як бор медиҳанд.

– Ту аз куҷо мешавӣ?

– Аз ҳамин омӯзишгоҳ.

Баъди ин саволу ҷавоби сариостинӣ мардаки кулӯла ҳам қошуқро гирифта ордобро худаш сар кардан гирифт. Сонӣ дастаи телефонро бардошта, хоҳиш кард, ки мудири облоноро ба ӯ ёфта диҳанд. Аз афташ, мудири облоно дар идорааш будааст, ки ин калони кулӯла гуфт:

– Рафиқ Мансуров, салом. Ман Бобоев. Ҳа. Шумо нағз-мӣ? Дар Душанбе ҳо вай коратон барор гирифт-мӣ охир? Қанд занед. Рафиқ Мансуров, ман аз шумо кайҳо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

боз як чизро пурсиданӣ будам: шумо ноништаатонро мудом дар хонаатон мекунед ё баъзан аз ноништаи талабаҳо низ истифода мебаред?

Аз афташ, Мансуров ба ин саволи каҷмокаҷаки чахтакпаймонанди ӯ рост ҷавоб дода натавонист, ки ким-чи пурсид ва Бобоев баргашта гуфт:

– Не-е, ҳеҷ гап нашудааст, ташвиш накашед. Ба савол ҷавоб диҳед, мешавад. – Ва аз Мансуров ҷавобро шунида, суханашро давом дод: – Ин хел ки бошад, пурсидана айбаш нест, имрӯз чӣ хӯрдед? Тухмбирён? Хеле хуб. Ноништаи талабаҳоятонро гоҳ-гоҳ чашида мебинед ё не?.. Имрӯз ҳам чашида дидед?.. Рафиқ Мансуров, имрӯз махсусан ҳамон рӯзе буд, ки мебоист чашида бинед. Не, боз такрор мекунам, ки ҳеҷ гапи ҷиддӣ нашудааст. Фақат он чиро, ки ҳоло дар котелок дар рӯи столи ман истодааст, ҳатто ба гӯсолаҳо ҳам намедиҳанд… Худатон чора мебинед ё мо дахолат кунем? Хайр. Гап ҳамин: боз як бори дигар шикоят биёяд, ман маҷбурам, ки комиссия ташкил кунам, – гуфт Бобоев ва дастаи телефонро монд. Сонӣ бархост, котелокро бардошта ба дастам дод ва бо меҳрубонии тамоман тасаллодиҳанда ба ман рӯ овард: – Акнун рав, писарам, ҳамааш нағз мешавад.

(Ҳамааш нағз мешавад. Ин ифодаро ман он ҷо нахустин маротиба мешунидам. Ман ҳоло намедонистам, ки ин ифода дар нӯги забони бюрократияи советӣ ҳамчун калимаи шаҳодат овезон аст ва умр боқӣ бошад, ман онро ҳазор бор мешунавам).

Ба сари қисса биёем. Ман рафтам. Ва рӯзи дигар намедонам он қадар биринҷу нахӯду гӯштро аз куҷо ёфтанд, ки ба мо шавлае пухта доданд, олиҷаноб, чунон батамъ, чунон бамаза, ки аз ҳамон рӯз ин ҷониб дилхоҳтарин таоми ман шавла шуду монд. Аммо, ҳазор афсӯс, он иди шавла фақат як рӯз давом кард. Омаду зуд рафт. Рӯзи дигар ва рӯзҳои бешумори дигар баъди он боз ҳамон ордоби ба ҳундуқоб монанд давом кардан гирифт.

Панҷоҳ сол инҷониб ҳамин гуна муносибат ба кӯдакон дар ҳазору як мавқеъ дар шакли дигараш давом



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дорад. Ман мебоист кайҳо боз умедамро аз ислоҳот мекандам ва ба қатори онҳое дохил мешудам, ки умед ва боварии худро ба оқибати нек гум кардаанд, ҳиссиёти эътироз, муқобилият ва муборизаро дар дили худ куштаанд. Чӣ, ки шавад, шудан гирад? Не, ман ба мавқеву мазҳаби онҳо гузашта натавонистам, ки натавонистам.

*1990*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ЯК ВОҚЕА ДАР ДАҲАНА

«Хонаи бачагон». Ин ду калима калимаҳои хеле қадимаи забони тоҷикӣ бояд бошанд. Аммо синтагма ва маъние, ки онҳо дар иттифоқи якдигар ба вуҷуд овардаанд, хеле нав аст. Меваи даври советист «Хонаи бачагон». Калимаҳои дар ҳақиқат бисёр оддӣ ва одатӣ. Аммо касе, ки моҳияти маънии ин ду калимаро баъди иттифоқашон тасаввур карда метавонад, ин синтагма дар забони ӯ ҳамчун мафҳумҳои азиз ва ҷонбахши «падару модар», «сарпаноҳи обод», «шиками сер», «тани сиҳат», «хотири ҷамъ», «хушбахтии бачагона» садо медиҳад. Хонаи бачагон, ки дар Тоҷикистон мукофот, неъмат ва нишонаи аввалини саховати Инқилоби Октябр ва Ҳокимияти Советӣ буд, ҷони даҳҳо ҳазор ятимони гурусна ва бехонумони халқи тоҷикро харид. Онҳоро аз дарбадарӣ, гадоӣ ва марги муфоҷот наҷот дод. Ба онҳо савод ва илму ҳунар меомӯхт. Онҳоро дар асоси рӯҳи нав, дар асоси тартиб ва қоидаҳои револютсионӣ тарбия мекард. Аз онҳо мубориизони вафодор ва фидокори Партияи коммунистӣ ва Ҳокимияти советӣ мерасонид. Дар соли 1940 дар Ховалинг ана ҳамин гуна як муассисаи аз ҳар ҷиҳат бебаҳо баста шуд. Як қисми бачагони онро ба хонаи бачагони Кангурт бурданд, духтаронашро ба хонаи бачагони Балҷувон ҳавола карданд. Як қисми дигараш ба ҳар сӯ пароканда шуд. Ман аз парокандашудагон будам. Вақте ки хонаи бачагонро бастанд, ман ба хонаи апаам рафтам, ки ҳамон сол хонадор шуда будааст. Аммо дар мо, тоҷикон, ки ба таърихи куҳан ва маданияти қадим доштан, ба мусулмон будани худ ин қадар ифтихор мекунем, аз қадимулайём қоида шуда мондааст, ки зани хона қариб аз ҳамаи ҳуқуқҳо маҳрум буд ва ягона ҳуқуқе дошт, ки ба хости мард рафтор кунад. Ин аст, ки апаи мискинам баъди ду-се моҳи ба хонаи онҳо гузаштанам хости шавҳарашро ба ман расонид. Шавҳараш намехост, ки ман бо онҳо бошам. Аввал маро Охтерак фири-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

стоданд, ки дар хонаи кадом-як хеши язнаам зиндагӣ ва дастёрӣ кунам. Сонӣ маро ба Чуқураки Комилбой, ба хонаи холаам фиристоданд. Дар он ҷо як моҳ ё зиёдтар подабонӣ кардам. Боз гашта ба Ховалинг ба хонаи апаам омадам. Дар ин ҷо ба ман маслиҳат доданд, ки ба Кӯлоб, ба хонаи бачагони Тебалай равам. Ва як рӯз боз ду нафар рафиқи ҳамсиннусоли худро ёфта, пои пиёда роҳи Кӯлобро пеш гирифтем. Мо роҳро бо усули худамон, ба услуби кӯдакон тай кардем: ба даводаву паропар, ба бозиҳои ҷогаҳшавакон ва «саворҳо савор ё пиёдаҳо савор?», қаҳришавон, оштикунон то қишлоқи Даҳана расидем, ки рӯз охир шуд ва қарор додем, ки шабро дар чойхонаи Даҳана мегузаронем ва роҳамонро саҳар давом медиҳем. Дар чойхона ба кунҷаки як суфа ҷой гирифтем. Ба ёдам нест, дар он ҷо ягон намад, бурё ё палосе партофта шуда буд ё не. Аммо инашро аниқ ба хотир дорам, ки офтоб ҳоло напарида буд. Шабро интизор шуда менишастем, ки як вақт як бачазанаки зардинаи мӯйбурида аз ким-куҷо пайдо шуду дар пешорӯи мо тор танидан гирифт. Як-ду бор аз пеши мо ин сӯ-он сӯ гузашту сонӣ рост ба назди ман омад.

– Чӣ ном дорӣ? – пурсид ӯ аз ман.

Ман номамро гуфтам.

– Аз куҷо мешавӣ?

– Аз Ховалинг.

– Куҷо мераветон?

– Кӯлоб.

– Дар Кӯлоб ягон хешу табор дорӣ?

– Не, ба дедоми Тебалай рафтанием.

– Чӣ, шумо падару модар, хешу табор надоред, ки детдом меравед? – пурсид он бачазанак, акнун ба ҳарсеямон муроҷиат карда истода.

– Падару модар-ку не, лекин хешу табор дорем. Худи онҳо моро ба дедом фиристоданд.

Бачазанак сар ҷунбонид ва нафасе сукут карду сонӣ ба ман гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Биё, ман туро ба хонаи худам барам. Саҳар барвақт гашта меоӣ. Ман ботааҷҷуб ба ёронам назар кардаму баъд аз ягон дақиқа пурсиши бесухан розигии онҳоро гирифта аз пушти он бачазанак рафтам.

Хонаи ӯ аз чойхона дур набудааст. Ӯ маро овард. Дасту рӯямро шуст. Бо сачоқ пок кард. Ба сари стол нишонд. Хӯроки гарми гӯштин хӯронд. Чой нӯшонд. Дар як гӯшаи хонааш ҷогаҳамро андохт. Сонӣ номамро гирифта гуфт:

–Акнун ин ҷо биё, ман туро нағзакак шустушӯ кунам, баъд ба ҷогаҳат даромада хоб мекунӣ.

Мани ба чунин меҳрубониҳо ноомӯхт ҳайрон шуда, изо кашида, сурху сафед гашта ба ҷои нишон додаи ӯ омадам, ки он ҷо ташнов будааст.

– Либосатро барор, – гуфт бачазанак бо табассуми басо шӯх ва дилкаш.

Ман дуру дароз каҷ шуда, рост шуда, тоб хӯрда куртаамро кашидам ва хаёл кардам, ки кифоя будагист. Лекин бачазанак аз табассум ба хандаи ҷарангосии ширадоре гузашта гуфт:

– Барор, барор, ман духтурам, аз ман ҳеҷ кас ҳақи изо кашидан надорад. Барор, шиматро ҳам барор, – ва худаш ба дасти худаш тасмаамро кушоду шимамро фуровард ва маро урёни модарзод кард. Ман ҳамчун аскарбачае, ки пеш аз хизмати аскарӣ аз назари духтурон бояд гузарад, куллук зада, пешамро пӯшонида, чӣ кор карданамро намедонистам. Ӯ намегузошт, ки худам шустушӯ кунам. Маро бо дасти худаш собун зада шустанӣ буд. Аҷоиб як вазъияте. Хулоса, маро шинонда, хезонда, пару гардонда, гоҳ ба пешам, гоҳ ба пуштам бо лиф ва бо кафи дасташ шаппотӣ зада истода, шуст, ба сарам оби тоза рехт, бо сачоқи тозаи оҳарӣ танамро пок кард, хушк кард, бурд ба ҷогаҳам хобонд ва дар паҳлуям даме нишаста, банохост бо як шаҳвати қиёмате ба лабонам часпид ва чунон часпид, ки ман ё аз сабаби дамам дарун задан ё аз шиддати ҳаяҷони тамоман ношинос аз ҳуш рафтам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ва ман, ки ризқам аз ҳар ҷиҳат каму кӯтоҳ аст, дигар дар тамоми умрам ба ин хел воқеаи ширин дучор наомадам...

Рӯзи дигар ба хонаи бачагони Тебалай омадем. Аммо дар он ҷо, ба ёдам нест, ё ҳуҷҷат надоштан ё банд будани ҳамаи ҷойҳоро баҳона карда, моро қабул накарданд ва мо маҷбур шудем боз ба Ховалинг баргардем.

*15 феврали 1990*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# «ЧИЛУ ҲАШТ»-И СОДАМУҒАМБИР

*Ба хотираи О. Ш. Шукуров*

Ҳаёт ҳамин гуна як маҷбуриятест, ки кас барои як навъ карда гузаронидани он ба ҳазор тадбир мурочиат мекунад. Ва дар натиҷа умри ҳар як одам ба силсила ва шилшилаи тадбирҳо монанд мешавад. Гузаштаҳоро ба ёд меоварам ва мебинам, ки ҳатто бачагон, бачагони нав ба кӯчаи ҳаёт афтида, ҳар яке мувофиқ ба мактаби гузаштаашон тадбире пеш мегирифтанд, то зиндагӣ кунанд. Масалан, дар хонаи бачагони Ховалинг як бача буд, ки Байтгӯяк лақаб дошт. Ӯ пеш аз он, ки ба хонаи бачагон афтад, дар кӯчаву бозор байт мегуфт, рубоӣ мехонд ва ризқу рӯзиашро аз ҳамин ҳунараш пайдо мекард. Вале ҳангоми дар сағирахона тарбият гирифтанаш ҳам ҳамин ҳунарашро ба кор мебурд. Худи ман ҳам масалан, соли 1944 ҳангоми котиби масъули газетаи районии «Болшевики Ховалинг» буданам, банохост ҳунаре пайдо кардам: як бечорае ба ман мурочиат кард, ки аз номи ӯ аризаи шикоятие нависам. Баъди як ариза дуюмашро ҳам навиштам, сеюмашро ҳам навиштам. Намедонам аризаҳои навиштаи ман ба шикоятгарон мададе расонидаанд ё не, ҳаминашро медонам, ки одамон ба назди ман бисёр меомадагӣ шуданд ва ҳар касе, ки биёяд, дар як кунҷаки рӯмолаш, футааш, ё бағалаш ягон лаби нон, се-чор дона қурут, ду-се дона тухм меовард. Ба ҳамин монанд дар факултети забон ва адабиёти институти педагогӣ ҳам як бача буд, ки метавонист саросер роҳ гардад. Метавонист сад қадам, дусад қадам, ҳатто ним километрро ягон бор наафтода бо дастҳояш тай кунад. Ва албатта, вақте ки ҳунарашро намоиш медод, бармехост ва аз тамошобинҳо ризқу рӯзияшро ҷамъ карда мегирифт.

Як рӯз ҳангоми аз бинои маъмурияти институт баро-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

маданам ана ҳамин бачаи масхарабоз маро пешпо доду афтидан намонда бардошт ва пурсид:

– Эй «чилу ҳашт», мегӯянд, ки ба ту стипендияи сталинӣ таъин кардаанд. Рост-мӣ?

– Рост, – гуфтам ман бо ифтихори тамом.

– Хайр, ин стипендияи таърифиатонро пулаш чанд аст?

– Ҳафтсад сӯм.

– Ваҳ-ваҳ! – масхара карда хандид маро бачаи масхарабоз. – Як буханка нон, ки дусад сӯм бошад, маълум мешавад, ки ба ту дар як моҳ сеюним буханка нони муфти қурут медодаанд. Ваҳ-ваҳ-ваҳ!

– Ман шабона ҳам кор мекунам, – гуфтам дар ҷавоби ӯ, то изои додагии ӯро як қадаре сусттар кунам.

– Чӣ кор карда метавонӣ ту шабона? Дар вокзал бор мекашонӣ гӯям, ба боркаш монанд нестӣ, – боз масхара кард маро.

– Не, бор намекашонам. Дар типография подчитчикӣ мекунам.

– Инаш боз чӣ хел кор будааст?

– Коре, ки аз дасти ту намеояд.

– Коре, ки аз дасти ман меояд, аз дасти ҳеҷ кас намеояд, – гуфт бачаи масхарабоз ва банохост ҳаллос заду аз ду по ба ду даст истод ва ба досташ озод давида рафт.

Ман ин ҳунари аҷоибу ғароиби ӯро пеш аз ин чанд маротиба тамошо карда бошам ҳам, ба чобукию чолокии ӯ боз як бори дигар қоил шуда, ба некӣ завқ карда хандидам.

«Ҳунари кори калон, – гузаронидам аз дилам. – лекин охир намоишгоҳи он бояд дигар ҷо бошад. Масалан, бозор, сирк, театр, на ин, ки ҳавлии институти педагогӣ».

Баъд ӯ ҳаллосаки дигаре заду аз даст ба ду по бархост ва дастонашро афшонда истода ба назди ман омад.

– Тамошо кардӣ?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Кардам. Оличаноб!

– Завқ карда хандидӣ?

– Хандидам.

– Пулаша те, – гуфт масхарабоз бо қиёфаи тамоман чиддӣ, дасташро дароз карда истода.

– Бубахш, чӯра, ҳозир дар кисаам ягон тин надорам. Дар бухгалтерия ба ман гуфтанд, ки имрӯз бегоҳӣ пул мешавад.

– Ана дидӣ? Ту дар кисаат ягон тин надорӣ, лекин кисаҳои ман ҳамеша таранганд. Ма, ин даҳ сӯмро гир, пулат, ки шуд, медиҳӣ.

– Раҳмат, чӯра. Имшаб ба маҷлис биёӣ, туро бинам, қарзамро бар мегардонам, – гуфтам бо ҳиссиёти чиддии миннатдорӣ.

– Чӣ хел маҷлис?

– Маҷлиси номзадпешниҳодкунӣ.

– Не, ман ба ин хел маҷлисҳо намеравам. Бо ҳунари ман одами чиддӣ шудан мумкин нест.

«Ана халос! Худаш пешакӣ муайян кардаст, ки одами чиддӣ намешавад» – гуфтам дар дилам.

– Агар ҳозир тақдир сӯҳбати моро гӯш карда истода бошаду ба бозӣ туро ба мансаби бисёр чиддӣ таъин кунад, чӣ кор мекунӣ? – пурсидам ман.

– Чӣ кор мекардам? Агар ба мансаби бисёр чиддӣ таъин карда истода, манро ҳам одами чиддӣ кунад, бисёр нағз, лекин агар хислату хусусияти маро дигар накунад, ман он мансаби чиддиро ба масхарабозӣ табдил медиҳам.

– Э, ту фикр ҳам ронда метавонӣ-ку?! – ҳайратамро нигоҳ дошта натавониста гуфтам ман.

– Қоидаи дунё ҳамин аст: гов дар диёри мардум гӯсола менамояд, – гуфт ӯ, фалсафаашро чидитар ва амиқтар карда истода.

– Ист, ки ту худат аз кучоӣ? – савол додам ба ӯ дар асоси ишорати ӯ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Э, чӣ фарқ дорад! – гуфт бачаи масхарабозу барқ барин ҷаҳида, рӯ-рӯи ду дасташ давида рафт…

…Бегоҳӣ ман стипендияамро гирифта ба маҷлис рафтам. Зали калони маҷлисгузаронии институт пури одам буд. Аз паҳлӯи холии зал гузашта истода, бо як-ду нигоҳ тамоми залро аз назар гузаронидам, то бачаи масхарабозро ёбам. Аммо ӯ набуд. Ҷое гирифта нишастам. Баъд аз чанд дақиқа зал хомӯш шуд. Панҷ-шаш нафар одамони шиносу ношинос ба саҳна баромада, ба сари столи президиум ҷой гирифтанд. Он вақт таъин намедонистам, ки онҳо киҳо буданд. Баъдтар фаҳмидам, ки онҳо намояндагони ташкилотҳои партиявӣ ва советӣ, мутасаддиҳои батартибу интизом гузаронидани интихобот, назоратчиёни идораҳои сиёсӣ буданд. Дар байни онҳо директори институти худамон О. Ш. Шукуров ҳам буд. Маҷлис ба таври муқаррарӣ бо сарсухани сиёсӣ-партиявӣ сар шуд. Яъне намояндаи райком ба ҳама хотиррасон кард, ки интихобот чӣ гуна маъракаи ҷиддӣ ва масъулиятнок аст ва ҳар як одами советӣ қарзи граждании худро бояд баҷо биёрад. Сонӣ каси дигаре баромаду сардори вокзали Сталинобод, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Гордеевро ба номзадӣ пешниҳод намуда, тарҷумаи ҳоли ӯро нақл кард. Каси сеюм ҳам ба таърифу тавсифи Гордеев боз ду-се мисол оварда, ба пешниҳод кардани ин номзади шоиста тарафдор будани худро изҳор кард ва таклиф намуд, ки дигарон ҳам ба ӯ ҳамроҳ шаванд. Раиси маҷлис (воқеан, Раиси маҷлис худи О. Ш. Шукуров буданд) аз ҳозирон пурсиданд, ки «боз кӣ мехоҳад сухан кунад?» Ва ман: сағираи маҳмадонои қадимина, ки баробари дар тартибу интизом лангиданам боз хусусияти пешпаракӣ ҳам доштам, аз зал даст бардоштам, ки: «ман мехоҳам баромад кунам». Чуноне ҳоло чут мезанам, саволи раиси маҷлис: «боз кӣ мехоҳад сухан кунад?» саволи риторикӣ буд, бозии демократӣ буд, нози сиёсӣ буд ва бо он боварӣ ба зал ҳавола карда шуда буд, ки ягон кас



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

баромад кунад ҳам, ба тарафдории пешинҳо баромад мекунад ва дигаргуние ба амал намеояд, зеро ширбиринҷро бо маска вайрон кардан мумкин нест. Умуман дар давоми 20-25 сол баъд аз вафоти В. И. Ленин сиёсатчиёни мамлакати мо тамоми халқро ба як чорчӯбаи маҳдуди муайян даровარда буданд, ки майдони аз он чорчӯба берун амал кардан ё фикр рондан мутлақо аз байн рафта буд ва муаллим О. Ш. Шукуров, аз афташ, инчунин дар ҳамин умед ва боварӣ буд, ки ҳар кас чорчӯбаи худашро риоя мекунад. Ӯ ҳоло аз куҷо медонист, ки дар байни студентони ӯ ҳамин гуна як девонаи ҳот пайдо шудааст, ки касалаш барқасд, ба муқобили рафти об бел задан аст? Ва ӯ ба ман сухан дод. Ман баромадам ва аз сари минбар ба ҳозирин рӯ оварда пурсидам: «Касе, ки рафиқ Гордеевро бевосита мешиносад, даст бардорад». Ягон кас даст набардошт. Ман суханамро давом дода истода гуфтам: ҳамаи он чӣ, ки дар ҳаққи рафиқ Гордеев гуфта шуд, бовари комил дорам, ки дуруст аст ва шакку шубҳае надорем, ки ӯ номзади арзанда шуда метавонад. Лекин афсӯс, ки дар участкаи мо ӯро ҳеҷ кас намешиносад. Бинобар ин ман номзадии касеро пешниҳод мекунам, ки ҳамаи мо ӯро мешиносем, ҳар яки мо силаи падаронаи дасти ӯро бар сари худ ҳис кардаем, касе, ки тамоми студентони интситутро ном ба ном медонад ва номи ягонтаи онҳоро ба шикаст намегирад, касе, ки табассумашро барои ҳеҷ кас дареғ намедорад ва касеро намеёбед, ки аз ҳузури ӯ, аз идораи ӯ ноумед шуда баромада бошад. Ман номзадии директори худамон, номзадии муаллими мӯҳтарам О. Ш. Шукуровро пешниҳод мекунам. Ин калимаҳои охирини пешниҳодамро ман ҳанӯз ба забон нагирифта будам, ки зал аз мақсадам пай бурду биноии институтро ба зарби қарсаку ғалоғула ба сар бардошт. Хурду калон ва пиру ҷавони зал ба пешниҳоди ман тарафдорӣ изҳор намуданд. Маҷлис аз ҷиҳати «ҳақ ба ҳақдор» соз шуда бошад ҳам, аз ҷиҳати сиёсӣ ҷобаҷо вайрон шуду монд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зал механдид, офарин мегуфт, по мезад, қарсак мезад, шодӣ мекард ва тарафдории худашро ба таклифи ман ба сад гуна доду фарёди дигар зоҳир менамуд. Моту мабҳут, ҳайрон, хомӯш ва гаранг дар зал танхо ҳамон панҷ-шаш нафаре монда буданд, ки дар саҳна дар президиуми маҷлис менишастанд ва якчанд дақиқа инони ихтиёри маҷлисро ба даст гирифта натавонистанд. Ниҳоят баъд аз ягон даҳ дақиқа зал хомӯш шуд ва президиуми маҷлис маҷлисро аз сар сар кард. Муаллим О. Ш. Шукуров сарварии маҷлисро ба дасти кадом-як намояндаи райком дод. Ва намояндаи райком бечора дусе соати дигар ташвиқоту тарғибот бурд. Зорию тавалло кард, то сари маҷлисро ба тарафи худаш гардонад ва номзади пешакӣ таъйин ва тасдиқ шударо барқарор кунад. Ва он вақтҳо дигар хел шуданаш ҳам мумкин набуд. Дар он вақтҳо як гурӯҳ одамон, як гурӯҳ ташкилотҳо демократияро аз халқ ба зӯрию маҷбурӣ кашида гирифта буданд ва танҳо онҳо муайян мекарданд, ки демократия чист ва қоидаҳои он чӣ гунаанд. Дар баъзе мавридҳо корчаллонии рӯирости тамоман бепардаи худро демократия номида, ба воситаи тазъиқи сиёсӣ, ба воситаи тарсу воҳимаи солҳои шахсиятпарастӣ «бо як овоз мегузарониданд» ва касе ҳад надошт, ки муқобил барояд ё фикру андешаи дигареро пешниҳод кунад. Онҳо дар он рафтори худ ба дарбориёне монанд буданд, ки подшоҳро луб-луч дида истода бошанд ҳам, ӯро бо либоси нави ӯ муборакбод мекунанд ва аз ёдашон баровардаанд, ки ҳозира худаш ягон бачаи ростбину ростгӯе бармехезаду қоҳ-қоҳ зада механдад ва бо овози баланд эълон мекунад, ки: «эй мардум, магар намебинед, ки подшоҳ урён аст!». Дар айни замон дар он маҷлиси номзадпешниҳодкунӣ он бача ман будам, бачае, ки масъулият ва ҷавобгарии сохтакоронаи сиёсӣ надоштам, ба ҳама гуна шарт ва шароит беғаразона нигоҳ мекардам, медидам, он чиро, ки чашмонам медиданд. Ҳангоме ки ман дар баробари



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

номзадии Гордеев номзадии муаллим О. Шукуровро пешниҳод намудам, ба гирду гӯшаи хаёлам ҳам намеовардам, ки хатои сиёсӣ содир карда истодаам, ба муқобили нишондодҳои партия ва ҳукумат рафта истодаам, маъракаи масъулиятноки интихоботро вайрон карда истодаам, намедонистам, ки аз ин ростбинӣ, ростгӯӣ, софию содагии беғубори ман баъзе сиёсатмадорон хулосаи тамоман моҷароҷӯёнаи ба адлу инсоф, ба нангу номус муқобил бофта мебароранд. Сонӣ чӣ шуд, гӯед? Мутассадиёни интихоботи участкаи désинститут, чуноне дар боло гуфтем, коре карда бо зорию тавалло, бо ислоҳ кардани хатои сиёсии ман, бо таърифу тавсифи насяи О. Шукуров, ки «дар ҳақиқат ӯ шоистаи ҳама гуна ҳурмату иззат аст, вале биёед ин дафъа ӯро номзад пешниҳод накунем, ин корро ба интихоботи оянда гузорем», хулласи калом...

*(Нотамом)*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ҚАРЗ БА ҚИЁМАТ НАМОНАД, ГУФТАМ

Апаи ман ва апаи Момагул (Худо ҳардуяшонро раҳмат кунад!) ҳамсоя буданд. Аммо дар миёнашон девор набуд. Чӣ шуду як рӯз гапашон гурехт ва айни вақти қаҳрӣ буданашон апаи Момагул аз ман хоҳиш кард, ки чокии дар байни ду ҳавлӣ барои рафтуо вуҷуд доштаро девор занам, ӯ ба ман бист сӯм медиҳад. Ҳамон рӯзҳо ман кӯлобрав будам ва ба ҳамин бист сӯм бисёр эҳтиёҷ доштам. Бинобар ин даррав розӣ шудам ва ҳамон рӯза худаш ба кор сар кардам. Шаб оби ҷӯйборро ба он чокӣ сар дода мондам. Саҳарӣ обро гардондам, то ки акнун ҳавзи дар он пастӣ ба вуҷуд омада ба замин заҳида равад. Рӯзи дигар бел зада бинам, замин чунон мулоим шудааст, ки қариб лои тайёр. Аммо замин чӣ қадар нарм ҳам нашавад, то онро сум назанӣ, лой намешавад. Бинобар ин заминро дар ҷои худаш рӯгардон кардаму сум задан гирифтам. Лой тайёр шуд. Хулоса, аз байн як ҳафта гузашта буд, ки деворро зада ба охир расондам. Аммо ман ҳар рӯз аз саҳар то бегаҳ ба кор банд, бехабар мондаам, ки дар ин муддат апаи ман ва апаи Момагул оштӣ кардаанд. Вақте ки ин хабар ба ман расид, (дунёи аҷоиби нафси инсон ва манфиати шахсиро бинед) ман хафа шудам. Ҳардуи онҳо маро қариб бад-баробар апа буданд. Хобу-хезу хурду-хурокам дар ҳарду хона қариб як хел буд. Ҳатто, гуфтан мумкин аст, бештари вақтамро дар хонаи апаи Момагул мегузаронидам, чунки ӯ як духтарчаи ҳаштмоҳа-даҳмоҳа дошт ва ман ӯро, намедонам барои чӣ, беандоза дӯст медоштам. (Шояд аз он сабаб бошад, ки апаи худам ҳоло фарзанд наёфта буд). Худи апаи Момагул ҳам бачазанаки шӯхи кангуртӣ, даҳанаш ҳамеша пури ханда, чеҳраи сап-сафедаш ҳамеша кушода ва дилаш ҳамеша соф ва шавҳари ӯ акаи Убайди милиса, ки низ аз Кангурт буд ва аз рӯи бисёр хислату хусусияташ ба занаш монандӣ дошт, секаса шуда, маро дар хонаи худ бе банд баста монда буданд. Зӯрии нафси одам ва манфиати шахсиро тасаввур кунед! Ба ҳамин қадар



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

меҳру муҳаббат ва дӯстию эътиқод вай зӯр баромад. Нишонаи аввалини зӯр баромаданаш аз он иборат буд, ки «ба аҳди ману апаи Момагул халал мерасад» гуфта, аз оштӣ кардани апаҳоям хафа шудам. Ва дар ҳақиқат ташвишам, хавфам, гумонам рост баромад. Вақте ки ба назди апаи Момагул рафтам, то ҳисобамро баробар кунам, ӯ гуфт:

– Э намур, Абдуғаффор, ман ҳазл карда будам.

Ман мӯсафеди шастсола шуда истода ҳозир ҳам аниқ намедонам, ки ба ин гапи апаи Момагул кадом муносибат муносибати оқилона аст. Ҳазли ӯро мебоист қабул кунам? Он гоҳ ба ғурури бачагиям чӣ ҷавоб медодам? Аз баҳри он бист сум чӣ хел мебоист гузарам? «Аз навкиса қарз кардӣ, харҷ накун», мегӯянд. Аз ман апаи Момагул ҳоло қарз нагирифта буд, аммо ваъдаи ӯ, аҳди мо, меҳнати ба субут расонидаи ман ба он бист сӯм маро соҳиби ҳақиқӣ карда буданд. Фарқаш фақат ҳамин буд, ки онҳо ҳоло дар кисаи ман набуданд.

Нишони дигари зӯр баромадани нафс ва манфиати шахсӣ дар айни ҳол он буд, ки ман «ҳазл карда будам» гуфтани апаи Момагулро шунида, ба ҷои «хайр, ҳазл карда бошӣ, – ҳазл» гуфтан ва аз баҳри ҳамон бист сӯм гузаштан ман хашм пеш гирифтам ва бешармона, беадабона валвала бардоштам. Ақлам нагирифт, фазилатам нарасид, ки ҳеҷ набошад, ба хотири ҳамон дӯстию меҳрубонии бисёр самимӣ аз баҳри ин моҷаро гузарам. «Не, бист сӯмама медиҳед!» гуфта шиштам. Вале апаи Момагул ҳамон бист сӯмро ё надошт ё ба нею-нестони ман аҳамияти ҷиддӣ надод ва аҳдашро баҷо наовард.

Нишонаи сеюми зӯр баромадани нафс ва манфиати шахсӣ он шуд, ки банохост фикри ягон чизи онҳоро дуздидан ва ба бист сӯм фурӯхтан ба сарам зад. Он солҳо дар Ховалинг мардум ҳоло аз қулф задани дарҳову сандуқҳо хабар надошт. Ҳам дар хонаи худамон, ҳам дар хонаи апаи Момагул ҳар латту-путе, ки оилаҳо доштанд, ҳамааш «ана ман» мегуфтанд. Ҳеҷ чизи пинҳонӣ надоштанд. Ва ҳеҷ кас ҳам хонаи ҳеҷ касро намезад, ба чизи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳеҷ кас даст намерасонид. Ҳамин рӯҳ дар ҷисму ҷони ман ҳам муқим буд. Бо вуҷуди ин вақте ки апаи Момагул аз аҳдаш гашт, ман нафси балозадаи худро ҳеҷ орому қарор дода натавонистам. Ин васваса як соат агар фаромӯшам шавад, соати дигар ҳамчун бемории миҷоз бо ягон хориш ё ягон сӯзиш худашро ба ёдам меовард. Қисса кӯтоҳ, ман пӯстинамро чапа пӯшида, ба рӯям пӯстак кашида, рӯзи ҷомашӯии апаи Момагул аз сари торбанд калсони шавҳари ӯро дуздидам ва бурда ба бисту панҷ сӯм фурӯхтам. Ва панҷ сӯмашро ба дасти апаи Момагул баргардонда истода, ҳаққи гапро гуфтам. Апаи Момагул қоҳ-қоҳ зада хандиду гуфт:

– Э намур, Абдуғаффор!

Ман метавонистам ин воқеаи нангинро иқрор нашавам. Аммо ба иқрор нашудан ва пинҳон доштан сифати вай беҳтар намешавад ва аз қабоҳат ба наҷобат табдил намеёбад. Ин аст, ки «онро бо худ ба гӯр бурда чӣ кор мекунам?» – гуфтаму ошкораш кардам. Қарз ба қиёмат намонад, гуфтам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## «МОНДА РАФТАНД»

«Бе пир марав, ки дар бимонӣ», гуфтаанд бузургони гузашта. Моҳи сентябри соли 1941, вақте ки маро аз хонаи бачагони Кангурт ба Омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб гусел карданд, бе пир фиристоданд. Бе пир фиристоданд ва ман дар ҳақиқат дар мондам. Ба Кӯлоб омадана омадам, аммо ана ҳамон пире, ки мебоист маро маҷбур мекард, то ба омӯзишгоҳ рафта расам, камӣ кард. Аз сентябр то январ, яъне дар давоми ин чор моҳ як арасот касбу кори хизматгории тасодуфро таҷриба карда дидам. Бо бачаи Мирзотӯра барои прокурор аз Тебалай харакӣ харбуза ҳам кашондам. Он харбузаҳоро барои прокурор дар бозор пул ҳам кардам. Дар хонаи апаи Момагул ва акаи Убайди милиса гӯсолабонӣ ҳам кардам, барои гову гӯсолаи онон аз Лағмон ғумайи сабзу барои аловишон қамиш ҳам кашондам. Сонӣ, вақте ки тобистони кушодадил ва тирамоҳи кушодадасту ба ятимон меҳрубон гузаштанд ва омад-омади зимистони тангдилу зихнаи номеҳрубон сар шуд, ман дар ҳеҷ куҷо нағунҷидам. Ба кӯча афтодам. Аммо мани сарсахт аз рӯзи азал як тақдири девонае дорам, ки маро бераҳмона кушад ҳам, вале мурдаамро дар офтоб партофта намемонад. Дар наздикии хонаи акаи Убайди милиса, дар чорсӯи кӯчаҳои ба номи Ленин ва комбриг Томин ошхонаи шаҳрӣ ва аз он тарафи кӯча чойхона-қироатхона воқеъ буд. Маълум аст, ки дар кӯҳистон ятимро гум кунӣ, ӯро дар бозор ё дар ҳамин гуна муассисаҳо меёбӣ. Дар он ошхонаву чойхона маро мешинохтанд. Вақте диданд, ки бе кор, бе ризқу рӯзӣ ва бе сарпаноҳ дар кӯча мондаам, таклиф карданд, ки дар ошхона алавмон шавам ва дар чойхона агитатор. Ҳақи алавмониям хӯрок ва ҳақи газетахониям сарпаноҳ таъйин шуд. Аз алавмонӣ-ку он қадар кайф намекардам, лекин бегоҳӣ аз газетахонӣ баҳри дилам кушода мешуд. Ба се забон мехондам. Равон мехондам. Русию ӯзбекии маро ҳам мардум мефаҳмид. Фақат рақамҳоро, шумораҳоро ба русию ӯзбекӣ гуфта намета-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

вонистам. Онҳоро ба тоҷикӣ талаффуз мекардам. Воқеаҳои тирамоҳу зимистони соли 1941 ба ҳама маълуманд. Аммо ҳоло, баъд аз панҷоҳ сол, ба таври дигар маълуманд. Он вақт, дар рӯзҳои аввали ҷанг, ягон одами советӣ, аз мо, аз «бачаҳои Ленин ва Сталин» сар карда, то пирони бистарӣ, ҳеҷ кас тасаввур карда наметавонист, ки кадом-як «гитлераки ҷиннитабиат» бо «кафи даст барин гирмонаш» СССР барин паҳлавони бузург ва мӯҳташамро зӯр биёрад. Хусусан мо, бачагони интернат, дар рӯҳе тарбия ёфта будем, ки дар дунё ҳеҷ касу ҳеҷ чиз ба СССР, ба Армияи Сурх, ба қувваҳои мусаллаҳи он баробар омада наметавонад. Дили мо аз қудрати мо ба дараҷае пур буд, ки ғалабаҳои муваққатии душманро ҳам ба гирду гӯшаи хаёламон роҳ дода наметавонистем. Сиёсат ҳамин буд ва матбуоту радио ҳам хабарҳои тамоман манфии ҷангро чунон тасвир мекарданд, ки гӯё мо ғалаба карда истодаем. Истилоҳи он хабарҳо аниқ ва рӯирост набуд. Ман баринҳое, ки аз рӯзи аввали ҷанг «масъалаи душманро ҳал» мешуморидем, тайёр будем, ҳар як хабари ҷангро ҳамчун хабари мусбат қабул кунем. Хабари манфӣ тамоман бекор буд. Ба ин муносибат, барои мисол, истилоҳи «монда рафтанд»-ро ба ёд биёрем. Дар ибтидои «агитаториям» ман ин истилоҳро хабари хуш гумон дошта мехондам. Ҳар вақте ки «аскарони мо баъд аз ҷангҳои бераҳмонаи хунин фалон деҳаро монда рафтанд» мехондам, ба шодӣ ва рӯҳбаландии тамом «ура! Монда рафтанд!» мехондам. Аввал ин, ки ба такрор мегӯям, ман рӯҳан тайёр набудам ягон хабари нохуш, ягон сустии армияи сурхро қабул кунам. Ин аст, ки аввал дар асоси ҳамин рӯҳи музаффар, сонӣ барои аниқ ва рӯйрост набуданаш истилоҳи «монда рафтанд»-ро ҳамчун хабари хуш қабул кардам ва ба шунавандагони худам ҳам онро ҳамчун хабари мусбат мерасонидам. Як бегоҳӣ пас аз хониши навбатиям шахси солхӯрдае маро ба наздаш таклиф карду дар рӯбарӯяш шинонида, баъди пурсупосу ину он гуфт: – Писарам, «монда рафтанд» медонӣ чӣ маънӣ дорад? Ман ҳайрон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ва ба тавраш хафа шудам, ки ин одами ҷиддӣ ба ман ин хел саволи содалавҳона медиҳад.

– Албатта медонам, – ҷавоб додам ман бо камоли ғурур.

– Чӣ маънӣ дорад? – боз пурсид ӯ.

– Ҳамин маъниро дорад, ки аскарони сурх он деҳаро аз дасти душман зада гирифта «монда рафтанд».

Он кас хандид.

– Не, писарам, ин хел маъниро надорад. Маънои «монда рафтанд» ин аст, ки аскарони сурх он деҳаро ба душман доданд.

– Чӣ хел яъне «ба душман доданд»? Аввал ин, ки аскарони сурх ба душман як порчаи замини советиро ҳам намедиҳанд. Агар медоданд, дар ин сурат гуфтан лозим буд, ки «монда омаданд», «ақибнишинӣ карданд», «ақиб нишастанд».

Марди солхӯрдаи, аз афташ, «мӯрчагазида» боз табассуми хайрхоҳонае карду гуфт:

– Не, «ақибнишинӣ карданд», «ақиб нишастанд», «аз даст доданд» гуфтан мумкин нест. Ба сиёсат туғрӣ намеояд. – Ва барои он, ки маро қоил кунонад, аз байни коғазҳояш харитачаеро бароварду кушода дар пешамон паҳн кард.

– Ана нигоҳ кунед, писарҷон. Мана ин шаҳри Киев, мана ин Минск, мана ин Смоленск... Ҳамаи ин шаҳрҳоро аскарони мо «монда рафтанд», яъне ба дасти душман доданд.

Ман харитаро аз назар гузаронидам. Дарсҳои гузаштаамро ба ёд овардам.

Дар ҳақиқат гапи он кас рост буд. Ҳамаи он шаҳрҳоро аскарони сурх ба дасти душман дода, ақибнишинӣ карданд.

– Чӣ хел шуда бошад, ки аскарони мо ин шаҳрҳоро ба дасти душман доданд? – гуфтам ҳам ба худам, ҳам ба он кас, ҳам ба сиёсати давлати советӣ, ки рости гапро гуфта наметавонист.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

– Ана ҳамин хел, писарам, – хулоса кард он шахс ва ба ин масъала хотима дода пурсид: – Исто, ки номат чист, писарам?

Ман номамро ба ӯ гуфтам. Он кас номашонро ба ман гуфтанд. Соҳибов будаанд он кас, котиби масъули газетаи вилоятии «Ҳақиқати Кӯлоб».

–Мехоҳӣ, туро дар газета ба кор гирам?

«Мехоҳӣ» ҳам гап шуду! Газета барои ман як орзуи муқаддаси дастнорасе буд, масалан, монанд ба орзуи баъзе бачагон, ки мехоҳанд лётчик шаванд.

– Агар хоҳӣ, фардо ба идораи газета биё.

*феврали с. 1990*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## «НОМАРД БОШУ ЗИНДА БОШ»

Декан ғами ҷон ва арзи эҳтиёҷи маро қабул карду ба ман иҷозат дод, ки имтиҳони солонаамро пеш аз мӯҳлат супорам. Супурдам ва исту-бист накарда ба Комиссариати маорифи халқ рафтам, ки роҳхате гираму тобистон дар ягон омӯзишгоҳи ғоибона кор кунам. Дар Комиссариат коғазҳояшонро тагурӯ карда, барои ман дар омӯзшигоҳи ғоибонаи педагогии Кӯлмак ҷой ёфтанд. «Хайр, Кӯлмак бошад, Кӯлмак, – гуфтаму роҳхатамро гирифта рост ба «сари самолёт» рафтам. Ва агар самолёт намешуд, аз Душанбе то Кӯлмак, аз ҳузури ходими Комиссариат то идораи директори омӯзишгоҳ роҳ чунон дароз мешуд ва таассуроти роҳ чунон вусъат меёфт, ки ман на танҳо дар як саҳифа, балки дар чандин саҳифаи дигар ҳам ба Кӯлмак ва омӯзишгоҳи он расида наметавонистам. Ин аст, ки самолёт раги роҳро кашид, қиссаро кӯтоҳ кард ва ман худи ҳамон рӯз ба дидани дидори директори омӯзишгоҳ Сӯфиев муваффақ шудам. Ба кабинети ӯ даромадан замоно пеш аз ҳама ба он чашмам афтод, ки каллаи калоне аз стол бардошта шуд ва шахси хушмуомила бо табассуми мӯътадил аз ҷояш бархост ва ба ман даст дароз кард. Мо вохӯрӣ кардем ва ман роҳхатамро ба дасти ӯ супурдам, ӯ ҳамон замон, баъди хондани роҳхати ман, тағйир ёфт. Ба ман шахсан вояш маъқул буд: одами муомилааш нағз ва табассумаш мӯътадил. Акнун бошад, ба як сар ҳалвои серқанду серравғани бадхӯре табдил ёфт, ки ҳеҷ монед.

– Эҳ, ин шумо-мӣ? Хуш омаданд, хуш омаданд! Нури дида, тоҷи сар! – гуфта истода, одами навакак дуппадурустро банохост китфаш каҷ шуд, даҳонаш каҷ шуд ва бо мулоимхунукии ҷаллобона аз сари нав аз паси столаш бархосту бо қади хамида дик-дик ба саломи ман омад ва қоматашро рост нагирифта дасти маро чандин дақиқа афшонида истода, маддоҳӣ кардан гирифт. Ман умуман бадгумони модарзодам, вале бардурӯғии образеро, ки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дар айни замон Сӯфиев дар пеши ман бозӣ мекард, аблаҳи рафта истодагӣ ҳам мефаҳмид.

– Хуш омаданд, хуш омаданд! Чӣ хел нағз, чӣ хел нағз! Мо номи шуморо бисёр шунида будем ва дар гирду гӯшаи хаёламон ҳам набуд, ки ба ин қарибиҳо дидани дидори шумо моро насиб мешавад, – мегуфт Сӯфиев ва замин намекафид, ки ман дароям. Зеро аз як тараф ман гумон мекардам, ки ӯ маро масхара карда истодааст, аз тарафи дигар пай мебурдам, ки ӯ аз қабили хари лӯлиро об дода, пулашонро мегирифтагиҳост. Хулласи калом тахминан ним соат маро бо хушомад азоб доду сонӣ сар дод. Бо ҳамон қади хамида, бо ҳамон китфи якпараҳа ва даҳони қаҷала, ки акнун қадри хушмуомилагӣ ва табассумнокии ӯро як пул карда буданд, маро бароварда гусел кард ва ба ким-кӣ фармуд, ки ҷои хобухези маро бурда нишон диҳад.

Ба ман дар хобгоҳи муаллимон дар як хонаи чоркаса ҷой доданд. Соатҳоямро таъйин карданд. Дар давоми тахминан чил рӯз ман мебоист бештар аз ҳафтсад соат дарс медодам. Ҷадвали дарсҳо чунон тиққӣ ва тамба карда шуда буд, ки аз соати ҳафти саҳар то соатҳои нӯҳу даҳи бегоҳӣ, баъзан то ёздаҳу дувоздаҳи шаб имконияти дам гирифтан набуд ва ҳар касе, ки дар он таҳсил мекард ё дарс медод, мебоист огоҳ бошад, ки ба куҷо омадааст. Вақт танг ва кор вазнин буд. Аммо дар муқобили он тангию вазнинӣ ҷавонӣ меистод. Ҷавоние, ки худ ба худ ба ҳама гуна вазнинию тангӣ тоб оварда метавонад. Ва боз агар он ҷавонӣ бо дилгармию иштиёқи меҳнатӣ мусаллаҳ бошад, ба сари коргоҳи худ чунон мешитобад, ки гӯё ба майдони ид, ё ба васли маҳбуба мешитофта бошад. Шукронаи табиат, шукронаи таълиму тарбияи детдом, ки ба ман ин хусусиятҳоро дар вақташ тӯшаи роҳ дода буданд. Дар баробари ин мардуми кӯҳистони Ғарм табиатан мухлиси адабиётанд ва ин ихлоси ба шеъру шоирӣ доштаи онҳо кори муаллими адабиётро хеле осон мекард. Ин аст, ки дарсҳои ман на фақат ба туфайли ҷонсӯзии ман, балки бо шарофати мароқу



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кӯшишу донишу малакаҳои худи дарсгирандагон монанди маҳфилҳои адабӣ хушҳолона мегузаштанд. Боз як тасодуфи дигар барои осон шудани кори ман сабаб шуда буд: таҳсилкунандагон хабар ёфта буданд, ки ман худам шоири ҷавонам. Умуман халқи тоҷик табиатан худаш ба сухани мавзун эҳтирому эътибори эътиқодона дорад ва намояндагони онро, бигзор онҳо монанди шоирии онвақтаи ман оҷизу бечора бошанд, дӯст медоранд ва ҳурмат мекунанд. Маро ҳам бо ҳамон ду-се шеъри нимколаи айёми ҷавониям, ки дар саҳифаҳои матбуоти республикавӣ дарҷ шуда буданд, ҳамчун шоир шинохтаанд ва меҳр бастанд. Дар он миёна ду-се нафар ҷавононе ҳам пайдо шуданд, ки навиштани шеърро машқ мекарданд ва ману онҳо алоҳида-алоҳида во мехӯрдем ва сӯҳбат меоростем.

Хулоса, ки дар Кӯлмак якчанд рӯзи ман ҳамчун иди меҳнатӣ саршори неъматҳои маънавӣ гузашт.

Вале дод аз дасти он палидоне, ки табиат ба онҳо фақат хӯрдан додааст! Дод аз дасти он палидоне, ки дар назди маърифати моддии худ аз ҳама гуна ҳусни маънавӣ мегузаранд! Гузаштан он тараф истад, дар косаи пур аз илҳоми муқаддаси эҷодкоронаи мардум магас шуда меафтанд!

Дар Омӯзишгоҳи ғоибонаи Кӯлмак тахминан як ҳазору дусад нафар муаллимони мактабҳои ибтидоӣ таҳсил мекарданд. Шубҳа нест, ки ҳукумати вилоят ва ташкилотҳои партиявии вилоят аз ғами таъминоти моддии ин қадар одам худро канор намегирифтанд. Мувофиқ бо имкониятҳои ҳамон солҳои ҳанӯз вазнини баъд аз ҷанг. Аммо аксари он молу матоъ ва хӯроквориe, ки ташкилотҳои вилоят ба омӯзишгоҳи Кӯлмак мефиристоданд, ба мардум, ба муаллимон намерасид. Он ҳама молу матоъ ва хӯрокворӣ ба ҳалқи бетаги як гурӯҳ қаллобони ба ҳамигар сахт баставу пайванд фурӯ мерафтанд. Аз ин қаллобиҳо оҳиста-оҳиста ҳама огоҳ шуданд. Ҳамин хел шуда монд, ки даҳ-понздаҳ дақиқаи ҳар як дарс беихтиёр дар муҳокимаву маҳкумияти дуздию



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

қаллобии сардорони омӯзишгоҳ ва гирду атрофи он мегузашт. Мардум ба шӯриши ботинӣ гирифтор шуда буд. Аммо дар байни он мардум касе, ки ҷуръат пайдо карда, аз шӯриши даруни остин ба шӯриши ошкор ва рӯйрости маҷлису майдон гузарад, ёфт намешуд. Ман, ки гӯё дуорафтаам ва ба ҳар санге, ки дигарон аз вай ҳазар мекунанд, ман бояд сари бечораи худро зада гузарам, ин дафъа ҳам худдорӣ ва тоқат карда натавонистам. Навиштам. Ба Комитети партиявии вилоят навиштам. Баъди сечор рӯз маро ба идораи райком таклиф карданд. Дароям, дар кабинети котиби якум якчанд нафар одамон нишастаанд, ки ман ҳеҷ кадоми онҳоро намешиносам. Дар пешгоҳи кабинет, дар курсии котиби якуми райком як ҷавонмарди тануманди ҳарду бари рӯяш айнан монанди анор ҳам сурх, ҳам кулӯла ва ҳам овезон нишаста буд, ки ба ман махсус ӯ табассум мекард. Дигарон муносибати худро ба ман бо пардаи ҷиддияти қатъӣ пӯшонда монда буданд. Ва агар аниқтар карда гӯем, маро мепесонданд, яъне бад-бад нигоҳ мекарданд. Сонӣ фаҳмидам, ки он марди лабу лунҷ арғувонӣ котиби комитети партиявии вилояти Ғарм Қаландаров будааст. Ӯ бо табассуми кушода маро қабул карду сарсухани ҳолпурсонаашро дароз карда наистода ба сари масъала омад.

– Ин мактубро ту навиштӣ? – пурсид ӯ.

– Ман, – ҷавоб додам ман.

– Ин duздию қаллобиеро, ки дар ин ҷо навиштаӣ, дайн карда метавонӣ?

– Дайн кардан кори ман нест. Агар шумо ба ташкилотҳои дахлдор супореду онҳо тафтиш гузаронанд, аз одамон пурсанд, duздону қаллобонро меёбанд ва гуноҳи онҳоро муфаттишҳо дайн мекунанд.

– Дайн нашавад, чӣ? – тамасхур кард Қаландаров.

– Агар беғаразона тафтиш кунанд, дайн мешавад.

– Ҳай бачча, баччаи мӯрчаногазида! – гуфт Қаландаров бо оҳанги таассуф. (Воқеан, айнан ҳамин истилоҳро пеш аз ин аз як калони дигар ҳам шунида будам) Таассуфе, ки ҳоло, баъд аз таҷрибаи чандсолаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

муносибатҳо ва муомилаҳо ба ман супоранд, чунин маънидодаш мекунам: «Ҳай бачча, баччаи мӯрчаногазида! Ин дуздию қаллобӣ ҳазорон сол вуҷуд дошт ва ту ту барин муборизон ҳам вуҷуд доштанд, вале касе илоҷи онро ёфта натавонист. Зӯри беҳуда мезанӣ, бачча!»

Баъди якчанд дақиқа табассуму сарҷумбонию таассуфи дигар ниҳоят Қаландаров гуфт:

– Хайр, рав, рафиқ Мирзоев, мо ин корро тафтиш мекунем.

* * *

Ба ёдам нест, худи ҳамон рӯз ё рӯзи дигар (не, худи ҳамон рӯз) ман бегоҳӣ, аниқтараш, шаб, соати тахминан ёздаҳ дар сари баландӣ рӯ ба рӯи дарё менишастам. Танҳо будам. Акнун дар ман аз он илҳоми меҳнатӣ ному нишоне ҳам намонда буд. Дуду тафи бадбӯи он моҷарои ифлос осмони ҳамин дирӯзакак беғубори шеъру шоирӣ ва дӯстию меҳрубониро гирифта буд. Аҷибаш ин, ки дирӯзакак дар ҳамаи синфҳо қариб ҳамаи хонандагон бо як забон эътироз мекарданд, ки ин қаллобии сардорони омӯзишгоҳ ҷинояти нафратовар аст. Аммо имрӯз, вақте донистанд, ки ман ҳамон эътирози онҳоро ба маълумоти роҳбарони партиявии вилоят ва район расонидаам, ҳамаашон ҳамон тавр бо як забон хомӯш шуданд ва лап заданд. Ҳатто аз ман ҳазар мекардагӣ шуданд. Дидам, ки дигар дар гирди ман ҷамъ намешаванд. Ҳазлбозию латифагӯӣ намекунанд. Шеъру рубоӣ намехонанд. Дар баробари ин ба эътирози ман шарик будан ё набуданашонро зоҳир наменамоянд. Аҷиб. Дирӯз ҳама тарафдори якдигар ва дар айни замон тарафдори ман буданд. Имрӯз ҳама аз якдигар ҷудо ва аз ман ҳам ҷудоянд. Оре, ҳамин хислати фарзанди инсон, беҳавсалагӣ ва беҷуръатӣ, «аз ин бадтар нашавад» гуфта, ба ками худ розӣ будан ва ба дуздию қаллобии беинсофонаи дигарон роҳ дода, дар дами хатар ва ҷавобгарӣ ақиб нишастанҳо буд, ки зулму ситам ва истисмори одам аз тарафи одам ҳазорон ҳазор



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

сол давом кард. Ана ҳамин беҳавсалагӣ ва тарсончакии мост, ки онро қаллобони берӯ ва беинсоф ҳанӯз ҳам истифода мебаранд. Медонанд, ки ростон зӯранд, агар муттаҳид бошанд. Аз ростони номуттаҳтид ва номубориз ба онҳо хавфу хатаре нест.

… Дар сари насими ҷонфизои нимишабӣ рӯ ба кӯҳу дарё менишастам ва диламро тасалло медодам, ки оқибат надорад, як рӯз не-як рӯз Партияи Коммунистӣ илоҷи қаллобонро ҳам меёбад. Партияе, ки илоҷи мутлақияти подшоҳиро ёфт, илоҷи бесарусомонӣ ва гуруснагию қаҳтии солҳои ҷанги гражданиро ёфт, партияе, ки илоҷи зӯртарин ва мудҳиштарин ваҳшии таърихи инсоният – фашизми гитлериро ёфт, илоҷи ҳамин қаллобчаҳои дар паси саргини хар панаҳро магар намеёбад?! Меёбад!

Ва ниҳоят боз ба худ омадам. Боз худамро бардаму устувор ҳис кардам. Ман ҳамин хел як хусусият дорам: баъди ҳар як шикаст аввал хеле маъюс мешавам, ба дараҷае, ки банде ёбаму худамро салма андозам. Лекин ягон соат нагузашта дар натиҷаи таҳлили воқеаҳо ё, аниқтараш, дар натиҷаи фишори ботинии умед ва боварие, ки дар вуҷуди ман ҳамчун программаи ҳаётӣ маҳфуз аст, боз ҳамаи маъюсиҳо зада пароканда карда мешаванд ва ман боз ҳамон мубориздам, ки будам…

Ба ин фикру андешаҳо гирифтор менишастам, ки баногоҳ аз пуштам хишир-хиширеро шунидам. Даме нагузашта он хишир-хишир ба шарфаи по табдил ёфт. Ҳайрон будам, ки: «қишлоқ дур аст, кӣ бошад ва дар ин бевақтии шаб ин ҷо чӣ кор мекарда бошад?» Синча карда бинам, зане меояд. Зан ва танҳо. Аҷиб. Ман аз ҷоям бархостам, ки ӯ худашро тарсидагӣ барин карда, сохтакорона «оҳ» гуфт.

– Шумо кистед? – пурсид ӯ аз дурии тахмин даҳ қадам.

Ман номамро гуфтам.

–Э, шумоед, муаллим? Хонаатон пури нон, чунон тарсондед, ки… – Ин суханҳоро гуфта истода то ба паҳлӯи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ман расида омад ва ҳамон замон ба нозу карашма даромад. – Ин ҷо чӣ кор мекунед, муаллимҷон? Гӯё танҳо менамоед. Наход, ки танҳо бошед?

Он кас яке аз муаллимагони омӯзишгоҳ буд. Маҳаллӣ. Таҳҷоӣ.

– Ман-ку манам, мардам ва танҳо гаштанам дар ин ғоти шаб айб нест. Лекин шумо дар ин ҷо чӣ кор мекунед? – пурсидам ман.

– Муаллимҷон, dониста бошед, ман ҳаминҷоиям ва ин ҷо ҷои ман аст. Дар ин ҷо шумо бегонаед, – гуфт бо ҳамон нозу карашмае, ки барало ваъдаи бӯсу канор аст.

– Ин ҷой, ки ҷои шахсии шумо бошад ва ман бегона бошам, меравам, ки ба шумо халал нарасонам, – гуфтам ман ва дар ҳақиқат хестам, ки равам.

– Не, не, – гуфт саросема он зан. – Ман ҳазл кардам. Росташро гӯям, медонистам, ки шумо дар ҳамин ҷоед, худам ба хости худ, ба пои худам омадам, – гуфт ӯ ва банди дасти маро гирифту сар надод.

Мо дар сари он баландӣ боз ҳамон тавр рӯ ба дарё ва кӯҳ нишастем. Ӯ ҳар нафас «хато карда», «беихтиёр», «тасодуфан» сони пурҳарорагашро ба сони ман мерасонд ва мани аз ишқбозӣ тамоман бехабарро безобита мекард, аз роҳ мезад. Мани даҳ дақиқа пеш аз ин ба дараҷае бегуноҳро, ки дар доманам намоз хондан мумкин буд, дар як нафас ба як куррачаи навболиғ мехост табдил диҳад. Ғайр аз ин ҳиссиёте, ки ӯ ба вуҷуд овард, ҳамчун кайфу нашъаи кадом-як шарбати нав ва ношинос ҳамаи ташвишу таҳлука, ҳамаи ғаму андӯҳ, ҳамаи хавфу хатари дар дилу ҷони ман ҳозир шӯр андохтаро барҳам зад ва ба ҷои он як фориғболии мастонае тақдим кард, ки мондан гиред.

Ӯ рӯирост бӯса талаб мекард ва ба ман наздиктар мешуд, вале айни вақти аз ин наздикӣ фоида бурданам аз пуштамон садои сулфа омад. Муаллима «оҳ» гуфта ҷасту гурехт. Ман аз ҷоям хеста бошам ҳам, истодам. Хайрият, ки шаб буд, торик буд ва он касе, ки сулфа карду расида омад, авзои аз шарму ҳаё дар обу арақ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ғӯтидаи ман, дарақ-дарақ ларзидани дасту пои маро на-дид.

Бинам, он кас яке аз ходимони омӯзишгоҳ буд, ки номашро ҳамон вақт ҳам намедонистам, ҳоло ҳам намедонам.

–Ҳа, муаллим! – гуфт ӯ ба таври худ ҳайрон шуда истода. – Шумо ин хел қилиқ ҳам доштаед-да! Мо шуморо шоир, яъне қариб пайғамбар гуфта гашта будем, хато карда будем-да. Дар амал шумо ҳам мо барин бандаи хокии рӯруждаки тагхароб будаед-да. Лекин ман гӯяму шумо шунавед, шоир, ки ҳозир бо думи шер бозӣ кардани шуморо бо ду чашми сарам дидам. Магар намедонед, ки ин зан зани кист? Зани фалонист, додарам. Агар воқеаи ҳозираро фаҳмад, ҳам шумо, ҳам занашро порапора карда ба дарё мепартояд. Масалан, ана ҳозир бо ҳамин таёқи хирскушӣ ба саратон якто фурораму аз поятон кашола карда бурда ба дарё партоям, кӣ медонад ва аз куҷо медонад, ки шуморо кӣ кушт? Барои ҳамин маслиҳати маро гӯш кунед, додарам: пагоҳа худаш раведу ҳисобу китобатонро бо омӯзишгоҳ баробар кунеду аз ин ҷо канед. Дар айни ҳол барои шумо аз ин маслиҳат маслиҳати хубтар нест ва аз ин илоҷ илоҷи мувофиқтар нест.

Ӯ рафт. Ман мондам. Он ҳама дамдорию устувориро, ки баъди воқеаи ариза ба туфайли шаби дароз сар кафонда, ҷон коҳонда таҳлил кардану таскин додан ба даст оварда будам, боз аз сари нав аз даст додам. Ин дафъа ба тамом аз даст додам. Акнун ҳаққи мубориза бурдан ҳам надоштам. Ҳаққи худро ҳимоя кардан ҳам надоштам. Ростию ҳалолӣ ҳамчун ягона силоҳ, силоҳ чӣ, ки ҳамчун ягона химчаяке, ки гӯё дар даст доштам ва ҳангоми аз кӯча гузаштан аз сагҳо гӯё худро ҳимоя мекардам, аз дастам кашида гирифта шуд. Акнун дар пеши хурдтарин кучук ҳам беҳимоям. «Маслиҳати оқилона дод он мардак. Бояд равам. Саҳар бояд равам». Ва шабро дар сари ҳамон баландӣ рӯз карда, дасту рӯямро дар дарё шустам ва ба дарс нарафта, ба ҷустуҷӯи Сӯфиев даромадам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сӯфиев барин касон, агар хоҳанд, ки шумо онҳоро наёбед, дар ҳақиқат ба осонӣ намеёбед. Дар Кӯлмак барин қишлоқчаи танг ҳам чунон пинҳон мешаванд, ки гӯё вай Истамбул бошад. То ними рӯз ӯро кофтам. Оқибат як ҳолдони савобгир дар гӯшам гуфт ва бо чашмонаш ишорат кард, ки: – Мана ҳамин киштзори ҷуворимаккаро дида истодаӣ? Дар миёнаҷои ана ҳамин ҷуворимакказор як суфаи баланди барҳавояст. Сӯфиевро аз ҳамон ҷо метавонӣ ёбӣ.

Майдони ҷуворимакказор тақрибан панҷоҳ ба панҷоҳ, яъне ним гектар буд. Баландии ҷуворимаккаи ин миқёс бошад, ба ҳама маълум аст: камаш се-чор метр. Ҷангали ҳақиқӣ. Ман қад-қади он девори сабз ду-се маротиба моку задам, ки шояд ягон пайраҳае ёбам. Аммо ягон пайраҳа наменамоид. Ниҳоят аз ҷӯякҳои таги ҷуворимакказор якеро интихоб кардаму рост рафтан гирифтам. Бист-сӣ қадам монда будам, ки қаҳ-қаҳи мастонаи секаса ё чоркасаро шунидам. Наздик шавам, дар ҳақиқат дар миёнаи ҷангали ҷуворимакка суфаи баланду барҳавое истодааст ва дар рӯи он суфа Сӯфиев бо се-чор нафар гумоштагони худ бар сари дастархони пур аз арақ ва нозу неъматҳои камчини кӯҳистонӣ нишаста қартабозӣ дорад. Маро дидан баробар ҳамаи гумоштагонаш қавоқҳои худро андохтанд ва афту андомашон ба афту андоми дар гирди Қаландаров нишастагон тамоман монанд шуд. Фақат худи Сӯфиев ҷаҳида аз ҷояш бархосту бо табассуми тамоман ҳақиқӣ даҳонашро каҷ карда истода, бо илтифоти тамом таклиф кард:

– Биёед, рафиқ Мирзоев, биёед, биёед рафиқ Мирзоев. Марҳамат кунед, ана ба ин ҷо гузаред.

Ман коғази ҳисобу китобамро ба дасти ӯ додам, ки имзо кунад.

– Э? Меравед, рафиқ Мирзоев? Кӯлмаки мо ба шумо маъқул нашуд? Афсӯс, афсӯс! – мегуфт Сӯфиев, имзо карда истода.

Ман аз даруни ҷуворимакказор ҳанӯз набаромада будам, ки аз пуштам қоҳ-қоҳи хандаи мастонаи онҳо ба-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ланд шуд. Чӣ ҷои шубҳа, ки онҳо ба ҳоли зори ман механдиданд ва ин хандаи мастона салюти ғалабаи навбатии қаллобон буд.

Даҳрӯза-дувоздаҳрӯза муаллимии ман дар Омӯзишгоҳи ғоибонаи Кӯлмак ана ҳамин тавр сар шуд ва ана ҳамин тавр ба охир расид.

... Аз ин воқеа тахминан панҷ ё шаш сол гузашт, вале фаромӯш нашуда буд. Як рӯз дар Душанбе бо он зане, ки шабона ба назди ман омада буд, дучор омадам. Надонам, ба хотири он бӯсаи қарзӣ ё ба хотири он воқеаи мағшуш ман ӯро ба ресторан таклиф кардаму чанде сӯҳбат карда нишастем.

– Ку, хонум, гап занед, шумо дар чӣ ҳолед, Кӯлмак ва Сӯфиев дар чӣ ҳоланд?

– Чӣ гӯям, Кӯлмак боз дар сад соли дигар дигар намешавад. Сӯфиев бошад, баъд аз рафтани шумо якбора Сӯфизода шуд. Лекин сӯфизодагии ӯ дурудароз давом накард. Охир ба даст афтоду нӯҳ сол гирифта рафт.

– Истед, ки, хонум, худи шумо кӣ будед ва ҳоло кистед? – пурсидам бо ҳавои ҳазл.

– Ман ҳам дигар нашудаам. Касе, ки будам, ҳамон ҳастам, – гуфт муаллимаи кӯлмакӣ.

– Шумо зани ягон калоншавандаи Кӯлмак будед? – пурсидам ман огоҳии он марди калтакдорро ба ёд оварда.

– Кадом калоншаванда?! Ман ҳам шумо барин як сағераи бекасу кӯ будам, ки барои ризқу рӯзии муқаррариям сарамро паст карда, хизмати қаллобони Кӯлмакро баҷо меовардам.

– Аз ин мебарояд, ки он ғули калтакдор дурӯғ гуфта буд?

– Чӣ гуфта буд?

– Гуфта буд, ки шумо зани калоншавандае ҳастед, ки дарак ёбад, дуямонро пора-пора карда ба дарё мепартояд.

– Албатта дурӯғ гуфта буд. Лекин росташро гӯям, дурӯғи малиҳатомез гуфта буд. Аз дасти қаллобони



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Кӯлмак ҳама кор меояд. Онҳо маслиҳат карда буданд, ки ба ҳамин восита шуморо тарсонанду шумо бо пои худ баромада равед ва ба онҳо халал нарасонед. Агар зӯъмӣ карда меистодеду муборизаатонро давом доданӣ мешудед, дар ҳақиқат хавфи беному нишон гум шуда рафтани шумо аниқ буд.

– Шумо ҳам ба онҳо шарик будед?

– Он қадар шарик не-ку. Ба ман фармуданд, ки раваму бо шумо шинам то моро ҳамроҳ дастгир кунанд ва ба ҳамин восита шуморо тарсонда гурезонанд. Нақшаашон пухта баромад: шумо тарсидед ва гурехтед. Лекин кори оқилона кардед, ки гурехтед. Ман дар дилам ҳамин хел қарор дода будам, ки агар зӯъмию сарсахтӣ карда истед, шуморо аз хавфу хатар огоҳ мекунам.

– «Номард бошу зинда бош» гуфтагӣ барин шудааст, гӯед, – ба ёд овардам ман мақоли кинояноки кӯҳистониро.

– Бале, муаллим, «номард бошу зинда бош», – гуфт муаллимаи кӯлмакӣ, ки оқилона будани ин мақолро бе киноя тасдиқ мекард.

*1988*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## АЛМАСТӢ Ё НАШЪАИ ЗӮРӢ

Мо, чор оила, дар як ҳавлӣ зиндагонӣ мекунем. Рӯзона агар соҳибони ҳавлӣ марду зан ва гулаку-чулаки мо бошанд, шабона хӯҷаини яккаву ягонаи он як гурбаи нари нимтаҳҷоӣ ва нимсиамиест, ки кас бинадаш, гумон мекунад, ки падараш алмастӣ буд ё модараш. Гӯшҳои калта-калтаи секунҷаи нӯгтез, чашмони калон-калони ваҳшии ғаюри ба ҳамлаи марговар ҳамеша тайёр, фуки пучуқ ва алогии хеле батартиб ва шинами сару фусуки ӯ каллаи ӯро ба каллаи бойӯғлӣ ё ба каллаи ваҳшияки одамсурате монанд кардаанд ва ин афту андоми аз пишакҳои маҳаллӣ фарқкунандаи ӯ бинандаро беихтёр ба ҳайбати мор барин аҷоиб як ҳайбате гирифтор карда метавонанд. Яъне кас ӯро аз як дидан агар зиёдтар бинад, метарсад, воҳимааш зер мекунад. Аммо ҳамаи гап дар ҳамин буд, ки ӯ ба чашми одам хеле кам меафтад. Чуноне ки гуфтем, рӯзона ӯ ҳаргиз худашро нишон намедиҳад. Аммо ҳавлӣ аз ғуруби офтоб то дамидани субҳ ҷобаҷо дар ҳукми ӯст. Ӯ ҳар шаб як бор ва гоҳ-гоҳ ду бор наъраи дар ҳақиқат даҳшатангезе мезанад ва албатта ба пишакҳои гирду атроф маълум карда меистад, ки ин овози кист, ӯ чӣ иқтидор дорад ва вой бар ҳоли он пишаке, ки ӯро ғурури нарӣ ба ҳавлии мо биёрад. «Ҷобаҷо мехӯраму мемонам» – мегӯяд овози Алмастӣ. Воқеан, «мехӯраму мемонам» гуфтанаш ба хотири муболиға ва муҳоботи ман нест. Ӯ дар амал даррандаи хунхор будааст. Ман инро аз куҷо пай бурдам, гӯед. Дар ҳавлии мо як пишаки серангаи мода ҳам ҳаст. Ҳар сол вай якборию дуборӣ чортогию панҷтогӣ бачча мекунад. Вале аз ин даҳ-дувоздаҳ пишакбачча оқибат як ё ду пишак мемонаду халос. Ва ин боқимондаҳо ҳам фақат ба шарти он зинда мемонанд, ки агар мода бошанд. Ана ҳамин тавр.

Ҳамин тирамоҳ дар даруни соботи мо пишак бачча карда будааст. Вақте ки мо аз ин бохабар шудем, қарор додем, ки онҳоро аз собот, дар ягон ҷои дигари ҳавлӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷой кунем. Ман панҷ баччаи пишакро ба сабадча андохта бурдаму дар ҳезумхона дар таги ҳезумҳо ҷой кардам. Аммо ним соат нагузашта буд, ки очапишак ҳамаи онҳоро якто-якто кашониду боз оварда дар собот ҷой кард. Ман ҳайрон шудам, ки чаро ин очапишаки на он қадар хонагӣ ва на он қадар одамдӯст ин хел қилиқи дӯстию мададталабӣ зоҳир менамояд. Мана дар ҳамин марҳилаи муносибатҳои тасодуфии ман бо пишак маро иштиёқи шууронае пайдо шуд, ки бинам, санҷам, донам, фаҳмам, чаро очапишак дар ҳавлӣ дар таги ҳезумҳо ҷой гирифтан нахост. Ман боз баччаҳои пишакро ба сабатча андохта, ба ҳезумхона бурда ҷой кардам. Ва баъд аз тахминан ним соат он Алмастиро дидам, ки пишакбачаеро ҳамчун калламуш кашиду гирифту ба болои боми гараж хез заду рафт. Ва очапишак чор баччаи боқимондаашро боз оварда ба даруни собот ҷой кард ва тарсида-тарсида, бараҳм-бараҳм сӯи ман менигаристу бо забони он нигоҳаш илтиҷо мекард, ки «раҳм куне, монед, ки ман бачаҳоямро дар ҳамин соботи шумо калон кунам». Ман хайр гуфтам, ба ман тангӣ намекунӣ, гуфтам. Аммо чӣ фоида? Вазъиятеро, ки дар ҳавлии мо дар натиҷаи зӯрию ваҳшигӣ ва худсарию беҷазоии он Алмастӣ ба вуҷуд омада буд, ман тағйир дода наметавонистам. Милтиқ надоштам, ки поиста пайташро ёбаму ӯро паронам. Аз санг партофтану пишта гуфтанҳои ман бошад, парвош намеомад. Ӯ дар муҳити худ ягона зӯр, ягона ҳоким ва ҳакам буд. Касеро, ки мехост, мекушт, касеро, ки мехост, медошт.

Аммо ҳоло ҳам, то ба ҳамин лаҳза ҳам хулосаҳои ман доир ба зӯрию ваҳшигии он пишаки алмастӣ хулосаҳои асосан назариявӣ ва фикрӣ буданд. Ман медонистам, ки ҳамаи он пишакбачаҳоро ӯ мехӯрад. Аммо ягон маротиба ба чашми худ надида будам. Ман медонистам, ки ягон пишаки бегона аз ҳавлии мо ҳадди гузаштан надорад. Аммо надида будам, ки вай чӣ кор мекунад, агар бо пишаки бегонае дучорояд. Имрӯз дидам. Рӯзона дидам. Дар пеши по ва пеши чашми худам.



бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Соат чор ё чоруним буд. Ман дар боғ баргҳои хазон ва хасу хошоки тирамоҳиро меғундоштам. Баногоҳ фиғони ҷонкоҳи пишаке бархост. Ман дарҳол фаҳмидам. Ба маънии он фиғон даррав сарфаҳм рафтам. Аз худи фиғони якум қарор додам, ки пишаки нари бегонае, вақташ расидае хато карда, аз ҳавлии мо гузаштанӣ шудааст ва алмастӣ пеши роҳашро гирифтааст. Ва фаҳмидам, ки он фиғон аз тарс аст, нишонаи нотавонист. Корамро мондаму оҳистакак аз сари девори легустра калла кашида нигоҳ кардам. Он фиғон фиғони пишаки барало алои сиёҳу сафеде будааст. Алмастӣ бошад, хомӯш буд. Тумшуқашро аз ҳарифаш гӯё гардонда меистод ва дум меҷунбонд. Маҳз ҳамин оромӣ ва бепарвоии Алмастӣ ба пишаки бегона хатари маргро талқин мекард ва он бечора ба фишори зӯрии ӯ тоб оварда натавониста фарёд мезад. Ман медонистам, ки он фарёд дӯғу пӯписаи рӯякӣ буда, дар амал фарёди мададхоҳист. Аммо мадад на ба фарёди ҳар мададхоҳ расида меояд. Хулласи калом, Алмастӣ хомӯш пайт мепоист ва бо оромии дарун ба дарун пур аз воҳимаи худ ба пишаки раҳгумзада фишор меовард, вай бошад, бечора дам ба дам гулӯ даронида фарёд мезад ва ман аз пушти девори легустра ин манзараро тамошо мекардам. Пишакҳо маро намедиданд. Ва ҳаракати маро ҳам намешуниданд. Зеро гӯшу ҳушашон ҷобаҷо ба моҷарои худашон банд буд. Аз ибтидои он моҷаро тахминан даҳ дақиқа гузашта буд ё не, ки Алмастӣ банохост, ҳамчун бабр, не, ҳамчун мор, не, ҳамчун гулӯлаи барқ ҷаҳиду рост аз гулӯи пишаки бегона гирифт ва фиғони ӯ дарҳол бурида шуд. Ду ҷисми гӯё аз барқ сохта шуда ба ҳамдигар часпида дар замин дар бехи девори легустра ба тезии ҳазор ҳаракат дар як сония ғел мезаданд, мепариданд, метапиданд. Ман ба умеди он, ки ҳозир ба онҳо наздик мешавам ва онҳо маро мебинанду якдигарро сар дода пароканда мешаванд. Аммо ҳайҳот! Алмастӣ ба дараҷае, ба шиддати чунон як хашму ғазабу адовату нафрате гирифтори даронида партофтани гулӯи ҳарифи худ буд, ки дар ҳамин сония тӯп



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ҳам агар паронда мешуд, садояшро намешунид. Ман омадам. Поямро озод ба гардани Алмастӣ монда бо тамоми вазни ҳафтодкилограммаи худ зер кардам, ки ӯ пишаки бегонаро сар дод. Вай ҷони худой гуфта гурехт. Алмастӣ бошад, ҷунбида наметавонист. Акнун вай дар зери пои ман ба ҳолате гирифтор буд, ки ду-се дақиқа пеш аз ин пишаки бегона дар зери дандони тезу чанголи хунрези ӯ гирифторӣ дошт. Ва айнан дар ҳамин дақиқаи зоҳир шудани зӯрии ману нотавонии Алмастӣ муаммо ё худ фалсафаи зӯрӣ майнаи маро фаро гирифт.

Аввалин ҳиссиёте, ки маро ба назди пишакҳои ҷангӣ оварда буд, ҳиссиёти он буд, ки пишаки нотавонро аз чанголи пишаки тавонгар халос кунам. Ва ҳангоме ки ман поямро ба гардани Алмастӣ мондам, зер кардам ва ӯ пишаки алоро сар дод, дар хаёли ман фикри сар додани Алмастӣ дарров наомад. Оре, аз рӯи қоидаи оддии муносибат бо ҳайвонҳо мебоист ман онҳоро ҷудо мекардам ва тамом, бо роҳи худам мерафтам. Аммо бар хилофи ин қоидаи инсонӣ ман гардани Алмастиро мефишурдам, талвосаи ҷонкании ӯро медидам ва аз ҳиссиёти зӯрии худ кайф мекардам. Ин кайфи ҳайвонӣ, ваҳшонӣ шояд кайфи ибтидоии ман буд, кайфи он замонае буд, ки одам дар муқобили одам ҳанӯз ҳайвон дар муқобили ҳайвон буд. Воқеан, ана ҳамин кайф, ҳамин нашъаи зӯрӣ, зӯрии ҳайвонӣ ва ваҳшонӣ ҳоло ҳам дар вуҷуди фарзанди инсон вуҷуд дорад, ки он ба воситаи таъсири масткунандааш кулли ҳиссиёти некӣ, ҳиссиёти салоҳдиди инсонро барҳам зада, ӯро ба ваҳшии бераҳму шафқат монанд мекунад. Ва ӯ, фарзанди инсон, дар давоми ин мастияш, то ҳушёр шуданаш, то ба сари инсофи одамӣ баргаштанаш ҷиноятҳое метавонад содир кунад, ки аз ақл берунанд.

Ман медонам, ки чанд сония гирифтори ин нашъаи зӯрӣ будам, вале ногаҳон шарораи инсофи инсонӣ дар мияи ман барқ зад ва баъди барқ задани ин шарора ба пишаки дар зери поям ҷон канда истода аз нав назарам афтид. Ман ӯро сар додам. Вале аз ҷояш наҷунбид. «На-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ход ман ӯро кушта бошам!» – гуфта афсӯс мехӯрдам ва ба поям ӯро тела дода ҷогардон кардам. Ӯ намурда будааст. Ба худ омад ва дасту пову тану тӯши худро базӯр кашолакунон ба даруни легустра даромада рафт. Баъди ин ман мондаму андешаи зӯрии ҳайвонӣ, ки ҳоло ҳам дар вуҷуди одамизод вуҷуд дорад.

*22 декабри 1988*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# МУХБИРИ САЙЁР
# ВА ДУ ХАРБУЗА

Охири июл ё аввали августи соли 1942 буд. Ман мухбири сайёри газетаи «Ҳақиқати Кӯлоб» шуда кор мекардам. Як рӯз котиби газета «сайёриамро» ба хотирам оварду фармуд, ки аз колхозҳои гирду атроф, «ҳеҷ набошад, аз ҳамин Лӯликӯтал» ду-се хабар ташкил карда биёям.

«Лӯликӯтал бошад, Лӯликӯтал-да», – гуфтаму рафтам. Вале рафтанам дар ёдам намондааст: аз афташ, бо ягон воқеаи фавқулодда ё ғайриоддӣ вобаста нест. Лекин баргаштанам... Баргаштанам на танҳо дар ёд мондааст, балки ҳамин қадар сол ҳамчун як мавзӯъчаи ба кайки дар либос дармонда монанд маро безобита медошт. Аввалҳо ба ҳеҷ кас нақлаш намекардам. Изо мекашидам. (Бинед, айнан монанди кайк, ки газад ҳам, қитиқ кунад ҳам, касе худашро намехорад: изо мекашад). Вале солҳо мегузаштанду ин кайкак маро бозӣ медоронд, механдонд, безобита мекард ва ба он, ки аз хотирам нарафтааст, қаноат накарда, маҷбурам мекард, ки хоҳ ҳамчун дурӯғ, хоҳ ҳамчун рост, хоҳ ҳамчун латифа, хоҳ ҳамчун қисса нақлаш кунам. Ҳатто ба ҳамин дараҷаи эзмагӣ расид, ки рӯзҳои навиштани бобҳои мазҳакавии «Сесаду шасту шаш паҳлу» аз гиребонам гирифт, гирифт, ки «маро ҳам боб кун, боби достон кун». Худо медонад, чӣ воқеа рӯй доду ман онро боби достон накарда мондам. Ин аст, ки мехоҳам акнун нақлаш кунам ва аз эзмагии чилсолаи он халос шавам.

…Ба сари гап биёем. Қисса кӯтоҳ, рафтам. (Ман як одат пайдо кардаам, ки дар сари миз, ҳангоми кор барои ба ёд овардани хотираҳои бисёр дер ва дур, барои ёфтани ягон тасвир бо ду кафи даст рӯямро мепӯшонам, пеши чашмонамро торик мекунам ва намедонам, чӣ каромот дошта бошад, ки ба ҳамин восита чизи даркориамро дар ҳақиқат зудтар меёбам. Мана ҳозир ҳам бо мушт рӯямро пушидаам ва манзараҳои ҳамонрӯза равшан на-



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

моён шуданд. Худи ин, ки ҳамаи он манзараҳоро чил сол пеш аз ин ба навор гирифта будам ва акнун ба проектор монда тамошо карда истодаам).

Тавба кардам! Ана замину мана замин! Ана пахтаву мана пахта! Баландтарин буттаҳои пахта то ба зону намерасанд. Заминҳоро сартосар ғумай ва қамиш зер кардааст. О ғумай ва қамиш чаро зер накунад, ки рагу пайи сар то сари водии Кӯлоб он вақтҳо ҳанӯз аз решаҳои тар ва зиндаи ғумаю қамиш иборат буд. Ва бояд гуфт, ҳар як буттаи ғумаю қамиш решаи барои худ алоҳида надорад, то ба як бор решакан кардан нест шавад. Ҳар як буттаи ғумаю қамиш давоми дави решаи дигар бутта аст ва он бутта давоми буттаи дигар ва ҳоказо. Ва кас хато намекунад, агар пиндорад, ки кулли қамишу ғумайи водии Оби Ёхсу ва Сурхоб реша ба реша ба ҳамдигар пайванданд. Онҳо бо нӯги найзамонанди худ ҳатто фарши рағд кардаи хонаҳоро кафонда мебаромаданд, дар идораҳо ва мактабҳо, ки фаршашонро акнун аз чӯб мекардагӣ шуда буданд, қамиш аз рахнаи тахтаҳо сар мекашид. Ман шаҳодат медиҳам, ки он солҳо ба несту нобуд кардани қамишу ғумай аз мардуми маҳаллӣ қариб ҳеҷ кас бовар намекард.

– Ғумаю қамишро нест мекунам, гӯӣ, бояд, ки ба сари ҳар як буттаи онҳо як марди каланд дар даст шабу рӯз қаровул шуда истад, – мегуфтанд деҳқонон. – Ҳозир ҷанг бошад, ин қадар одамро аз куҷо меёбӣ.

Хулласи калом, ман дар Лӯликӯтал аз қитъа ба қитъа мегузаштам ва дар ҳар қитъа зиёд бошад, чор ё панҷ нафар занон ё бачагонро медидам, ки дар дами хурӯҷи ғумаю қамиш ба аломати савол монанд буданд.

Мегаштам. Тарсида-тарсида ҳол мепурсидам. Барои он тарсида-тарсида, ки мардуми ба ҷонаш расида гизала буд. Тобу тоқати шунидани кунҷковӣ ва маҳмадоноии ман надошт. Ман ҳам бошам, бачча будам, дар сездаҳ ё чордаҳ. Бинобар ин ягон ҳурмате ё марҳамате нисбат ба ман сар занад ҳам, ба иззати ман не, ба иззати қаламам сар мезад. О-о, халқи тоҷик қаламдастонро дар ҳақиқат



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳурмат мекунад. Китобро, газетаро, ҳарфи чопиро дар ҳақиқат азиз медорад.

…Аз саҳар то бегоҳ аз замин ба замин, аз звено ба звено, аз бригада ба бригада гаштам. Манзараҳо ва воқеаҳоеро дидам, ки аз онҳо хабар сохтан мумкин набуд. Гашти рӯз (хоҳ дониста шумолед, хоҳ надониста) ба сари полизе омадам. Он вақтҳо ва умуман аз қадимулайём дари осиёб, сари суфаи боғ, сари полиз, баъзан сари хирман ягона ҷое буданд, ки ман барин сағираҳои раҳгузар қути лоямут метавонистанд ёбанд, Полизбон як харбузаи ҷуҷалии хушрӯро дар пешам чарсӣ сар бурид ва ҳангоме ки ба харбуза корд халонд, харбуза ҳамчун садои даридани сатили оҳанӣ «ҷаррӣ» садо дод ва маътали буридан наистода каҷукилеб кафида рафт. Мӯсафед чун устоде, ки аз ҳунарнамоии шогирди ҳунармандаш меболад, дар даридани харбузааш табассуми пурифтихоре кард. Сонӣ ҳол пурсид. Ховалингию датанишолӣ буданамро ки донист, аз кимкадом шоху навдаи авлоди мо гӯшрас буданашро ба ёд овард. Оҳ гуфт, уҳ гуфт. Ғамгин шуд. Раҳмаш омад. Оқибат вақти хайрухуш ду харбузаи ба лафзи бозориҳои имрӯза кори калонро ба пешам монд, ки гирифта равам. Росташро гӯям, ман нею нестон накардам. Ҳатто интизори чунин як саховат будам. Харбузаҳоро ба хурсандӣ қабул кардам. Қабул кардам ва ҳамон саргузаште, ки чил сол боз чун воғвара, чун бези таги пӯст бедард дард мекунад ва озорам медиҳад, сар шуд.

Сумкаи брезентии аскариамро, ки кадом роҳҳоро тай карда, аз дасти киҳо гузашта, ба дасти ман расиданашро намедонистам, ба китфам овехта, ду харбузаро, ки ҳар кадомаш тахминан шаш ё ҳафткилоӣ буданд, аз ду бар таги каш намуда, ба роҳ даромадам. Ба роҳ даромадам ва танҳо сад қадам, танҳо панҷ дақиқа худамро монанди ҳамон навҷавоне ҳис кардам, ки аз ӯ пурсидаанд: «ба куҷо меравӣ?», ӯ сарфароз ва боғурур ҷавоб додааст: «ба зангирӣ!» Дар давоми ин панҷ дақиқа, дар давоми ин сад қадам ҳақиқатан ҳазору як фикру андешаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

фориғболона, ҳазору як ҳиссиёти мутаккабирона, хушбахтона ва ғолибона дилу майнаи маро тай намуда гузаштанд. Аввал ин, ки худамро бою бадавлат ҳис кардам, зеро пеш аз ин на танҳо якбора соҳиби ду харбуза, балки соҳиби як харбузаи бутун ҳам нашуда будам. Ризқи ман барин сағираҳои бекасу кӯи аз детдом баромада бисёр бошад, як тилим-ду тилим харбуза ё ягон ҳандалаки аз харбуза дида, ба бозича наздиктар, ё ягон савчаи хому хатела буду халос. Ҳозир бошад, якбора ду харбуза ва ду харбузае, ки дар бозор бозоракиҳои серпул, таҷрибанок ва хурҷину улавдор айнан ҳамин хелашро ҷудо карда мегиранд. Шояд бовар карда бошед ва тасдиқ кунед, ки ҳисси бою бадавлат шудани ман ҷон дошт. Сонӣ фикр мекардам, ки: «ман ҳам аноӣ нестам! Маро фақат дар хонаи фалонӣ, бо вуҷуди мухбири сайёри газетаи вилоятӣ буданам, дастёри оддӣ, ҳатто хизматгор мешуморанд ва қариб ҳар рӯз баъд аз кор барои гову гӯсолаи сабилмондаашон ба алаф роҳӣ мекунанд. Мана, берун аз он хона бо ман ҳам монанди ҳама коркунони масъули ба командировка мерафтагӣ муносибат мекунанд. Маро ҳам лоиқи иззату ҳурмат мешуморанд. Агар хару хӯрҷин медоштам, магар ба ман ин мӯйсафеди полизбон фақат ду харбуза медод? Даҳ харбуза медод! Як хара бор медод!» Баъд ин андешаи пурранҷу аламро андешаи дигар танг карда мебаровард ва ҷояшро мегирифт: «эҳ, бо ин ду харбузаи кори калон ба хона биёям, чи мегуфта бошанд! Кампири фалонӣ ҳамин хел одат дорад, ки дасти пур биёӣ, рӯи хуш нишон медиҳад. Ва агар ҳар рӯз се бор-чор бор бо дасти пур биёӣ, дӯстат медорад ва дар пешат нону каймоқ ҳам мемонад. Маро аз афташ имрӯз боло шинонида, дар пешам нону қаймоқ мемонад». Аммо ин фикрро зуд рад кардам, зеро баробари ба ёд овардани нону қаймоқ даҳонам об кушод ва кулиякам, яъне манаҳам ҷиззикунон чунон фушурда шуд, ки дардашро гушнаҳо медонанд. Воқеан, ман аз саҳар то бегоҳ ба ғайр аз ҳамон ним косаи харбуза чизе нахӯрда будам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мерафтам ва харбузаҳо қадам ба қадам оҳиста-оҳиста вазнинтар мешуданд. Агар аввал, сад қадам пеш аз ин, чунин мепиндоштам, ки табиат онҳоро махсус ба чени ду таги каши ман сохтааст, акнун тадриҷан чунин менамудагӣ мешуд, ки дар таги ду каши ман намегунҷанд, ба чени ду каши ман нестанд. Оҳиста-оҳиста ғеҷида ноён мефаромаданд. Вақте ки онҳоро бардошта, аз ду тараф тасмаамро қапидам, борам гӯё андаке қулайтар ва сабуктар шуд. Ва шояд ҳамин сабукӣ сабаб шуда бошад, ки ҳамон сония андешаи шӯхи бачагонае дар сарам милтӣ пайдо шуду гузашту рафт: фикр кардам, ки ҳозир ман ба ҳарфи «ф» монандам, «фе»-е, ки дар ду ҳалқаи он ду харбузаро тиққонда мондаанд. Аммо лаҳзае нагузашта таъсири он сабукӣ ҳам тамом шуд ва маълум гардид, ки аз сабаби ғафсии харбузаҳо дастҳоям ба тасма базӯр мерасанд, бинобар ин хеле зуд монда шуданд, банди даст ва буғумҳои панҷаам ба дард даромаданд. Тасмаро сар додам. Дарди буғуми панҷаҳоям пасандатар шуд. Лекин заҳмати ду банди дастам бештар гардид, чунки роҳи поён ғелида рафтани харбузаҳо аккун банд набуд, бинобар ин майли онҳо ба афтида рафтан зиёдтар шуд ва ба дастон зӯри иловагӣ лозим гардид, ки онҳоро дошта истанд. Ногоҳ ба ёдам омад, ки доман дорам. Аввал аз ин бар, зарраҳои қуввати боқимондаамро ҷамъу гирд карда харбузаро ба боло таккон додаму харошида-харошида ба як илоҷе лаби доманамро аз таги тасма баровардам. Бори харбуза ба доман афтида буд, ки дами дастам ҳот шуд, як сабукие ногаҳон ҳукмрон гардид, ки аз қанду асал ширинтар ва бароҳаттар намуд. Сонӣ аз он бар ҳам лаби доманамро аз таги тасма берун кардам. Акнун бори ду харбуза қариб ҷобаҷо ба домани курта афтод. Куртаи, кӣ медонад чанд маротиба обшуста ё аниқтараш дуру дароз ношустаи аз таъсири обу арақ фартут гардида аз гиребон то ба домон таранг кашида шуд. Лекин мани фирефтаи сабукӣ ва дамҳотии худодода ба ин аҳамият надодам. Аҳамият надодам ва



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ҷазоямро дидам: баногаҳ курта «ҷарри» кард ва ман барало ҳис кардам, ки дар тахтаи пуштам, дар ҳамон ҷое, ки одатан куртаҳо зудтар фартут мегарданд, рахнае ба вуҷуд омад, Хам шудам, ки харбузаҳоро ба замин гузорам, вале хам шудани ман бори куртаро дубора вазнинтар кард, доманҳоро тарангтар кашид ва рахнаи аз тахтаи пушт то ба миён омада чап доду аз таги каш то ба синаам расида рафт. Харбузаҳоро мондам ва айнан ана ҳамин сония аз ким-куҷои, намедонам, ақлам, шуурам, дилам, ҷигарам як фикр, як ҳиссиёти манфӣ чун гули алов сар зад, шукуфт ва хомӯш шуд. Ба гумони имрӯзаам, он фикру ҳиссиёт ба калимаи «лаънатиҳо» монанд буд. Хулоса, баъди оҳистакак баробар гузоштани харбузаҳо бархостам, куртаамро бароварда бинам, аз куртагӣ ҳеҷ чизаш намондааст. Рахнаи аз таги каш то ба сандуқи дил расидаро ҳоло як навъ карда кӯк задан мумкин аст, лекин рахнаи арқан ба ҳеҷ ваҷҳ ба кӯк задан имконият надорад. Наххҳои кандаи ҳам ин ҳошияи рахна, ҳам он ҳошияи рахна ба оби раббано, не, ба ҳаво монанд буданд. Охир оби раббанoро ба оби раббано ё ҳаворо ба ҳаво кӣ кӯк карда метавонад? «Э-ҳа, – фикр кардам ман, даридаи пушти куртаро аз назар гузаронида. – Барои поргӣ кардани ин дарида камаш ним метр ягон хел карбос-парбоси бақувваттар лозим аст.» Ҷиғели куртаамро ба сари китфам партофтам ва ба рӯи яке аз он харбузаҳо нишастам, ки дам гирам. Ба рӯи харбуза нишастани ман давоми тағйир ёфта истодани муносибати ман бо харбузаҳо буд, давоми ҳиссиёте буд, ки оҳиста-оҳиста аз мусбат ба манфӣ табдил меёфт. Ба рӯи харбуза нишастани ман баъд аз калимаи «лаънатиҳо!» зинаи дуюми ҳиссиёти манфии ман буд. Аммо баъд аз чор-панҷ дақиқаи ба рӯи харбузаҳо нишастанам на танҳо дастҳои беҳолу бемадор шудаам андаке дам гирифтанд, балки гӯё ҳиссиётам низ дам гирифт. Дидам, ки ғашам камтар шуд ва агар даридани курта диламро сиёҳ карда намеистод, дашноми «лаънатиҳор»-ро гардонда мегирифтам ва аҷаб набуд, ки харбузаҳо аз



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

сар азиз шаванд. Аммо, аз афташ, аз сар гашта азиз шудани онҳо мумкин набуд. Саргузашти минбаъдаи ман ва харбузаҳо ба ин гувоҳӣ медиҳад.

Қисса кӯтоҳ, дам гирифтам, хестам, куртаамро ба сари китфам партофтам ва як харбузаро таги каш кардам ва, ана халос! Дидам, ки муаммо ба вуҷуд омад: муаммои чӣ тавр харбузаи дуюмро бардошта таги каш кардан. Мумкин хонандаҳои азиз маслиҳат диҳанд, ки чуноне дар сари полиз таги каш карда будам, ҳамон тавр кунам. Ман бояд ба ёдашон биёрам, ки дар он ҷо мӯсафеди полизбон харбузаҳоро ба таги каши ман ниҳода буд. Вагарна ин муаммо дар худи сари полиз сар мезад. Ин аст, ки харбузаи якумро таги каш карда, хам шуда, дуюмашро таги каш кунам гӯям, бинам, наметавонам. Пои ростамро тир карда, фанди муваззанатро риоя намуда истода харбузаро бо нӯги ангуштонам ғелонида-ғелонида, истода, боло то ба шикамбаи поям бароварда, ана мебардорам гуфта будам, ки сабилмонда ғелида рафт. Ҳамин услубро такрор кардам ва ба як ҳоли зоре харбузаи дуюмро ҳам ба таги каш гирифтам. Гирифтанро-ку гирифтам, лекин даҳ қадам намонда ҳис кардам, ки дар ин се-чор дақиқаи моломолу гирогири дасти рост дасти чапам шалпар шудааст. Дарди шалпарӣ ва карахтиро ба дандон газида истода ягон даҳ-понздаҳ қадами дигар тоқат кардам. Ҳатто якчанд қадам давидам. Ба уммеде, ки «агар давам, роҳ кӯтоҳтар ва азобам камтар мешавад». Аммо ин ҳам нашуд. Истодам. Харбузаҳоро ба замин мондам. Вақти гузоштани онҳо беихтиёр кашф кардам, ки ҳар кадомашро алоҳида гузоштану бардоштан шарт не, балки ҳардуяшро якҷоя қучоқ карда мондан ва гирифтан мумкин аст. Яъне вақти бардоштан қучоқ карда мебардорӣ ва ҳангоми ба сари сина баробар шуданашон ба таги каш мегирӣ. Вақти гузоштан бошад, аз таги каш ба қучоқ меорӣ ва аз қучоқ ба замин мегузорӣ. Ин услуб корамро гӯё анча осон кард, лекин куртаи сабилмонда акнун халал медод: дар ҳар ду-се дақиқа гоҳ аз сари китфам меафтид, ка-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шола мешуд ва дар пом мепечид. Лекин курта ҳеҷ гап не, илоҷашро базудӣ ёфтам: онро бо остинҳояш дар миёнам баста мондам. Воҳ алами харбузаҳо! Ба як азоб қучоқ мекунам, мебардорам, таги каш мекунам. Даҳ қадам нарафтаам, ки дастҳоям шох мешаванд. Агар ним соат пеш аз ин баъди панҷоҳ-сад қадам мондан шалпар мешудам, ҳоло даҳ қадам намонда тоқатам тоқ мегардад ва маҷбур мешавам, ки ба заминашон гузорам. Мегузорам. Беҳолу бемадор ба рӯяшон мешинам, андаке роҳат мекунам ва ҳангоме, ки фикру хаёли боз бардошта рафтани онҳо ба сарам меояд, мӯйҳои ба ҷингилагӣ моили ман сих барин рост мешаванд.

Аҳволам акнун ба аҳволи аз зангирӣ баргаштани ҳамон ҷавони фукчухт монанд буд. Ку он касе, ки пурсад: «аз куҷо меоӣ?» ва ман бо садои ҷони ба гулӯ расидаам ҷавоб диҳам, ки: «аз зангирӣ».

Менишастам ва, аз афташ, на танҳо ғам мехӯрдам, балки фикр ҳам мекардам. Ин аст, ки нохост қароре ба хотирам омад: чӣ мешавад, яктоашро дар ягон ҷо пинҳон кунам ва инашро бурда дар хона монда, омада дигарашро барам? Роҳату фароғати бо як харбуза роҳ паймуданро бо он ҳоли зори бо ду харбуза хазидан муқоиса кардан баробар чунон хурсанд ва дамдор шудам, ки гӯё дар вуҷудам аз ҳамон роҳату фароғати ояндa як ҷуръа аванс чаконда бошанд. Барои он, ки ин гуна қарори оқилона ин қадар дер ба ёдам омад, худамро дар дилам коҳиш карда истода, бархостам ва дар ҷустуҷӯи ҷои баҷой шудам. Лекин, барқасди ман, ҳамаи буттаву решаву пастию баландиҳо тамом шуда буданд. Ман дар домани дашти аэропорт будам, ки кафи даст барин ҳамвор аст. Харбузаҳоро монда, куртаамро ба рӯяшон партофта, ин тараф даҳ-понздаҳ, он тараф бист-бисту панҷ қадам мезанам ва айнан монанди посбони тоқи дар бозии «тоқичилимкез» даҳҳо маротиба баргашта ба онҳо нигоҳ мекунам, ки касе чашми маро хато карда, онҳоро набарад. Мана як буттаи қамиш. Буттаи дар лалмии ялм руставу расида, ки дар даруни он як полиз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

харбузаро пинҳон кунӣ, мебарад. Лекин кадом-як сағераи бегӯр аловаш задааст. Бо вуҷуди ҳамин аз вай дида ҷои пинҳонтари дигар набуд. Наздик шудам. Пайҳои носӯхта ва нимсӯхтаи онро ин сӯ-он сӯ бар за-да, тахмин намудам, ки харбузаро дар ҳамин ҷо пинҳон кардан мумкин аст. Сонӣ рафта як харбузаро оварда поёнакӣ ба даруни бутта мондам ва панҷ-даҳ қадам дуртар рафта, баргашта нигоҳ кардам, ки менамояд ё не. «Менамояд, – мегуфт дар гӯши ман як кас. «Наме-намояд» – мегуфт дигаре. «Ҳаво ториктар мебуд, ҳеҷ кас намедид» – мегуфт як кас. «Ҳозир ҳам ҳеҷ кас на-дидааст», – мегуфт дигаре. «Хайр, монда рав, гашта меоӣ, ки пай ҳасту ҳайдар нест», – мегуфт як кас. «Номаъқул кардӣ», – мегуфт дигаре дағалона, зеро кас одатан маталро бо матал, ки зада натавонист, дағалӣ мекунад.

Хулоса, «ҳарчи бодо бод» гуфтаму харбузаро монда рафтам. Лекин худи дуо рафтагӣ барин, тилисм кардагӣ барин мераваму поям намекашад, ки равам. Гӯё харбузаро не, ягон ҷонваракро, ҳатто ягон кӯдакро монда рафта истода бошам, ки ҳозир ё замони дигар гиряро сар мекунад. Чуқуртар фикр кунам, дар ҳақиқат харбуза акнун аз дараҷаи моли моликияти шахсӣ гу-зашта, ба дараҷаи хешию таборӣ расида буд. Ва дар ҳамин лаҳза агар ба ман корд медоданду зорию тавал-ло мекарданд, ки онро кушам, бахудо, ки кушта наме-тавонистам. Чӣ тавре ки то алҳол ҷондореро бо корд кушта наметавонам, он харбузаро низ кушта намета-вонистам. Ин аст, ки баргаштам, харбузаро аз даруни бутта баровардам ва боз ҳамон ҷонканию ҷигар-хункунии худро давом додам. Услуби нави бо ду хар-буза роҳ гаштанам ин шуд, ки якеро бардошта, даҳ-бист қадам пеш бурда мемондам ва боз баргашта ома-да дигарашро мебурдам…

…Ниҳоят ду харбуза дар ду таги каш ба ҳавлӣ ома-дам, ҳардуяшро ба болои суфа партофта, ҳамчун аз ҳаллоҷӣ гузаронида, беҳолу бемадор ва афгор дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

паҳлӯи онҳо танол[1] афтодам. Афтодам ва акнун аз ҳама чиз безор будам: ҳам аз рӯи хуши кампири соҳибхона, ҳам аз нону қаймоқи ӯ, ҳам аз ҳамин ду харбузаи лаънатӣ.

Ба рӯи суфа афтида «ҷони худоӣ» мегуфтам, ки баногоҳ як фикри даҳшатангезе ба сарам пайдо шуд ва вуҷудам виҷиррос зад: «о ҳамон мӯсафеди полизбон ба ту ду харбуза надода, ду тарбуз медод, чӣ кор мекардӣ.

*12 октябри соли 1981*

[1] *Танол* – беҳол, беҳуш.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# БУЗАКИ ЧИННӢ-МИННӢ

*(Аз рӯи афсонаи халқ)*

## I

Дар солҳои сол, дар моҳҳои моҳ будаст-набудаст як Бузаки чиннӣ-миннӣ будаст. Ӯ ду бачча доштаст: Ҳалулаку Булулак.

Бузаки чиннӣ-миннӣ ҳар саҳар барвақт аз хоб мехестааст ва аввал ба сари болини Ҳалулаку Булулакаш меомадааст. Меомадааст ва ҳар сафар онҳоро дар хоби ширин, ки медидаст, дилаш намешудааст, ки бедорашон кунад. «Эй, ҳоло баччаанд, – мегуфтааст, – бигзор аз хоб сер шаванд», – мегуфтааст. Бузаки чиннӣ-миннӣ хонаро худаш рӯбучин мекардааст, худаш обу ҳезум меовардааст, пухтупаз намуда ноништа тайёр мекардааст. Баъд, вақте ки Ҳалулаку Булулак бедор мешудаанд, ба онҳо хӯрок дода, сонӣ аз пайи корубораш мерафтааст.

Ҳалулак, ки аз Булулак дар синну сол даҳ дақиқа калонтар будааст, ақлу фаросати ӯ ҳам мувофиқи ҳамин синну солаш даҳ дақиқа пештар даромада, дар хаёли ӯ ногаҳон як фикри аҷоибе монанди гули алов милтӣ карда гузаштааст.

– Булулак, ҳо Булулак, – муроҷиат кардааст Ҳалулак ба додаракаш.

– Ҷони Булулак, – ҷавоб додаст ӯ ба акояш.

– Очаи мо ба мо ҳамин қадар меҳрубонию ғамхорӣ мекунад. Ману ту чӣ кор мекунем?

– Чӣ кор мекунем? – такрор кардааст Булулак саволи акояшро ва азбаски ҳеҷ вақт ҳеҷ кас ба онҳо ин саволро надода буд, дуру дароз андеша карда истода, сонӣ гуфтааст: – Ҳар чӣ диҳад, ҷобаҷо мехӯрем, сонӣ бозӣ карда мешинем, гашта биёяд, бо хандаву хурсандӣ ба шоху гардани ӯ дармеафтем, ба пушти ӯ савор мешавем, меғелем, мехезем, ӯро қитиқу бӯсобӯс мекунем… Дӯст медорем… Боз чӣ кор мекунем?...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Дуруст-куя, Булулак. – гуфтааст Ҳалулак, – лекин ким-чӣ намерасад. Намедонам, ки чӣ намерасад.

Баъди ин саволу ҷавоб Ҳалулаку Булулак ба андешаи ҷиддӣ дуру дароз гирифтор шуда монда, якчанд сония ба ҳамдигар хомӯш нигоҳ карда нишастаанд. Дар давоми ин сукут ва хомӯшӣ ақли Булулак ҳам расо шуда, ба ақли Ҳалулак расида гирифтагӣ барин шудаасту ногаҳон ҳарду якбора фарёд задаанд:

– Ман медонам, чӣ намерасад!

Айни вақти фарёд задани онҳо занҷири дар шароққӣ мекунаду дар кушода мешавад ва Бузаки чиннӣ-миннӣ ду дарза алаф бар сари ду шохаш, ду сар карам дар ду дасташ, пистони пур аз шираш ба замин овезон, дар обу арақ ғарқа, шалпар, вале даҳонаш пур аз табассум аз дар медарояд ва пештара барин интизор аст, ки Ҳалулаку Булулаки ӯ ҳозир бо шодию хурсандӣ ба ӯ дар меафтанд, ӯро ғелонда хорумол, қитиқ ва бӯсобӯс мекунанд.

Ҳалулаку Булулак бошанд, ҳамон замон ба назди ӯ пештара барин бо валвалаву шавқун давида оянд ҳам, дар пеши ӯ таққӣ меистанд. Меистанд ва карамҳоро зуд аз дасти модарашон гирифта ба тоқча мемонанд, ду дарза алафро аз сари шохҳои ӯ кашида мефуроранду ба охурча бурда мепартоянд. Сонӣ аз ду бари рӯи модарашон бӯсида, ӯро аз ду паҳлу ба канор гирифта бурда ба болои курпача мешинонанд.

– Шукр, ҳазор бор шукр! – гуфтааст Бузаки чиннӣ-миннӣ, ба рӯи курпача нишаста истода. – Акнун калон шудаед. Дастёр шудаед.

## II

Рӯзи дигар Бузаки чиннӣ-миннӣ монанди пештара барвақт аз хоб хезад, мебинад, ки имрӯз хона тозаву озода аст, дар танӯр алов ҳур-ҳур аланга зада сӯхта истодааст, дар офтоба об балақ-балақ меҷӯшад, лекин гирду атроф ҷиму-ҷит, ҳеҷ кас наменамояд. Бузак аз дари хонаи бачагонаш сар медарорад, мебинад, ки ҳардуяшон хобанд, хоби мастанд. Бузак ҳайрон мешавад ва ба сари



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

болини онҳо меравад, ки онҳоро хабар гирад. Айни вақте ки Бузак лаби кӯрпаи Ҳалулакро аз замин бардошта, ӯро пӯшониданӣ мешавад, онҳо якбора валвалаву шавқункунон аз ҷогаҳошон ҷаҳида, ба шоху гардани ӯ дар меафтанд, ӯро ба рӯи бистари худ ғелонда, хорумолу қитиқу бӯсобӯс мекунанд. Бузак, ки аз дирӯз боз буғумҳои дасту пояш дард мекарданд, баъди ин хорумол бармехезад ва ҳис мекунад, ки дард нест шуда рафтааст.

Онҳо ҳар се бо димоғи чоқ ба сари дастархон ниша-ста, ношита мекунанд ва Бузак бо хотири ҷамъу дили беғам аз паи корубораш меравад.

## III

Оҳ, барои Бузаки чиннӣ-миннӣ акнун, ҳангоме ки Ҳалулаку Булулаки ӯ боақлаку қобилаку дастёрак шуда буданд, олам гулистон мешуд, агар онҳо як душмани ғаддор намедоштанд. Душмани онҳо Гург буд, як Гурги сакалтуи бекорхӯҷаи тайёрахӯр, ки ба ғайр аз duздию ғоратгарӣ коре аз дасташ намеомад. Чанд рӯз буд, ки ана ҳамин Гурги лаънатӣ дар гирди хонаи Бузаки чиннӣ-миннӣ карбос метанид ва пайт мепоист, ки Ҳалулаку Бу-лулаки ӯро тоқа ёбаду хӯрад. Оқибат ҳамон рӯз расид. Вақте ки Бузак бо хотири чамъу дили беғам ба корубо-раш рафт, Ҳалулаку Булулак дар хона нанишаста, ба ҳавлӣ баромаданду ният карданд, ки то омадани мода-рашон ҳамаи кундаҳоро кафонда, аловӣ тайёр карда мо-нанд. Онҳо бе хавфу хавотир, бепарво, бо шодию хурсандӣ, ҳатто ашӯла хонда ҳезум мешикастанд, ки ҳамин вақт Гург аз сари девор ҷаҳида гузашта, ба онҳо дарафтод, дастгирашон кард ва азбаски як ҳафта боз гу-русна буд, ҳардуяшро нахоида фурӯ бурд. Фурӯ бурд ва боз аз сари девор ҷаҳида ба хонаи вайронааш рафт, ки каҷпаҳлу занаду серупур ва орому саранҷом хоб кунад. Лекин Ҳалулаку Булулак, ки онҳоро Гурги саросема ва баднафс нахоида фурӯ бурда буд, дар шиками ӯ сиҳату саломат буданд. Бо шохчаҳояшон шиками ӯро мехаро-шиданд, бо сумчаҳои тезу сахташон ӯро лагадкорӣ ме-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

карданд. Мехостанд, ки шиками ӯро даронида берун бароянд. Гурге, ки бо шиками сер ва орому осуда кайф карда хобиданӣ буд, дид, ки дар як азоби алим мондааст. Шикамаш аз шохзанию пойкӯбии бузғолаҳо чунон дард мекард, ки гоҳе беҳуш мешуд. Гоҳ мехобид, гоҳ мехест, гоҳ ғалтанак мезад, вале ором намеёфт. Гург чунон азобе мекашид, ки аз фурӯ бурдани бузичаҳо пушаймон шуда буд.

## IV

Хуш, ки бошад, Гурга ба ҳоли зораш монему аз Бузаки чиннӣ-миннӣ гап занем. Бузак он рӯз ҳам монанди ҳаррӯза алаф медаравид, дар пистонаш шир ҷамъ мекард, вале имрӯз дилаш ким-чӣ хел беқарору хотираш мушавваш буд. Аз ҳамин сабаб рӯзро ним карду дигар маътал шуда натавониста, ба хонааш баргашт. Ба хонааш биёяд, – ҳеҷ кас нест. Дар кушода, обу ҳезум тайёр. Лекин аз Ҳалулаку Булулак дарак нест. Номашонро гирифта фарёд кунад ҳам, ҷавоб намедиҳанд. Берун баромада ҷеғ занад ҳам, овозашон намеояд. Бузак ба кофтукови Ҳалулаку Булулакаш баромадааст.

## V

Ҷони ман, ки бошед, Бузаки чиннӣ-миннӣ ҷангалҳоро пай карда, саҳроҳоро тай карда, аз дарёи Уммон гузашта, ба хонаи Шағол омада, ба болои боми ӯ баромадаасту бо чор сумаш боми ӯро кӯфтан гирифтааст.

Шағоли ҳайрону ҳаросон бо тарсу ларз пурсидааст:

*– Кист дар бомаки ларзонаки ман,*
*Хок мерезад ба дастархонаки ман?*
*Ошаки меҳмонаки ман шӯр шуд,*
*Чашмаки меҳмонаки ман кӯр шуд.*

Бузак зӯрияшро нишон дода истода, боми Шағолро сахттар кӯфта истода, ин хел ҷавоб гардондааст:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*– Манам Бузаки чиннӣ-миннӣ,*
*Ду шох дорам, ду биннӣ,*
*Ҳарду шохам кирминӣ,*
*Ҳарду бинним хилминӣ!*
*Кӣ хурдаст Ҳалули ман,*
*Кӣ бурдаст Булули ман,*
*Кӣ тиру камон дорад,*
*Кӣ меброяд ба ҷанги ман?!*

Шағол аз тарс қариб талхакаф шуда, бо зорию тавалло ҷавоб додааст:

*Нахурдам Ҳалули ту,*
*Набурдам Булули ту,*
*На тиру камон дорам,*
*На мебром ба ҷанги ту.*

## VI

Бузаки чиннӣ-миннӣ аз тори боми Шағол фаромада, кофтуковашро давом додааст. Боз чанд ҷангалро пай карда, чанд саҳроро тай карда, аз дарёи Буҳрон гузашта, ба хонаи Рӯбоҳ расидааст. Расидаасту ба болои боми ӯ баромада, бо қаҳру ғазаб кӯфтан гирифтааст. Чунон сахт, чунон бо қаҳру ғазаб кӯфтааст, ки аз шифти хонаи Рӯбоҳ каф-каф хок рехтааст.

Рӯбоҳи ҳайрону ҳаросон аз хонааш набаромада, аз роғи дар бо тарсу ларз пурсидааст:

*– Кист дар бомаки ларзонаки ман,*
*Хок мерезад ба дастархонаки ман?*
*Ошаки меҳмонаки ман шӯр шуд,*
*Чашмаки меҳмонаки ман кӯр шуд.*

Бузак зӯрияшро бисёртар нишон дода истода, боми рӯбоҳро аз он ҳам сахттар кӯфта, ин хел ҷавоб гардондааст:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*– Манам Бузаки чиннӣ-миннӣ,*
*Ду шох дорам, ду биннӣ.*
*Ҳарду шохам кирминӣ,*
*Ҳарду бинним хилминӣ!*
*Кӣ хурдаст Ҳалули ман,*
*Кӣ бурдаст Булули ман,*
*Ки тиру камон дорад,*
*Ки меброд ба ҷанги ман?!*

Рӯбоҳ аз тарс қариб талхакаф шуда, бо зорию тавалло ҷавоб гардондааст:

*– Нахурдам Ҳалули ту,*
*Набурдам Булули ту,*
*На тиру камон дорам,*
*На мебром ба ҷанги ту.*

## VII

Бузаки чиннӣ-миннӣ аз боми Рӯбоҳ фаромада, кофту ковашро боз ҳам давом додааст. Боз чанд ҷангалро пай карда, чанд кӯҳу саҳроро тай карда, ин дафъа аз дарёи Туфон гузашта ба хонаи Гург расидааст. Расидаасту ба болои боми ӯ баромада, бо қаҳру ғазаб покӯбӣ кардан гирифтааст. Чунон сахт, чунон бо қаҳру ғазаб кӯфтан гирифтааст, ки аз шифти хонаи Гург коса-коса хок рехтааст.

Гурги лаъин, ки то ин дам шиками ӯро бузичаҳо аз дарун мекӯфтанд ва ба азоби алим гирифтор буд, кӯфтани бому рехтани хокро дида истода, аз хашму ғазаб қариб девона шуда, дӯғ зада пурсидааст:

*– Кист дар бомаки ларзонаки ман,*
*Хок мерезад ба дастархонаки ман!?*
*Ошаки меҳмонаки ман шӯр шуд,*
*Чашмаки меҳмонаки ман кӯр шуд!*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бузак, ки аз ёфт нашудани Ҳалулаку Булулакаш ниҳоят ба хашм омада, дар ҳақиқат зӯр шуда буд ва дар ин дақиқаҳои шадид метавонист ба дови шеру паланг ҳам барояд, боми Гургро боз ҳам сахттар кӯфта истода, ҷавоб гардондааст:

*Манам Бузаки чиннӣ-миннӣ,*
*Ду шох дорам, ду бинни,*
*Ҳарду шохам кирминӣ,*
*Ҳарду бинним хилминӣ!*
*Кӣ хурдаст Ҳалули ман,*
*Кӣ бурдаст Булули ман,*
*Кӣ тиру камон дорад,*
*Кӣ меброд ба ҷанги ман?!*

Гурги аз дарду алам ба ҷонаш расидагӣ ба дараҷае хашмгин шудааст, ки хостааст Бузакро пора-пора кунад ва қасди азоби худро аз ӯ гирад. Барои ҳамин ӯ дӯғ зада ҷавоб гардондааст:

– *Ман хурдам Ҳалули ту,*
*Ман хурдам Булули ту,*
*Ман тиру камон дорам,*
*Ман мебром ба ҷанги ту!*

Бо ҳамин дӯғу пӯписа Гург аз хона баромадааст, Бузак аз бом фаромадааст ва ҳарду дар сари хирманҷо рӯбарӯ шудаанд.

Ҷанги Бузаки чиннӣ-миннӣ бо Гурги лаънатӣ як шабу як рӯз давом кардааст. Ба ҳамдигар чунон занозану кӯбокӯб кардаанд, ки ҳам шохҳои Бузак кунд шудаанд, ҳам дандонҳои Гург. Аз ҳамин сабаб онҳо ҷангро муваққат бас карда, барои тез кардани шоху дандонҳояшон ба назди усто рафтаанд.

Бузаки чиннӣ-миннӣ ба усто як хурма шир ва ҳафт кулча панир дастовез бурдааст. Дастовез бурдани Бузакро Гург дида истода, хостааст, ки тақлид кунад, яъне ӯ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳам ба усто дастовезе барад. Аммо Гурги лаънатӣ чӣ дорад? Ин сӯ рафта-он сӯ рафта, оқибат як таппак ёфтааст, ки онро дар барги парра печонида, ба усто савғотӣ бурдааст.

Усто дастовези Бузакро гирифта, шохҳои ӯро чунон тез кардааст, ки алмос барин. Вақте ки навбати Гург омадааст ва усто савғоти ӯро дидааст, ҳамаи дандонҳои Гургро якта-якта чинда, ба ҷояшон пундона шинонда мондааст.

Баъди ин онҳо боз дар сари хирманҷо ба якдигар рӯбарӯ шудаанд. Гург дар навбати худ як қап андохтааст, вале як тори мӯи Бузакро канда натавонистааст. Бузак бошад, дар навбати худ бо як зарбаи шохҳои алмос барин тезаш шиками Гургро дукафон кардааст ва ҳамон лаҳза Ҳалулаку Булулаки ӯ аз шиками Гург парида баромада, худро ба канори модарашон задаанд. Боз хушбахтона зиндагӣ кардаанд.

Онҳо дар он ҷо монданд. Мо ба ин ҷо расидем. Як себаки сурх дар тоқча, як тухмаки мурғ дар дегча. Ҳар кас, ки барвақт хезад, себаки сурх ҳам аз ӯ, тухмаки мурғ ҳам аз ӯ.

*12 июни соли 1986*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# МУНДАРИҶА


Сарнавишт. (А.Самадов).........................................3
Сагвафо..................................................................6
Дар меҳмонхона......................................................15
Гули садбарг...........................................................18
Набера.....................................................................26
Маликаи хубон.......................................................33
Тақдир, тарафи кистӣ? ..........................................38
Ҳаромигарӣ ҳар касро намепарварад...................42
Хайрухуш бо полиз ва сияҳгӯш ...........................48
Ана ҳамин хел одам буд бобои Карим .................51
Мо он рӯз фатво додем, ки Худо ҳаст ..................61
Сағале, ки фоли қисмати ман шуд .......................66
Ду зӯр дар як пода.................................................71
Пашшае дар рӯи наволаи кабоб...........................76
Мухтасари як «истироҳат»-и ман........................79
Айронаваича ..........................................................83
Эстафетаи қарзҳо ..................................................90
Ёди даҳ дарди дигар .............................................102
Ба хотираи ҳам ину ҳам он ..................................113
Хара ханда буза бозӣ
1. Дар ҷустуҷӯи ташаббуси меҳнатӣ....................121
2. Хуни ҷигар.........................................................125
3. Мазҳакаи ош......................................................130
4. Иди шавла..........................................................133
Як воқеа дар Даҳана .............................................139
«Чилу ҳашт»-и содамуғамбир ..............................143
Қарз ба қиёмат намонад, гуфтам..........................150
«Монда рафтанд»..................................................153
Номард бошу зинда бош ......................................157
Алмастӣ ё худ нашъаи зӯрӣ..................................168
Мухбири сайёр ва ду харбуза...............................173
Бузаки чиннӣ-миннӣ............................................183




*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Ғаффор Мирзо**

**ФОЛИ ҚИСМАТ**
*(маҷмӯаи ҳикояҳо)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Муҳаррири техникӣ *Маҳмуд Муллоев*

Ба матбаа 25.05.2009 супурда шуд. Чопаш 27.05.2009 ба имзо расид. Чопаш офсет. Коғази офсет. Ҷузъи чопӣ 6,0. Андозаи 84x108 1/32. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а.

Дар матбааи «Полиграфия Арсенал Принт»
ба табъ расидааст.
734025, ш.Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 31.
Тел.: 221 39 79

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*